ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 891.550
ТКБ: 83.3 (2 тоҷик)
С-28

САНГИНОВА ШАҲНОЗА КАРИМБОЕВНА

ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ ВА УСЛУБИИ ТАРҶУМАҲОИ АНГЛИСИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

Руйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ 4
МУҚАДДИМА 5
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ 7
БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ НАЗМӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ТАРҶУМАИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ 13
1.1. Хусусиятҳои забонии тарҷумаи осори назмӣ 13
1.1.1. Осори назмӣ ва мушкилоти тарҷумаи онҳо 21
1.1.2. Навъҳои тарҷумаи осори назмӣ 25
1.1.3. Ташаккул ва густариши тарҷумаи осори назмӣ 29
1.2. Марҳилаҳои тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва нигориши тарҷумаҳо 29
1.2.1. Марҳилаи аввал: асрҳои XVIII-XIX 34
1.2.2. Марҳилаи дувум: асри XX 40
1.2.3. Марҳилаи сеюм: асри XXI 44
Хулосаи боби якум 50
БОБИ II. ТАРҶУМАИ БАЪЗЕ ҚАБАТҲОИ ЛЕКСИКӢ-ФРАЗЕОЛОГИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ АЗ ҶОНИБИ МУТАРҶИМОН 52
2.1. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ 52
2.1.1. Идиомаҳо..... 54
2.1.2. Тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо 65
2.2. Тарҷумаи истилоҳот ва мафҳуми ирфонӣ 69
2.3. Вожаҳои марбут ба май 90
2.4. Реалияҳо дар тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофиз 92
2.5. Метафораҳо дар ғазалиёти Ҳофиз ва тарҷумаи онҳо..... 96
2.6. Тарзи тарҷумаи ономастикӣ (номҳо) 106
2.6.1. Топонимҳо..... 106

2.6.2. Антропонимҳо …… 110
2.6.3. Космонимҳо ……... 113
2.6.4. Антономасия ……..……... 116
Хулосаи боби дуюм …… 118
БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОӢ ВА УСЛУБИИ ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ 120
3.1. Хусусиятҳои маъноии тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ 120
3.1.1. Синонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо 120
3.1.2. Омонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо 125
3.1.3. Антонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо 130
3.2. Хусусиятҳои услубии тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ 145
3.2.1. Истифодаи вожаҳои куҳнашуда дар тарҷума 145
3.2.2. Калимаҳои услуби баланд ва тарҷумаи онҳо 150
3.2.3. Калимаҳои услуби паст ва тарҷумаи онҳо 157
Хулосаи боби сеюм 161
ХУЛОСА 163
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 170
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ 185

Рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

ДБЗХТ - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон

ФАТ – Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФЗМА – Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ-англисӣ-русӣ

ФИРЗТ – Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик

ФИХ – Фарҳанги ибораҳои халқӣ

ФМЗТ – Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ

ФНҶ – Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФТР – Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

қ. – қисм

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Тарҷума ва тарҷумашиносӣ имрӯз ба яке аз илмҳои меҳварии соҳаи филология мубаддал гаштааст. Хоса, тарҷумаи адабиёти бадеӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим буда, барои ошноӣ пайдо кардан аз урфу одат, тарзи зисту зиндагонӣ ва андешаҳои халқҳои гуногун созгор аст. Зикр бояд кард, ки тарҷумаи назму наср иртиботи адабии мардумонро боз ҳам қавӣ мегардонад. Мусаллам аст, ки дар илми тоҷик паҳлуҳои гуногуни тарҷумаҳои адабӣ аз назари адабиётшиносӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аммо ба пажӯҳиши вижагиҳои забонии тарҷумаҳои осори насрӣ ва назмӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир шуда, дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти ангуштшуморе мавҷуданд, ки ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои забонӣ, хусусан хусусиятҳои лексикиву услубии тарҷумаҳои осори назмию насрии тоҷик бахшида шудаанд.

Тазаккур бояд дод, ки мактаби тарҷумаи тоҷик решаи хеле амиқ дошта, ҳанӯз дар асрҳои IV-III пеш аз милод ба се забон навишта шудани сангнабиштаҳои кӯҳи Бесутун маълум аст. Баъдан дар даврони Сосониён ва Сомониён тарҷумаи матнҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, тарҷумаи «Панҷатанра (Панҷ китоб)» бо унвони «Калила ва Димна» аз забони ҳиндӣ ба паҳлавӣ, пасон аз паҳлавӣ ба арабӣ ва баъдан дар асри X дар замони Сомониён бо амри вазири донишманд Абулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба тоҷикӣ намунаи барҷастаи тарҷуманигории тоҷик маҳсуб меёбад. Фаъолияти тарҷумонӣ дар асри XX ривоҷи бештар ёфта, дар ин кори душвор саҳми босазои устодони сухан Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ҳабибулло Файзулло ва устодони пуртаҷрибаи ҳирфаи тарҷумонӣ Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҳасан Ирфон, Раҳим Ҳошим, Эммануил Муллоқандов, Шамсӣ Собир, Ҷумъа Одина, Нусур Холмуҳаммадов, Шариф Шараф, Анора Остонова, Аслам Адҳам ва дигарон хеле бузург аст.

Дар баробари инҳо шоирони ширинкалом Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Муъмин Қаноат ва дигарон ба тарҷумаи асарҳои назмӣ пардохта,

беҳтарин тарҷумаҳоро ба майдони назм меоваранд. Дар адабиёти рус бошад, А.С. Пушкин, Л. Толстой, А. Блок, А.М. Горкий, Б. Пастернак, Г. Плисетский, С. Маршак, В. Жуковский ва дигарон қадамҳои устувор дар илми тарҷумашиносӣ гузоштаанд. Тазаккур бояд дод, ки тарҷумаи назм нисбат ба наср вижагиҳои хоси худро дорад. Чунки шеъру ғазал ва дигар анвои шеърӣ, пеш аз ҳама каломи манзум аст ва тарҷумаи он ба таври шеърӣ басо кори мушкил аст.

Оид ба тарҷумаи ғазалиёти Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ ба забони англисӣ то ҳол ягон таҳқиқоти чашмрас ва мукаммал ба анҷом нарасидааст. Ба истиснои баъзе таҳқиқотҳои олимони рус (он ҳам аз забони форсӣ ба русӣ). Тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби тарҷумонони англисзабон ба омӯзиш ва таҳқиқоти амиқу ҳамаҷониба ниёз дорад. Хусусан, муқоисаи матни асл бо тарҷумаҳо таҳлили дақиқнигорона металабад. Дар ин робита таҳлилу таҳқиқи тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар забоншиносии муқоисавии миллӣ кори нахустин хоҳад буд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи хусусиятҳои лексикӣ ва услубии тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз назари забоншиносӣ ба таври бояд омӯхта нашудааст. Албатта, таҳқиқи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ҳам аз назари адабиётшиносӣ ва ҳам забоншиносӣ яке аз мавзуъҳоест, ки зиёд омӯхта шудааст.

Хоса, дар Тоҷикистону Эрон ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҳар зовия омӯхта шуда, мавриди таҳлилу таҳқиқи донишмандон будаву ҳаст. Ҳатто дар адабиёти рус ва хориҷ низ ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз масоили меҳварии омӯзиши онҳо аст. Муҳаққиқон А. Афсаҳзод [1971], П.Н. Хонларӣ [1989], Н.И. Пригарина [1989], Б. Хуррамшоҳӣ [1990], М.Б. Акбарободӣ [1992], аз муҳаққиқони ватанӣ Ш. Мухтор [1982], В. Самад [1991], Қ. Восеъ [1991], Ш. Каримов [1993], М. Ансор [1994], Ш. Исрофилниё [1995], М. Саломов [2000; 2018], М. Бобоева [2003], М. Раҳимова [2011] ва дигарон паҳлӯҳои гуногуни ғазалиёти Ҳофизи Шерозиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, ки кори анҷомдодаи эшон ҳамчун маъхази омӯзиш ва сарчашмаи

муътамад хидмат мекунад. Аммо махсус мавзуе, ки ба таҳлили ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби тарҷумонони англис бахшида шуда бошад, ба чашм нарасид. Танҳо ду мақолаи Ҳадя Назирова [1972; 1989] дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва маҷмуи мақолаҳо ба дараҷаи омӯзиши Ҳофизи Шерозӣ дар Англия бахшида шудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқот дар робита бо мавзуъҳои илмии кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, ки барои солҳои 2010-2014 ва Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ гардида буд, таҳия шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосии таҳқиқот муқоисаи асли ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бо тарҷумаҳои англисии он, муайян кардани хусусиятҳои лексикӣ ва услубии ғазалҳо, таҳлили вижагиҳои тарҷумаи ғазалҳо ва муайян кардани тарҷумаҳои ғалат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар диссертатсия ҳалли масъалаҳои зеринро вазифаи худ қарор додем:

- баррасии мушкилот ва хусусиятҳои забонии тарҷумаи осори назмӣ, воситаҳои интиқоли каломи манзум аз як забон ба забони дигар;
- омӯзиши марҳилаҳои тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва нигориши тарҷумаҳо;
- муқоиса ва таҳлили услуби тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби мутарҷимон: Гертруда Белл, Дик Дэвис ва Леонард Левисон;
- таҳлили баъзе қабатҳои лексикӣ-фразеологии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби мутарҷимон;
- муқоисаи интиқоли вожаҳои бемуодил дар тарҷумаҳои шоирони гуногун;
- муайян намудани хусусиятҳои маъноӣ ва услубии тарҷумаҳо.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ таҳлили тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби тарҷумонони англисизабон дар марҳилаҳои гуногун ва муқоисаи асл бо тарҷумаҳо мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқот баррасии хусусиятҳои лексикӣ ва услубии тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро асарҳои илмию назариявии забоншиносон ва адабиётшиносон ташкил медиҳанд. Дар забоншиносӣ корҳои баанҷомрасондаи В.В. Котетишвили «К вопросу о толковании лирики Хафиза» [1964], Ш. Каримов «Семантика лексических единиц газелей Хафиза» [1993], М. Саломов «Ифодаҳои маҷозӣ дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ» [2000], М. Бобоева «Масъалаҳои маърифати бадеӣ ва таҳлили ашъори Ҳофиз дар «Шарҳи Судӣ» [2006], инчунин асарҳои илмии П.Ҷ. Ҷамшедов, З.М. Мухторов, А. Мамадназаров, Х.Ҷ. Шамбезода, Д.М. Искандарова, С.С. Ҷаматов, Ф.М. Турсунов, А.С. Самадов, Ҳ.А. Саидов, М.Н. Азимова, С.Қ. Матробиён ва дигарон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Асарҳои муҳаққиқон дар илми адабиётшиносӣ А. Афсаҳзод [1970; 1971; 1986; 1993], М. Ҳиҷозӣ [1970], Ҳ. Назирова [1972; 1989], Х. Мирзозода [1978], Ш. Мухтор [1982], Қ. Восеъ [1984; 1986; 1991], Ш. Ҳусейнзода [1985], И. Сатторзода [1988], П.Н. Хонларӣ [1989], Н.И. Пригарина [1989], Б. Хуррамшоҳӣ [1990], В. Самад [1991], М. Ансор [1991; 1994], Акбарободӣ [1992], Ш. Исрофилниё [2006; 2008], М.И. Раҳимова [2011] ва дигарон асоси таҳқиқот мебошанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Пойгоҳи таҳқиқотро «Девони Ҳофиз»-и Парвиз Нотили Хонларӣ, «Куллиёт»-и Ҳофизи Шерозӣ (Мураттиб ва муаллифи сухан Ҷ. Шанбезода), «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ (Таҳияи матн аз Ш. Исрофилниё), тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофиз: «Faces of Love»-и Дик Дэвис, «Fifty

poems of Hafiz»-и А.Ҷ. Арберри, «The teaching of Hafez»-и Гертруда Белл ва «The Angels knoking on the tavern door»-и Р. Блай ва Л. Левисон ташкил медиҳанд. Инчунин девонҳои дар солҳои гуногун нашршудаи Ҳофизи Шерозӣ [1951; 1957; 1967; 1971; 1983; 2001; 2006; 2008; 2015], ки заминаи меҳварии таҳқиқ гаштаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ин пажӯҳиши махсуси муқоисавии хусусиятҳои лексикӣ ва услубии тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ мебошад.

Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ ғазалҳои Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба сифати тарҷумаҳои баанҷомрасида аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ баҳо дода мешавад. Бори нахуст тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бо нусхаи асл муқоиса шуда, монандӣ ва тафовути тарҷумаҳо нишон дода мешавад. Инчунин, доир ба тарҷумаи фразеологизмҳо, зарбулмасалу мақолҳо, реалияҳо, ҷойномҳои мифологӣ ва воқеӣ, номҳои шахсиятҳои таърихӣ ва динӣ ва вожаҳои хоси услуби ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ нахустин маротиба иттилоъ дода мешавад.

Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ ғазалҳои Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ба сифати тарҷумаҳои баанҷомрасида аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ баҳо дода мешавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Тарҷумаи осори назмӣ яке аз мушкилтарин ҷанбаҳо дар тарҷумаи бадеист. Ҳар як шеъру ғазал ба худ хусусиятҳои хоси фарқкунандаро дорад. Зимнан тарҷумаи осори назмӣ ҳам бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Яъне тарҷумаи каломи манзум метавонад дар шакли мансур сурат гирад.

2. Тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ҳанӯз аз асри XVII дар Аврупо ибтидо ёфт ва то имрӯз идома дорад. Марҳилаҳои тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз асри XVIII то асри XXI мавриди омӯзиш

қарор гирифтанд. Услуб ва хусусиятҳои тарҷума низ дар ин марҳилаҳо гуногун ҳастанд.

3. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз мумтозтарин шоиронест, ки дар истифода бурдани ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақол ва маҷоз маҳорати хос дорад. Албатта, зимни тарҷума ин ифодаҳо тарҷумапазиранд. Тарҷумон ҳини тарҷума ё муодили онҳоро дарёб мекунад ё тарҷумаи тасвирӣ мекунад. Омӯзиши тарҷумаҳо нишон доданд, ки бештари тарҷумонон аз тарҷумаи тасвирӣ кор гирифтаанд.

4. Истилоҳот ва мафҳумҳои ирфонӣ аз вожаҳои калидии Ҳофизи Шерозист. Гуфтан мумкин шиносномаи ғазалҳои шоирро ташкил медиҳад. Ин мафҳумҳо гоҳо барои тарҷумон фаҳмову гоҳо укдаҳо норушананд. Чунки ин истилоҳҳои ирфонӣ, ки аз тасаввуф сарчашма мегиранд, хусусияти сирф ирфонӣ доранд.

5. Ономастикаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ҳам арзиши омӯзиш аст. Ин онимҳо сарчашмаи омӯзиши номҳои таърихиву динӣ, маконҳои зебову илҳомбахши шоир, номҳои ҷирмҳои осмонианд, ки аз дониши ҳамаҷонибаи шоир далолат мекунанд. Тарҷумонони осори Ҳофизи Шерозӣ ҳам бо риояти хусусиятҳои овоии забони англисӣ онҳоро транслитератсия кардаанд ва ҷойе ба ҳодисаи антономасия рӯ ба рӯ гаштаанд.

6. Таҳлили тарҷумаҳои синонимҳо, антонимҳо ва омонимҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ нишон дод, ки вожаҳои синонимиву антонимӣ ва омонимии ҳар як вижагиҳои хоси худро дорад. Аммо дар ин радиф омонимҳое вохӯрданд, ки комилан бо асл баробаранд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои пажӯҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ метавонад мусоидат кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳои забоншиносӣ

ва тарҷумашиносӣ хидмат намоянд. Ҳамзамон барои таҳлилу баррасии тарҷумаи шеър, хоса ғазал, барои қиёси асл бо тарҷумаҳо заминаи хубе хоҳад шуд. Фарқият ва умумияти ғазалҳои асл бо тарҷума имкон медиҳанд, ки ин мавзуъ дар оянда ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Натиҷаи ин таҳқиқотро ҳамчун мавод дар пажӯҳишҳои оянда метавон истифода бурд. Дар таҳлили типологии осори назмӣ метавон чун маъхаз нишон дод. Арзиши амалии ин кор дар он аст, ки дар омӯзиши осори Ҳофизи Шерозӣ дар Ғарб ва тарҷумаҳои англисии ғазалиёти шоир ҳамчун дастур истифода шавад. Дар кор тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бо ҳам муқоиса шуда, вижагиҳои тарҷумаи мутарҷимон дар робита ба хусусиятҳои лексикӣ ва услубии тарҷумаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ҳамчун маълумот барои муҳаққиқон ва ҳаводорони ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дорои арзиши амалӣ мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқот дар он аст, ки кори баанҷомрасонида дар асоси маъхазҳои муътамади илмӣ ва сарчашмаҳои дақиқ рӯйи кор омадааст. Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии лексика ва услуби тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз забони тоҷикӣ ба англисӣ, ки ҳар ду аз назари типологӣ аз ҳам мухталиф мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба рамзи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-3610.02.20 – 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Хусусиятҳои лексикӣ ва услубии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар забоншиносии муқоисавӣ бори нахуст дар шакли диссертатсия таҳқиқ шуд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (28.04.2021; 28.10.2022), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (25.11.2022), Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (8.12.2022) ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (18.11.2022) мавриди баррасиву муҳокима қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №6/1 аз 20 январи соли 2023) ва Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи мазкур (суратҷаласаи №7 аз 24 феврали соли 2023) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссератасия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 186 саҳифаи компютерӣ иборат мебошад.

БОБИ I.
АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ НАЗМӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ТАРҶУМАИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

1.1. Хусусиятҳои забонии тарҷумаи осори назмӣ

Тарҷумаи асарҳои бадеӣ, матнҳои сиёсиву иқтисодӣ ва дигар анвои муносибатҳои инсон аз замони хеле қадим сурат мегирад. Мардумон барои беҳтару бештар барқарор намудани робитаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ ва огоҳӣ аз афкору андешаҳои ҳамдигар рӯ ба тарҷума овардаанд. Ҳамин андешаро яке аз муҳаққиқон Г. Гачечиладзе дар китоби худ «Муқаддимаи назарияи тарҷумаи бадеӣ» нозукбинона нигоштааст: «Марҳилаи аввалини таърихӣ дар тарҷума даврони қадим ба ҳисоб меравад, хоса он муносибатҳои муштараке, ки ба воситаи тарҷума дар байни фарҳанги юнониёни қадим ва римиён барқарор мешуданд» [35, 5]. Ба андешаи В.С. Виноградов тарҷума яке аз машғулиятҳои қадимаи инсоният ба ҳисоб меравад. Гуногунии забонҳо одамонро ба он водор сохт, ки ба ин кори мушкил, вале хеле зарурӣ даст зананд [27, 5].

Тарҷумаи осори назмӣ бо назардошти вижагиҳои шеърӣ ва назми забони дигар кори хеле душвор аст. Яъне тарҷумон барои эҷоди тарҷумаи шоирона бояд истеъдоди адабию шоирӣ дошта, донандаи хуби забони матни тарҷума ва матни асл бошад.

Ба андешаи В.С. Виноградов «Мувофиқати тарҷума ба асл фаҳмиши нисбӣ аст. Дараҷаи наздикии тарҷума ба асл аз бисёр унсурҳо бастагӣ дорад: аз маҳорати тарҷумон, аз хусусиятҳои забонҳои муқоисашаванда ва фарҳанг, замони офариниши асл ва тарҷума, воситаҳои тарҷума ва мазмуни матнҳои тарҷумашаванда» [27, 18].

Тарҷумонон А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода, Р. Ҳошим, Ш. Шараф, А. Адҳам, Л. Шералӣ, Б. Собир ҳамчун беҳтарин мутарҷимон асосан ба тарҷумаи асарҳои насрию назмӣ аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ машғул шудаанд. Вале тарҷумаи осори назмию насрии тоҷикӣ ба

забонҳои дигар тарафи дигари кор аст, ки мавриди таҳқиқоти мо қарор гирифтааст. Дар кори диссертатсионии мазкур мо ба масъалаҳои тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ба забони англисӣ таваҷҷуҳ намудем. Қобили зикр аст, ки ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, ки аз ҷониби мутарҷимони гуногун ба забони англисӣ тарҷума шудаанд, дорои вижагиҳои хоси забонӣ мебошанд. Маҳз пажӯҳиши ҳамин вижагиҳо зарурати таҳқиқотро ба миён овардаанд, ки мубрамияти мавзуи диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

Тавре ки маълум аст, тарҷумаи осори назмӣ бояд нусхаи дақиқи асл бошад. Табиист, ки ба хотири нигаҳдории маънои асл ва такрористеҳсолкунии бевосита бо истифодаи арзиши шоирона, тарҷумон бояд диққатро ба унсурҳои муҳимтарини кор, яъне маънои эстетикӣ сарф намояд. Зуҳуроти ғайритарҷумавӣ дар раванди тарҷумаи матнҳои шеърӣ, ҳам аз ҷиҳати фардияти муаллиф ва ҳам вобаста ба хусусиятҳои забонӣ фарқиятҳо доранд. Қариб ҳар як порчаи шеър нотакрор, мисли шахсияти шоире, ки онро навиштааст, тарҷума мешавад. Аз ҳама бештар, шеър асолати муаллиф ва забони модарии ӯро равшан инъикос менамояд.

Барои эҷоди тарҷумаи шоирона, тарҷумон бояд истеъдоди адабӣ: шеър навишта тавонистан, маънои аслиро ҷой дода тавонистанро дошта бошад. Ҳамин тариқ, навъи шоиронаи тарҷумаи осори шоирон метавонад беҳтар бошад ва он қуллаи тарҷумаи адабии матн номида мешавад.

Воқеан, тарҷуманигорӣ роҳи дуру дарози таърихиро тай намуда, ҳамчун илм танҳо дар асри XX бунёд мегардад. Муҳаққиқ А.Г. Гайнутдинова, дар китобаш «Назарияи тарҷума» ҳамин нуктаро тасдиқ мекунад: «Тарҷума ҳамчун илми мустақил танҳо дар асри XX арзи ҳастӣ кард» [30, 5]. Е.В. Бреус ҳам ин андешаро дастгирӣ мекунад [25].

Ба андешаи К. Абдикеримов «Тарҷума халқҳоро ба ҳам наздик мекунад, ба якдигарфаҳмии байни миллатҳо хидмат мекунад. Забон ба як халқ тааллуқ дорад, тарҷума бошад, забони байналхалқист» [1, 4]. Мо бо андешаи муҳаққиқ розӣ ҳастем, чунки асари тарҷумашуда аллакай на танҳо моли як халқ, балки асари ҷаҳонӣ мешавад. Ба андешаи Е.Г. Эткинд

«дарки назми дигар халқ маънои дарки хислати миллии дигарон, ҷаҳони эҳсосотии онҳо аст» [132, 3].

Новобаста аз он ки тарҷумашиносӣ дар асри XX ҳамчун илм рӯйи кор омад, аммо таваҷҷуҳ ба тарҷумаи осори назмӣ дар асрҳои миёна хеле зиёд мегардад. Тавассути осори тарҷумашуда одамон бо андешаву тафаккур, урфу одат ва воқеияти рӯзгору аҳволи дигар халқ аз наздик ошно мешаванд, якдигарро мешиносанд.

Масалан, осори классикии тоҷику форс диққати шоирону нависандагони Аврупову Амрикоро ба худ ҷалб карда, ҳанӯз дар асрҳои миёна ба тарҷумаи осори назмию насрии онҳо даст зада буданд, чунки бо он бузургӣ осори гаронмояи насрию назмии тоҷик касеро наметавонад бетафовут гузорад.

Бузургони олам махсусан аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, рубоиёти Умари Хайём, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридаддуни Аттор ва ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ лаззати беш гирифтаанд, ки аз ин таассуроташон дар китобҳои хеш қайд кардаанд.

Тарҷумаи матни назмӣ ҷараёни адабие аст, ки нисбат ба навиштани нусхаи асл кӯшиши ками эҷодӣ талаб намекунад: на танҳо ифодаи маънӣ, балки нигоҳ доштани вазифаи эстетикӣ, прагматика, инчунин ташкили поэтикии он ҳам муҳим аст.

Тарҷума ҳамчун як соҳаи мустақили забоншиносии муосир аз ҷониби муҳаққиқоне, ки назарияи онро таҳия мекунанд, ба таври гуногун муайян карда мешаванд. Зикр бояд кард, ки барои тарчума кардани ягон асар, мутарҷим бояд, пеш аз ҳама, эҷодиёти нависанда ё шоир, замони ӯ, хусусиятҳои забон ва услуби ӯро мукаммал омӯзад. Тарҷумони тоҷик Ҳабиб Аҳрорӣ бар он назар буд, ки: «фақат аз нуқтаи назари илмӣ бодиққат омӯхтани асли асар, дуруст акс кунонидани ҳамаи хусусиятҳои бадеии онро таъмин менамояд» [81, 100].

Ба матни асар айнан мувофиқ будани тарҷума аз рӯйи қонунҳо ва меъёрҳои забон муайян мегардад. Яке аз принсипҳои тарҷумаи бадеӣ ин бо воситаҳои забонӣ дар ҳудуди меъёрҳои забони модарӣ аз ҷониби тарҷумон нишон додани хусусиятҳои бадеӣ ва миллии асар, фикри муаллиф ва ғайраҳо мебошад.

Ҳар як қаҳрамони асар забони ба худ махсусе дорад. Яке аз вазифаҳои мутарҷим ин дарёфти маҳз ҳамин хусусиятҳои забони қаҳрамони алоҳида мебошад. Хеле хуб зикр намудааст Ҳабиб Аҳрорӣ: «Азбаски вазифаи тарҷума, пеш аз ҳама, ба забони дигар ифода кардани фикри муаллиф аст, чунин воситаҳои ифодаро ёфта, ба кор бурдан лозим аст, ки фикри муаллиф дар тарҷума возеҳ, равон ва пурра дода шудааст. Иҷрои ин вазифа талаб мекунад, ки забони тарҷума ба нормаҳои забони умумихалқӣ мувофиқ бошад» [81, 100].

Сарфи назар аз ақидаҳо, ки дар боло зикр намудем бисёр олимони дигар тарҷумаро ҳамчун раванди табдил додани асари нутқии як забон ба як забони дигар бо нигоҳ доштани мундариҷаи бетағйир муайян мекунанд.

Бисёр аз забоншиносон мундариҷаи маводи тарҷумашударо ҳамчун иттилооте, ки матн дорад, меноманд. Ин маълумот гуногунҷанба ва гуногунранг буда, аксар вақт бо воҳидҳои забонии таркиби он кам карда намешавад, балки таъсири мутақобилаи иттилоотӣ тавассути воҳидҳои забонӣ дода шуда, ҳамчун иттилооти иловагӣ ба воситаи истифодаи ин воҳидҳо интиқол дода мешаванд.

Интиқоли иттилоот ҳангоми тарҷумаи матн аз як забон ба забони дигар амалисозии муошират аст, зеро тарҷума шакли хоси муоширати байни одамон тавассути забон мебошад. Мундариҷаи матн ин иттилооти семантикӣ мебошад, ки онро ҳамчун иттилооти дар матн мавҷудбуда муайян кардан мумкин аст, ки имкон медиҳад робитаи он бо як қисмати воқеият, бо ягон ҳолати фарозабонӣ муқаррар карда шавад.

Шакли маводи тарҷумашавандаро метавон тарзи мавҷудияти иттилооти маъноӣ, принсипи мураттаб будани он, тарзи ифодаи мазмун ва таркиби сохтории он номид.

Аммо барои тарҷумаи осори назмӣ на танҳо зинаи низоми унсурҳои маъноии асар ва аломатҳои забонӣ, балки сифатҳои забонӣ мебошад, ки ба назм хос аст. Ба ин дохил мешавад: ритм, қофия, радиф, муносибати байни садонок ва ҳамсадоҳо, дарозӣ, оҳанг ва ғайра. Ин сифатҳои забон ба матни шеърӣ тартиби хосе бахшида, вожаҳои матни шеъриро бештар ба забон вобаста мекунанд. Калима дар осори адабӣ дар ҳар корбурд метавонад дар як вақт тамоми имкониятҳои маъноӣ ва услубии худро дар шакли ошкор ё ниҳон дошта бошад, дар ҳоле ки барои як калима дар матни шеърӣ ба ҷуз аз маъно масъалаи оҳанги он ҳам возеҳ ва муҳим мегардад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки вожа дар осори назмӣ сифатҳои хос пайдо мекунад.

Дар мавриди ҳамоҳангии калимаҳо муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Маҷидов фикри худро баён намуда, зикр мекунад, ки калимаҳои ҳамранг ё ҳамоҳанг дар қолабҳои муайян ба вуҷуд меоянд. Аммо миқдори ин гуна қолабҳои овозӣ дар забон чандон зиёд нестанд. Ба андешаи муҳаққиқ: «Калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамагӣ дар асоси шаш қолаб ба вуҷуд омадаанд. Дар доираи қолаби ҷудогона низ тавлиди калимаҳо беҳудуд нест. Системаи муқтадири забон дар доираи ин ё он қолаб аз имкониятҳои мавҷудаи худ миқдори башумури калимаҳоро ба вуҷуд меоварад, ки онҳо ҳам ба ҳамдигар монандиҳои зиёди овозӣ доранд» [74, 71]. Ба вуҷуд омадани вожаҳои гуногун дар заминаи ин ё он қолаби муайян сабаби асосии пайдоиши калимаҳои ҳамоҳанг шуда метавонад.

Ба андешаи муҳаққиқи болозикр «калимаҳои ҳамоҳанг қонунияти хос доранд» [74, 71]. Воқеан омилҳои гуногуни овозӣ дар тавлиди чунин навъи калимаҳо таъсир мерасонанд. Масалан, бо ҳам ҳамқофия шудани калимаҳое, ки овозҳои мавқеи охири онҳо як хел садо медиҳад. Инчунин як хел будани овозҳои ҳамсадо (аллитератсия) ва овозҳои садонок (ассонанс) ҳамвазнии кулли қолаби овозии калима бо калимаҳои дигар ба ин қатор

дохил мешаванд. Аз ин бармеояд, ки яке аз воситаҳои муҳимтарини мавҷудияти ҳамоҳангии калимаҳо ин ифодаи қофияи онҳо, яъне мавқеи охири калима мебошад.

Дар ин робита муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки «Аломати калимаҳои ҳамоҳанг ба тариқи анъанавӣ дар назми тоҷик ҳамчун воситаи муҳимтарини офаридани порчаҳои манзум ва насри мусаҷҷаъ истифода мешавад» [74, 72].

Ҳамин гуфтаҳои муҳаққиқро мо дар мисоли ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ баръало мушоҳида менамоем. Чунончи:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили **моро,**
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду **Бухороро** [119, 43].

Дар тарҷума калимаҳои **«моро»** ва **«Бухороро»**, ки ҳам дорои қофия («мо» ва «Бухоро») ва ҳам радиф (пасванди «-ро» ҳаргиз наметавонанд бо ҳам қофия ё радиф шаванд. Вале мутарҷимони бомаҳорат метавонанд калимаҳои ҳамоҳангро дар забони тарҷума ёфта, онҳоро истифода барад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими таҳқиқоти осори назмӣ дар он аст, ки қолабҳои забонӣ ва нутқи муназзам дар он ҳам аз ҷиҳати забоншиносӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарозабонӣ баррасӣ мешаванд. Масъалаи истифодаи вожаҳои гуногун барои баёни маъно, шинохти дурусти маънои хабар, интихоби оптималии шакли забон вобаста ба ҳадаф ва шароити муошират дар маркази таваҷҷуҳи забоншиносон қарор доранд. Мусаллам аст, ки маъношиносӣ, агар як соҳаи забоншиносӣ бошад, аммо суханварӣ ва ҳусни баён ё баёну фасоҳат соҳаҳои дигари забоншиносӣ мебошанд, ки ба ҳунари сухандонию суханварӣ бахшида шудаанд.

Дар баробари соҳаҳои мазкур истилоҳи «версификатсия» (шеърнависӣ) дар адабиёти тарҷумонӣ зиёд корбаст мешавад. Версификатсия - малакаи фикри худро тавассути назм баён намудан мебошад. Маҳз ҳамин малака ҳамчун илм омӯхта мешавад. Версификатсияи муосир як соҳаи хеле инкишофёфтаи илм буда, асоси асарҳои сершумори

назмӣ мебошад, ки эътирофи байналмилалӣ гирифтааст. Таҳқиқоти ин масъала дар асри XX, агар аз муҳаққиқони рус А. Белий, В.Я. Брюсов, В.В. Томашевский, Б. Эйхенбаум, В.М. Жирмунский, Ю.Н. Тинянов, М.П. Штокмар, Л. Тимофеев, С.М. Бонди сарчашма гиранд, аммо дар мактаби шеършиносии тоҷик бо номҳои каломи бадеъ ё балоғати сухан ҳанӯз аз асрҳои миёна оғоз гардида буд. Аз рӯйи асарҳои донишмандони илми балоғат вазифаҳои бадеии забони шоирӣ барои инъикоси таҳаввулоти аз ҷиҳати эстетикӣ муҳим ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ таъсирбахш тарҳрезӣ шудааст.

Забоншиноси маъруфи тоҷик Б. Камолиддинов ба масъалаи ҳусни баён ва фасоҳат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба он назар аст, ки фасоҳат аз се навъ иборат аст: фасоҳати калима, фасоҳати калом *(сухан - Ш.С.)* ва фасоҳати мутакаллим *(гӯянда - Ш.С.)*. Вобаста ба ҳамин масъала забоншинос шарҳи зеринро манзур менамояд: «Калимаеро фасеҳ хонанд, ки нуқсонҳои танофури ҳуруф, ғарибат ва мухомири қиёс надошта бошад. Каломи фасеҳ он аст, ки аз танофури калимот ва маънӣ, заъфи таълиф, таъқиди лафзию маънавӣ, татобеи изофат ва касрати такрор фориғ бошад. Мутакаллиме фасеҳгуфтор аст, ки аз ғановати луғавӣ, маънӣ, калимасозӣ ва шаклу қолабҳои сарфию наҳвии забон бархурдор бошад, ҳар муддаоро, ки дар дил дорад, озод, фасеҳ ва пурра баён карда тавонад» [60, 6].

Воқеан, агар калима фасеҳ набошад, нуқсонҳои имлоиву грамматикӣ дошта бошад, агар сухан фаҳмо набуда, заъфи маъно дошта бошад ва, агар гӯянда ё шоир хушбаён набошад ва дар калимасозиву ибораороӣ аз қолабҳои грамматикии забон огоҳ набошад, дар ин ҳолат тарҷумаи осори назмӣ ё насрии чунин шоир хеле душвор гардида, аз нуқсонҳои лафзию маънӣ орӣ нахоҳад буд. Бар хилофи забони маъмулӣ, низоми амсиласозии ибтидоӣ («тасвири ҷаҳон»)-и забони осори назмӣ низоми дуюмдараҷаи амсиласозӣ мебошад, ки дар он худи аломат мазмуни худро амсила мекунад. Забони осори назмӣ ба худ хос шаклу мухотаби баёни шоиронаро

талаб мекунад, ки сабабу оқибатҳои интихоби ғайриоддиро дарк кунад, на тарзи баён.

Матни шеъри тарҷумашуда ба тамоми қоидаҳои забони додашуда итоат мекунад. Аммо нисбат ба забон маҳдудиятҳои нави иловагӣ ба миён гузошта мешаванд: талаби риояи меъёрҳои муайяни метро-ритмикӣ дар сатҳи фонологӣ, луғавӣ ва идеявию таркибӣ. Ҳамаи ин матни шеъриро нисбат ба гуфтори оддӣ хеле «ғайриозод» мекунад.

Хусусияти хабардиҳии матн дар назм меафзояд, ки дар назари аввал аз муқаррароти асосии назарияи иттилоърасонӣ дур мешавад.

Ба тадриҷ зиёд шудани маҳдудиятҳои иловагии шоирона ба матн боиси якбора афзудани имкониятҳои таркиби воҳидҳо ва унсурҳои дохили матн мегардад, ки ба таври зер онҳоро метавон тафсир кард:

1. Унсурҳои аз ҷиҳати сохторӣ муҳим ва вобаста ба забон ва гунаҳои он дар сатҳи нутқ ҷойгир шудаанд. Онҳо дар натиҷаи таносуб бо воҳидҳои муайяни гунаҳои гуногуни сатҳи забонӣ пайдо мекунанд.

2. Дар доираи сатҳи забон унсурҳое ҳастанд, ки маънои семантикӣ доранд, яъне бо ҳар воқеияти забонӣ алоқаманданд ва танҳо маънои дохилизабонӣ (масалан, грамматикӣ) доранд.

Агар ба мазмуни шеър нигарем, мебинем, ки:

1. Ҳар гуна унсурҳои сатҳи забонро метавон ба дараҷаи муҳим баланд кард.

2. Ҳар гуна унсурҳое, ки дар забони расмӣ мебошанд, метавонанд дар шеър хусусияти маъноӣ касб намуда, маъноҳои иловагӣ гиранд.

Ҳамин тавр, баъзе маҳдудиятҳои иловагие, ки ба матн гузошта шудаанд, онро ба шеър монанд мекунанд. Вақте матнро ба унвони асари назмӣ тасниф кунем, шумори унсурҳои муҳим дар он қобилияти афзоишёбӣ пайдо мекунад. Аммо, на танҳо унсурҳою воҳидҳо, балки низоми коркарди интиқоли онҳо низ мураккабтар мешаванд.

Дар назм ин меъёр хусусияти бештар умумӣ пайдо мекунад: унсурҳое, ки дар матни умумии забон ба ҳам алоқаманд нестанд, инчунин ба

сохторҳои гуногун ё ҳатто сатҳи сохторҳои гуногун тааллуқ доранд, дар контексти назмӣ муқоиса ё муқобил мебароянд. Принсипи муқобил будани унсурҳо дар назм ва гуфтори одӣ як принсипи умумии сохторсозӣ мебошад.

Ба андешаи Абуалӣ ибни Сино «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад» [115, 72].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «шеър – сухани мавзуни қофиядор, асари бадеие, ки ба ин тарз навишта шудааст: Шеър бастан, шеър гуфтан, шеър донистан; шеър хондан [146, 666].

Қофия сарҳади шеър аст. Нишони сарҳади шеър калимаҳои ҳамоҳанг ҳастанд, ки дар охири мисраъ меоянд. Ҳар як унсури муҳим майл дорад ҳамчун аломате амал кунад, ки маънои мустақил дорад. Матни том ҳамчун ибораи муайян, занҷири синтагматикии як сохтор пешниҳод мешавад. Дар баробари ин, як унсур танҳо ба сифати ҷузъи аломат амал карда, тамоми аломатҳои ягонаро ба даст меорад, ки маънои умумӣ ва ҷудонашаванда дорад.

Агар ба маънои аввал бигӯем, ҳар як фонема дар мисраъ ҳамчун калима рафтор мекунад, пас дар дувум метавон мисраъ ва дар ниҳоят, тамоми матнро ҳамчун калимаҳои ба таври махсус сохташуда баррасӣ кунем.

Маънои шеър дар сатҳҳои метрикӣ, синтаксисӣ ва маъноӣ зоҳир мегардад. Онро ягонагии созмони фонологӣ, ки аксаран дар дохили байт робитаҳои мустаҳками маҳаллӣ ташкил медиҳанд, пурра кардан мумкин аст.

1.1.1. Осори назмӣ ва мушкилоти тарҷумаи онҳо

Мушкилоти тарҷумаи шеърӣ одатан ба ду масъала алоқаманд аст:

- интиқоли асолати миллӣ-идеологӣ ва психологӣ (интиқоли сохтори як шуур ба воситаи сохти шуури дигар);

- асолати тарҷуманашавандаи воситаҳои забонӣ (идиомаҳо).

Дар мавриди масъалаи аввал бошад, он хусусияти тарҷумаро ташкил намедиҳад ва умуман ба мушкилоти тарҷума дахл дорад. Фарз кардан

мумкин аст, ки дар доираи даврањои наздики фарҳангҳо он набояд душвориҳои ҷиддӣ ба бор орад. Дар мавриди тафовутҳои забонӣ бошад, дар ин ҷо, албатта, сухан дар бораи забони адабиёти бадеӣ меравад. Зеро тарҷума бо нақшаи умумии мазмун ва шартӣ будани хусусияти робитаҳои байни ин нақшаҳо вазифаест, ки аз ҷиҳати назариявӣ душворӣ ба вуҷуд намеоварад.

Муҳаққиқ А.Г. Гайнутдинова қайд мекунад, ки «Каломи назмӣ зуҳуроти басо мушкили забонист, ки то ҳол пурра на дар илми адабиётшиносӣ ва на дар илми забоншиносӣ омӯхта нашудааст» [30, 193]. Воқеан, тарҷумаи каломи манзум нисбат ба наср мушкил аст, чунки ҷой кардани мазмун дар қолаби шеър басо душвор аст. Дар ду мисраъ ҷойгир кардани як маънои тому дар як вақт дорои фалсафаи баланд кори саҳлу сода нест.

Албатта, ба ҷуз мушкилоти вазну қофия дар тарҷума мушкилоти грамматикӣ пеш меояд. К. Чуковский дар тарҷумаи осори назмӣ мушкилоти синтаксисро баён намуда, мегӯяд, ки «Синтаксиси забони хориҷиро бо тамоми хусусиятҳояш баргардон кардан мумкин нест [122, 159]. Муаллиф бо андешаи К. Чуковский вобаста ба он ки синтаксис ва морфологияи забонҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунад, розием. Чунки ҳар забон сохтори муайянӣ ҷумлабандии худро дошта, он пурра бо забони дигар мувофиқат намекунад.

Тарҷума, пеш аз ҳама, раванди эҷодист, аммо тарҷумон комилан озод нест. Эҷодкорӣ амри зарурист, аммо он дар атрофи асари офаридашуда анҷом меёбад. Бинобар ин ҳам, эҷоди асари нав бо хусусиятҳои дигари миллӣ ва фарҳангӣ тарҷума маҳсуб меёбад. Муҳаққик Ефим Эткинд мегӯяд, ки «Зимни тарҷумаи шеър шакливазкунӣ, иловаҳо, холигиҳо, тағйирот амри табиист» [132, 75].

Албатта, як асари бадеиро комилан дар шакли асл ба дигар забон кӯчондан имкон надорад, зеро ҳар як забон хусусиятҳои ба худ хос дошта, дар дигар забон муодили пурра надорад. Аммо дар умум интиқоли рӯҳи ин

ё он аср имконпазир менамояд. Замоне В. Бреус навишта буд: «Эҷодиёти шоирро аз як забон ба забони дигар гузаронидан мумкин нест, вале аз ин орзу даст кашидан ҳам нашояд» [25, 188].

Андешаи муҳаққиқон А.Г. Гайнутдинова, К. Чуковский, Е. Эткинд ва В. Брюсов дар мавриди тарҷумаи осори назмӣ бо ҳам қариб монанд буда, ҳама бар он ақидаанд, ки тарҷумаи осори назмӣ хеле душвор буда, он дорои махсусиятҳои худ аст. Воқеан, дар тарҷумаи осори назмӣ ва насрӣ бояд, пеш аз ҳама, аз қоидаҳои грамматикии забоне, ки ба он мавод тарҷума мешавад, огоҳии комил доштан лозим аст.

Тарҷумони тоҷик Ҳабиб Аҳрорӣ зикр мекунад, ки: «Тарҷумаи бадеӣ кори нависанда ва шоир аст. Онҳо бояд дар навбати аввал ба кори тарҷумаи асарҳои бадеӣ машғул шаванд... Фақат тарҷумаи нависанда ва шоири боистеъдод хушсифат шуда метавонад» [81, 91].

Назарияи муносибати нутқ имкон медиҳад, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ сабабҳои ҳуқуқи мавҷудияти ғояи тарҷуманашаванда шарҳ дода шавад. Танзими истифодаи ҳар забон фардӣ аст, зеро ин яке аз ҷанбаҳои шахсияти мушаххас аст.

Имконнопазирии тарҷумаи пурраи асари назмии адабӣ, шояд ҳам бо фарқиятҳои инфиродии ду забон (масалан, англисӣ ва тоҷикӣ) ва ҳам бо хусусияти инфиродии муаллиф ва арҷумон шарҳ дода мешавад. Кӯшиши муаллиф дар интихоби забон маънои онро дорад, ки ба таври дақиқ баён кардани нияти худ барои тарҷумон такрори ин равандро имконнопазир месозад, ҳатто агар мо розӣ шавем, ки забонҳои гуногун ба мо имконият медиҳанд, ки ҳамон чизро бо дақиқии мутлақ баён кунем.

Муҳаққиқи барҷаста В.Г. Беленский воқеӣ будани тарҷумаи бадеиро талаб карда, бар он ақида буд, ки «Ҳар як забон воситаҳо ва хислатҳои танҳо ба худаш хос дорад, то ба дараҷае ки барои дуруст тарҷума кардани ягон образ ва ҷумла дар тарҷума онҳоро баъзан тамоман дигар хел интиқол додан лозим аст. Образи дахлдор, инчунин ҷумлаи дахлдор на ҳамеша

мувофиқати зоҳирии калимаҳоро доранд: лозим аст, ки мазмуни дохилии ибораи тарҷума ба мазмуни дохилии ибораи асл мувофиқ бошад» [108, 89].

Тарҷумон бояд дар байни сохтори асл ва сохтори тарҷума муодилаи функсионалӣ муқаррар намояд, дар тарҷума ягонагии шаклу мундариҷаро, ки ҳамчун як кулли томияти бадеӣ фаҳмида мешавад, дубора эҳё кунад, яъне ба хонанда тобишҳои беҳтарини тарҷумаро расонад. Тафаккури эҷодии муаллиф, афкору образҳои офаридаи ӯ, ки аллакай дар забони асл ифодаи ниҳоят дақиқии худро ёфтаанд, дар тарҷума таҷассум намояд.

Ба қавли тарҷумони тоҷик Э. Муллоқандов: «Тарҷумон баъзан барои «кушода додани» мазмун ба таври худ озодона рафтор карда, аз худ чизҳое илова мекунад, ки ба руҳ ва хусусияти асар, ба услуби нависанда ҳеҷ гуна муносибате надоранд» [65, 99].

Воқеан, дар ин ҳолат ба ҷойи осори нависанда ё шоир барои хонанда гунаи тарҷумон ба вуҷуд меояд. Ба андешаи муҳаққиқон ҳарчанд баъзан хусусиятҳои забони қаҳрамонони алоҳидаро дар тарҷума инъикос карда намешавад, аммо тарҷумон бояд кӯшиш кунад, ки ин хусусиятҳоро фаҳмида гирифта, онҳоро то ҳадди имкон дар тарҷума акс кунонад.

Байт шакли пайдарпайи мисраъ, меъмори шеър буда, риоя накардани мисраи аслӣ боиси вайрон шудани услуби умумии асар мегардад. Забони англисӣ асосан якҳиҷоя буда, дар он калимаҳои якҳиҷоӣ нисбат ба калимаҳои якҳиҷоии забони тоҷикӣ зиёданд.

Офириниши матни шеърии баробар ба асл дар тарҷума имконпазир аст, агар матни шеърӣ ба равиши баҳодиҳӣ ҳам ба тарҷума ва дар маҷмуъ ба ҳама манбаъҳои алоҳидаи назарияи тарҷума асос ёфта бошад.

Ҳангоми ба забони дигар тарҷума кардани шеър ҳама чизро нигоҳ доштан ғайриимкон аст: пурра нигоҳ доштани тамоми унсурҳои маъноӣ боиси тағйироти шакл мешавад. Ҷойи таъкид аст, ки унсурҳои шаклӣ дар асари назмӣ ҳам мазмун ва ҳам арзиши эстетикӣ доранд, аз ин рӯ, ба инобат гирифтани ин омил низ бениҳоят муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар тарҷума ҳам мундариҷа ва ҳам шаклро такрор кардан хеле душвор аст. Ҳангоми иваз кардани матн дар забони аслӣ бо матни забони дигар, мавриди ҳадаф ин гуна муайян бояд нигоҳ дошта шавад; ченаки нигоҳдории ин гуна андозаи баробар будани матни тарҷумаро ба матни аслӣ муайян мекунад. Азбаски дар матни тарҷума муодили мутлақи ҳардуро ба даст овардан ғайриимкон аст, тарҷумон бояд ба талафоти ногузири мундариҷа ё унсурҳои расмӣ омода бошад. Баъзан чунин мешавад, ки партофтани баъзе унсурҳои расмӣ барои интиқоли мундариҷаи семантикӣ хеле муҳимтар аст.

Тарҷумон бояд ҳамеша дар интихоби шакл ва мазмун ба истилоҳи иттилоӣ ҷустуҷу намояд, зеро тарҷумае, ки ҳам мазмун ва ҳам ҷанбаҳои расмии аслро пурра аз нав эҷод кардааст, метавонад ба асл мувофиқ дониста шавад.

1.1.2. Навъҳои тарҷумаи осори назмӣ

Муҳаққиқон ба мушкилоти тарҷумаи назм нисбат ба тарҷумаи дигар шаклҳои адабӣ ҳамеша бештар диққат медоданд. Аммо асарҳои сершумори ин соҳа асосан баҳодиҳии гунаҳои гуногуни тарҷумаи як шеър ва ё матнҳои тарҷумаи алоҳидаро фарогиранд ва дар бораи мушкилоти он баҳсҳои илмӣ идома дорад.

Тарҷумашиноси Белгия Андре Лефевр [Lefevre] стратегияҳои зерини тарҷумаи асарҳои назмиро муайян мекунад, аз ҷумла:

1) Тарҷумаи фонематикӣ, ки кӯшиши такрори садои матни аслӣ бо пешниҳоди қобили қабули маъно мебошад. А. Лефевр ба хулосае меояд, ки ҳарчанд худи ӯ ономатопеяро истифода мебарад, ин гуна тарҷумаҳо одатан маънояшон пурра намешаванд, маъноро пурра ифода намекунанд.

2) Тарҷумаи ҳарфӣ (литералӣ), ки маъно ва синтаксиси аслиро вайрон мекунад.

3) Тарҷумаи метрикӣ, ки дар он меъёри асосӣ таҷдиди ҳаҷми матни аслӣ мебошад. Ба андешаи А. Лефевр дар ин маврид чун тарҷумаи айнан

тамоми таваҷҷуҳ аз ҳисоби матни кулл танҳо ба як ҷиҳати матни асл дода мешавад.

4) Пешниҳоди нигориши назм дар наср, ки ба ақидаи А. Лефевр боиси аз байн рафтани маъно, арзиши коммуникативӣ ва хусусиятҳои синтаксисии матни аслӣ мегардад.

5) Тарҷумаи қофия, вақте ки мутарҷим аз хаҷм ва қофия ба банди дучанд меафтад. Чунин тарҷумаҳоро А. Лефевр «карикатураҳо» меномад.

6) Ҳар як матни шеъриро бояд аз се ҷиҳат баррасӣ кард: **маъноӣ** (чӣ гуфта мешавад), **услубӣ** (чӣ гуна гуфта мешавад) ва **прагматикӣ** (аксуламали хонанда) [185].

Агар пештар мо масъалаҳои назариявии марбут ба бисёрмаъноӣ, ҷанбаи луғавии онро баррасӣ карда, хусусияти асосии матни шеърӣ, душвориҳои матни шеъриро баррасӣ мекардем, ҳоло кӯшиш мекунем, ки тарҷумаи мушаххасро аз нуқтаи назари полисемия дида бароем. Маъноҳои гуногуни луғавӣ, ки ба як калима хосанд, аз ҷиҳати маъноӣ бо ҳам алоқаманданд. Алоқаи байни маъноҳои калима бо таҳлили муқоисавии корбасти гуногуни ҳар як маънои ин калима муайян карда мешавад. Дар таҳлил тибқи талаботҳои зер асосҳои семантикии полисемия ба назар гирифта мешаванд:

- мавҷудияти таносуби умумии семантикии ҳамаи маъноҳои калимаи додашуда;
- алоқаи ассосиативии байни маъноҳо

Якумӣ ба ташаккули маъноҳои дуюмдараҷа, дуюмӣ ба пайдоиши маъноҳои маҷозии калима оварда мерасонад. Дар талаботи аввалӣ ифодаи таносуби умумии семантикӣ муҳимтар аст. Ин ба он ишора мекунад, ки вақте калимаи муайян чор ё панҷ маънои гуногун дорад, ҳамон як хатти таносуби маъноӣ дар ҳар маънои он калима мавҷуд хоҳад буд. Ин хатти маъноиро ҳамчун ҷузъи умумии семантикии маъноҳои гуногун номидан мумкин аст. Дар тарҷума талаботи маъноии полисемия – «алоқаи ассосиативӣ»-и байни калимаҳо муҳим аст. Эҷоди тарҷумаи идеалии шеър

на танҳо мавзуи суҳбатҳои бефосилаи филологҳо, балки ҳадафест, ки бисёриҳо ҳамеша барои он мекӯшанд.

Муаллифе, ки аз забони хориҷӣ тарҷумаи шеъриро чун кори душвор ба дӯши худ мегирад, бояд дорои истеъдоди махсусе бошад - аз қабили, маҳорати филологӣ, ҳусни баён, донистани нозукиҳои забон ва албатта, истеъдоди ҳақиқии шоирӣ.

Ҳабиб Аҳрорӣ ба масъалаи тарҷумаи асари бадеӣ таваҷҷуҳ намуда, баъзе принсипҳои муайянро пешниҳод мекунад: «Тарҷумаи асари бадеӣ бояд бенуқсон ва ба асли мундариҷаи асар айнан мувофиқ ва дар баробари он эҷодкорона бошад. Яъне, аввалан, тарҷумон бояд ғоя ва мазмуни асарро дар тарҷума дуруст ифода карда тавонад, мақсади иҷтимоию сиёсии асар ва муносибати муаллифро ба ҳаёт, ба ҳодисаҳои замони худ дуруст муайян намуда, онҳоро дар тарҷума айнан акс кунонад. Сониян, тарҷумон бояд дар чорчӯбаи меъёрҳои забони модарӣ тамоми хусусиятҳои бадеӣ ва миллии асар, фикру ғояҳои муаллиф, шахсияти ӯ ва хусусиятҳои ҳар кадоми образҳои асари бадеиро айнан ва воқеӣ инъикос карда тавонад. Хулоса, дар тарҷума тамоми қимати ғоявию бадеии асар нигоҳ дошта шавад [108, 13].

Меъёрҳоеро, ки мутарҷим номбар кардааст, воқеан қобили қабуланд. Аммо аз ҷониби дигар, ҳатто баъзан чунин равиш низ метавонад боиси коста шудани пайванди пурра ё қисман байни осори шеърии асил ва тарҷумаи он шавад.

Ҷанбаҳои асосии матни шеърӣ қабатҳои услубӣ, маъноӣ ва прагматикӣ мебошанд. Эҷоди тарҷумаи идеалии мисраъ амалан ғайриимкон аст, ки дар он ҳамаи ин ҷанбаҳо ба ҳам мувофиқ бошанд, зеро фарқиятҳои равонӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ вуҷуд доранд ва баъзан бартарафнашаванда мебошанд.

Дар охир ба ҳайси хулоса чанд нуқтаи бунёдии тарҷумаи шеъриро метавон зикр кард:

- мутарҷим бояд шоир бошад ё истеъдоди шоирӣ дошта бошад, шеърро ба забоне, ки асари назмӣ аз он тарҷума мешавад, донад, инчунин ҳунари версификатсияро аз худ намояд;
- муаллифи тарҷума бояд тамоми нозукиҳои забони аслиро донад ва пеш аз ҳама барои худ тарҷумаи асосиро бо сифати баланд ба ҷо оварад ва танҳо баъд аз ин бо назардошти вижагиҳои замони муаллиф асари асил эҷод намояд;
- барои муаллиф забони мавриди ҳадаф бояд модарӣ бошад.

На танҳо таркиби поэтикии асл, балки тарҷумаи он ҳам серҷабҳа аст, зеро дар назди филолог вазифаи душвор - аз байни вариантҳои зиёди имконпазир интихоби дурусти он меистад. Дар робита ба нуктаи аввал ҷиҳати исботи фикр мо ба тарҷумаи шеъри «Ҳиҷрат»-и Гёте аз ҷониби устод Лоиқ Шералӣ назар меафканем:

Шуд шимолу ҷануб вайрона,
Мулки Мағриб шудаст бесомон.
Бояд акнун ба Шарқ ҳиҷрат кард,
Кишвари ишқу шеъру паймона
Хариду нур чашмаҳо дорад,
Марди хонӣ зи ғояти дониш.
Баҳси андеша бо Худо дорад...

Ё тарҷумаи шеъри «Ба Ҳофиз»-и Гёте:

Ҳофизо, бо ту баробар будан
Чи қаблест мазол.
Хешро чун ту ба қадр афзудан
Нест зуд айни вубол [92,46].

Мусаллам аст, ки ҳангоми хондани ин шеър хонанда тарҷума будани онро дарк намекунад ва онро моли шоири тоҷик мепиндорад.

1.1.3. Ташаккул ва густариши тарҷумаи осори назмӣ

Тарҷумаи осори назмӣ ба гурӯҳи хоси тарҷумаҳо ворид мешавад, чунки шеър чун жанр диққати махсуси тарҷумонро талаб мекунад. Дар Россия тарҷумаи осори назмӣ аз миёнаи асри XVIII густариш ёфт ва дар давоми ду аср ба қуллаи баланди эҷодӣ ва тарҷумонӣ расид.

Намояндагони барҷастаи тарҷумонони осори назмии рус А.М. Горкий, А.Н. Веселовский, Б.Л. Пастернак, М.В. Ломоносов, Н.С. Гумилёв, В.А. Жуковский ва дигарон мебошанд. Дар ин давра тарҷумаҳои шеърҳои Анакреон, Ҳоратсий, Лафонтен аз ҷониби М.В. Ломоносов, тарҷумаи шеърҳои Байрон аз ҷониби Н.И. Гнедич, тарҷумаи Гёте аз ҷониби В.А. Жуковский, тарҷумаи шеърҳои Анакреон ва Ҳоратсий аз ҷониби шоир ва тарҷумон А.С. Пушкин ва рӯйи чоп диданд.

Дар адабиёти Англия бошад, охири асри IX даврони инкишофи тарҷумаи осори адабӣ гардид. Шоҳ Алфреди Кабир дар атрофаш олимонро ҷамъ мекунад ва маҳфили тарҷумонӣ таъсис медиҳад. Ӯ худаш ҳам бевосита аз забонҳои дигар ба забони англисӣ асарҳои адабиро тарҷума мекард. Пас аз марги шоҳ Алфред тарҷумонӣ андак рӯ ба нузул меорад. Аммо дар асри XI боз тарҷумаҳо рӯйи чопро мебинанд. Яке аз тарҷумонони машҳури он давр Ҷефри Чосер буд. Дигар аз тарҷумонони машҳур Ҷон Лидгейт буд, ки барои тарҷумаи «Китоб дар бораи Троя» 8 соли умрашро сарф карда буд.

Дар ин радиф зикри номи А.Ҷ. Арберри, В. Ҷонс, Силсила Бону, ки шоҳкориҳои осори тоҷику форсро тарҷума кардаанд, аз аҳамият холӣ нест.

1.2. Марҳилаҳои тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва нигориши тарҷумаҳо

Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ аз зумраи бузургтарин шоирони форсу тоҷики асри XIV аст. Бо гузашти зиёда аз VI аср ғазалиёти дилкаши Ҳофиз ҳамрозу ҳамрадифи мардумони гуногунқавму гуногунфарҳанг мемонад. Шеъри Ҳофиз баёнгари эҳсосоти воло ва намоди

сухани осмонист. То имрӯз шореҳон мекӯшанд, ки абёти Ҳофизи Шерозиро маънидод кунанд, аммо то ҳол бархе аз уқдаҳои ғазалҳо норӯшан мемонад. Ҳатто имрӯз, ки замони техника ва иттилоот аст, мо боз ба Ҳофиз рӯ меорем ва аз андешаҳои барҳақ малакутиаш ҷаҳони маънавиамонро сарватманд мекунем. Зикр ҷоиз аст бигӯем, ки Ҳофиз на танҳо миёни форсизабонони олам, балки дар миқёси ҷаҳон шоири камназир аст. Аксари шоирону нобиғагон аз Ҳофиз ба худ чизе гирифтаанд. Ҷойе ба ғазалиёти ӯ пайравӣ кардаву ҷойе ба ғазалҳояш тақлид кардаанд. Махсусан, дар Аврупо Ҳофиз муридони зиёд пайдо кард. Дар ин маврид андешаи Ҳадя Назирова бисёр ҷолиб аст: «Дар муҳити шарқшиносии Аврупо ҳеҷ кадом аз классикони назми форсу тоҷик мисли Ҳофизи Шерозӣ шуҳратманд ва боиси шавқу дилбастагии беандозаи онҳо набудааст. Агар офаринишҳои Фирдавсии бузург бо хосият ва аҳамияти худ дар Аврупо бо осори Ҳоммер ҳамсарӣ кунад, Ҳофиз Анакреони ҳалқаи шуарои Форс ҳисоб шудааст» [87, 138].

Тарҷумаи асарҳои бадеӣ, шеъру ғазал, матнҳои сиёсиву иқтисодӣ ва дигар анвои муносибатҳои инсон аз замони хеле қадим сурат мегирад. Мардумон барои беҳтару бештар дастрасӣ пайдо кардан ба афкору андешаҳои ҳамдигар рӯ ба тарҷума оварданд. Махсусан, осори классикии тоҷику форс диққати донишмандон, шоирону нависандагони Аврупову Амрикоро ба худ ҷалб карда меояд ва ин далели бебаҳс аст, чунки бо ин бузургӣ адабиёти тоҷику форс касеро наметавонад бетафовут гузорад.

Оғоз аз осори гаронарзиши Рӯдакӣ ва баъд то адабиёти имрӯз ин раванд идома дорад. Бузургони олам махсусан аз рубоиёти Хайём, «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ва ғазалиёти Ҳофиз лаззати беш гирифтаанд, ки аз ин таассуроташон дар китобҳои хеш қайд кардаанд.

Муаррифии номи Ҳофизи Шерозӣ, ғазалиёти дилнишину андешаҳои олии инсонпарваронаи ӯ дар Ғарб бо ном ва кори мондагори «падари таълимоти форсӣ» Виллиам Ҷонс бастагии зиёд дорад. Маҳз ӯ Ҳофизро бо

тарҷумаи ғазали «Агар он турки шерозӣ», ки онро «A Persian Song» (Суруди форсӣ) ном гузоштааст, ба Аврупо, хусусан Англия ба таври шоиста шинос кард [153, 1].

Виллиам Ҷонс 28-уми сентябри соли 1746 дар Лондон дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Аллакай, дар синни мактабхониаш Виллиам Ҷонс ба эҷоди шеър ва тарҷумаҳои шеърҳои дигарон оғоз карда буд. Сипас, тадриҷан ғазалҳои Ҳофиз аз ҷониби Г. Бикнел, Ҷ. Ричардсон, Ҷ. Нотт, Ҷ.Ҳ. Ҳиндлей, В. Кларк, Г. Белл, А.Ҷ. Арберри, В. Лиф, Ҷ. Пайн, Э. Бовен ва Э. Браун, Дик Девис, Л. Левисон, Р. Блай ва дигарон тарҷума карда шуданд.

Мутобиқи навиштаи Эдвард Браун аврупоиён бо Ҳофиз ва ғазалиёти дилошӯби ӯ бори нахуст соли 1650 шинос шуданд, вақте ки Пиетро Делла Валле – шарқшиноси машҳури итолиёӣ номи ӯро (яъне Ҳофизро) дар асари сайёҳиаш «Виагги», ки дар Венетсия чоп шудааст, зикр кард [181].

Ҳамин андешаро А.Ҷ. Арберри низ дастгирӣ мекунад, ки шуҳрати Ҳофиз ва ғазалиёти ӯ дар асри XVII ба Аврупо расид. А. Арберри дар ин ҷода хидмати сайёҳонро, ки дар байнашон Томас Ҳерберт буд, қайд мекунад, ки эшон аввалин шахсоне буданд, ки савдои байни Шарқу Ғарбро асос гузоштаанд.

Тақрибан пас аз гузашти нисф асри ёддошти Пиетро Делла Валле соли 1697 шарқшиноси бузурги Полша Франс Менински, муаллифи луғати муфиди туркӣ яке аз ғазалҳои ӯро тарҷума кард. Каме пештар аз ӯ Томас Ҳайд аз девони Ҳофиз аввалин ғазалро бо забони лотинӣ тарҷума кард (1690), аммо ин ғазал пас аз як аср нашр шуд [181].

Қадамҳои устувор дар кашфи ғазалиёти Ҳофиз аз ҷониби шарқшиноси ҳаваскор, дипломати ҷавони австриягӣ Ревижский ва олими пуркор Виллиам Ҷонс гузошта шуд. Бори аввал В. Ҷонс 13 ғазали Ҳофизро бо забони шевои фаронсавӣ пешниҳод кард. Ҳамзамон В. Ҷонс ғазалҳои Ҳофизро бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ба хонандагонаш тақдим кардааст ва дар ин радиф ғазали «Агар он турки шерозӣ...»-ро тарҷумаи озод

намуда, онро Persian Song - «Суруди форсӣ» номгузорӣ карда, дар китоби худ «Грамматикаи забони форсӣ» (A Grammar of the Persian Language) чоп кардааст.

Соли 1791 аввалин нашри девони Ҳофизи Шерозӣ дар Калкутта бо хатти настаълиқ чоп мешавад. Ин нусхаро Абӯтолиби Табрезӣ дар асоси 12 нусхаи хаттӣ ба анҷом мерасонад. Ин нусха 725 ғазалро дар бар гирифтааст. Дар ин ҷода воқеан хидмати В.Ҷонс беқиёс аст.

Соли 1800 шарқшиноси британиёӣ Ҷ.Ҳ. Ҳиндлей китобе бо номи «Лирикаи форсӣ» (Persian Lyrics) маҷмуае аз ғазалҳои Ҳофизи Шерозиро чоп мекунад. Ин ғазалҳоро Ҳиндлей насрӣ тарҷума карда, шеърро ба таври худ баргардон намудааст [182].

Соли 1845 И.Б. Ковелл – профессори Донишгоҳи Кембридж дар соҳаи санскрит, замоне ҷавони 19-сола дар маҷаллаҳои адабӣ пайи ҳам ғазалҳои Ҳофизи Шерозиро насрӣ тарҷума мекард. Ӯ ғазалҳояшро ба Эдвард Фитсҷералд нишон медиҳад. Э. Фитсҷералд ба тарҷумаҳо баҳои баланд медиҳад. Аммо худи Э. Фитсҷералд ба тарҷумаи рубоиёти Умари Хайём даст мезанад ва хеле муваффақ ҳам мешавад [181].

Калонтарин ва бошукӯҳтарин маҷмуаи ба забони англисӣ тарҷумашуда, ин тарҷумаи Герман Бикнелл – Hafiz of Shiraz, Selections from his poems мебошад, ки соли 1875 ба нашр расонида шудааст. Герман Бикнелл соли 1830 таваллуд шуда, дар Бартоломей тибро меомӯзад. Ӯ ба Аврупо, Осиё, Африқо ва Амрико сафар карда, дар Макка бо номи Абдулвоҳид соли 1862 ҳаҷро ба ҷо меорад. Чанд муддат дар шаҳри Шероз зиндагӣ мекунад, то ин ки бо ишоратҳои ғазали Ҳофиз шахсан ошноӣ пайдо кунад. Кори баанҷомрасонидаи ӯро пас аз маргаш додараш соли 1875 ба чоп мерасонад.

Соли 1891 Вилберфорс Кларк ғазалҳои Ҳофизро насрӣ тарҷума мекунад. Пас аз чанде ҷавондухтари британиёӣ Гертруда Белл (1897) низ ғазалҳои Ҳофизро тарҷума мекунад [181].

Силсилаи тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ба забони англисӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон низ идома меёбад.

А.Ҷ. Арберри намунаҳои гуногуни тарҷумаи ғазалҳоро дар асараш «Fifty poems of Hafiz» (50 ғазали Ҳофиз) ба чоп расонид [153]. Дар муқаддимаи китоби зикршуда А.Ҷ. Арберри ба ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ бисёр баҳои баланд медиҳад. Аз ҷумла ӯ гуфтааст: «Ҳофиз ба андешаи ҳамагон олитарин шоири ғазалсарост ва чун устоди зеботарин навъи шеър ӯ ба ҳамаи онҳое, ки ба инкишофи назм шавқ доранд, бисёр чизҳоро ҳанӯз омӯзонида метавонад» [153, 1] Пас аз 5 сол маҷмуаи 30 ғазали дигар аз ҷониби тарҷумонон Петр Авери ва Ҷон Ҳис-Стабс рӯи кор меояд

Дар радифи ин тарҷумонон номи Ҷон Чарлз Эдвард Бовен низ бояд ёдрас карда шавад. Ҳарчанд Эдвард Бовен теъдоди хеле каме аз ғазалҳои Ҳофизро тарҷума кардааст, аммо ӯ тавонистааст байтҳои алоҳидаеро аз дохили ғазалҳо тарҷума кунад [155].

Худи Эдвард Бовен таъкид мекунад, ки ман кӯшиш кардам, то ба англисӣ «руҳи ғазал»-ро тарҷума кунам, нисбат ба тарҷумаи айнани вожаҳои форсӣ [155, 22].

Ба қавли Эдвард Бовен «Ғазали Ӯ *(Ҳофиз – С.Ш.)* аз замони қадим оғоз мешавад, пеш аз офариниши одам ва боз равиш дорад ба тавсифи Муҳаммад(с), ки гӯё ӯ моҳидорест, ки дар даст шаст дорад ва боз шикоят дорад, ки Ҳофиз умрашро зоеъ гузаронидааст [155, 5].

Яке аз тарҷумонони дигари Ҳофиз Роберт Блай пиромуни ғазалҳои Ҳофиз чунин андешаро бозгӯ кардааст: «Чизе аз ғановати забони ғазалҳои Ҳофиз ба мо Андрю Марвел ва чизе аз равонии шеъраш бошад, Шекспири ҷавонро ёдрас мекунад. Зиёда аз ин, мо қудрати ҷаҳиши ӯро ҳис мекунем, ки аксари мо пештар онро тачриба накарда будем» [164, 6]. Роберт Блай ва Леонард Левисон, чуноне ки худ дар китобашон меоваранд, аз нусхаи Парвиз Хонларӣ истифода кардаанд [164, 69].

Ҳамзамон, дар ин китоб маълумоти мухтасар бобати ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ оварда шудааст, ки барои хонандаи англисзабон

ва ҳар нафаре, ки тарҷумаи ғазалҳои Ҳофизи Шерозиро мехонад, беаҳамият нахоҳад буд. Барои тарҷумаи 30 ғазали Ҳофиз Роберт Блай ва Леонард Левисон 14 соли умри худро сарф кардаанд.

Ҳар як байт, яъне ду мисраи ғазали Ҳофизро тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон дар 3 мисраъ тарҷума кардаанд.

Ҳар як тарҷумон дар тарҷумаи асар равиши хоси худро дорад. Тарҷума ба тарҷумон мукаллафияти зиёдеро бор мекунад.

Бе донистани грамматикаи забоне, ки тарҷумон ҳадаф дорад, аз он забон назм, наср ва ё дилхоҳ матнро баргардон кунад, имконнопазир аст, чунки сохтори грамматикаи ҳар як забони алоҳида аз ҳамдигар фарқ мекунад. Мавқеи калимаҳо дар ҷумла низ гуногун аст. Зикр бояд кард, ки грамматикаи забонҳои аз як оила баромаддошта, дар тули таърих ба таҳаввулот дучор гардида, дар типологияи забонҳои хеш низ тафовут ба амал меояд. Аз ин сабаб, вазифаи тарҷумон пеш аз фаъолияти тарҷумонӣ даст задан, омӯхтани грамматикаи он забон, урфу одат, хоса дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ, реалияҳо ва паремияҳои он аст. Дар сурати акс тарҷума аз матни асл фарқи зиёд мекунад.

1.2.1. Марҳилаи аввал: асрҳои XVIII-XIX

Тарҷумаи Гертруда Белл ва услуби тарҷумаи ӯ

Маргарет Лоутиан Гертруда Белл - як нафар бонуи сайёҳ ва шоири британиёӣ дар байни тарҷумонони ғазалиёти шӯрангези Ҳофизи Шерозӣ низ маҳорати хуби тарҷумонӣ нишон дода, 43 ғазали Ҳофизро ба забони англисӣ тарҷума кардааст [160].

Гертруда Белл соли 1888 Донишгоҳи Оксфордро бо дипломи аъло дар риштаи таърих хатм мекунад. Аз мактубҳояш ба хоҳараш аён мегардад, ки ӯ ба омӯзиши забонҳои форсӣ ва арабӣ шавқ пайдо карда, пас аз азхудкунии донишҳои зарурӣ, Белл ба тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ мепардозад ва тарҷумаи 43 ғазали ӯро дар китобаш бо номи «Teaching of Hafiz» (Омӯзиши Ҳофиз) чоп мекунад. Ин китоб соли 1897

рӯйи чопро мебинад, аммо диққати хонандагонро ба худ ҷалб намекунад. Сабаб дар он буд, ки ҷомеаи онвақтаи Англия ҳоло бо адабиёти тоҷику форс ошноӣ надошт. Гертруда Белл дар муқаддимаи китобаш батафсил дар бораи даврони зиндагонии Ҳофизи Шерозӣ, шоҳони он замон, вазъияти иҷтимоӣ, ҷараёни тасаввуф, масъалаҳои фалсафӣ, нозукиҳои ғазали Ҳофиз, мушкилоти тарҷума нигоштааст. Ҳамчунин, дар охири ин китоб калимаҳо ва байтҳои мушкил тавзеҳ ва шарҳ дода шудаанд.

Гертруда Белл ҳангоми тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ба тарҷумаҳо рақамгузорӣ карда, мутаассифона, на асли ғазалро ишора кардааст ва на дар эзоҳ кадом ғазал будани тарҷумаро нишон додааст.

Мушкилоти дигари тарҷумаҳои Гертруда Белл ин аст, ки мавсуф аз калимаҳои куҳнашудаи забони англисӣ дар тарҷума хеле фаровон истифода бурда, шумораи мисраъҳои ғазал низ хеле фарқ мекунанд. Забони тарҷумаи ғазалҳои Гертруда Белл хеле мураккаб буда, дарки онҳо танҳо бо истифода аз эзоҳи худи тарҷумон ва фарҳангҳои гуногун имконпазир аст. Албатта, ба назар бояд гирифт, ки забони тарҷумаи Гертруда Белл ба замони зиндагонии ӯ мутобиқ аст. Чунки забон мисли дигар ҳаводис дар ҳолати рушду инкишоф аст.

Ҳамчунин, ба мушоҳида расид, ки дар баъзе ғазалҳо инҳироф аз матни асл аст. Новобаста ба ҳамаи ин, тарҷумаи Гертруда Белл дар байни тарҷумаҳо мавқеи хосро сазовор аст.

Барои мисол чанде аз тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофизро аз ҷониби ӯ мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро [119, 43].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Oh Turkish maid of Shiraz! In thy hand
If thou‘lt take my heart, for the mole on thy cheek
I would barter Bokhara and Samarkand [160, 100].

Дар тарҷумаи ин байти бисёр машҳури Ҳофизи Шерозӣ тарҷумон Гертруда Белл ба ҳадафи шоир хеле наздик омадааст. Ҳатто дар тарҷумаи ибораи «**турки шерозӣ**» тарҷумон бисёр эҳтиёткорона муносибат карда, онро «**дӯшизаи турки Шероз**» *(Turkish maid of Shiraz)* тарҷума мекунад. Топонимҳои Бухоро ва Самарқанд тибқи артикулятсияи забони англисӣ транслитератсия шудааст.

Хуштар зи айшу суҳбати боғу баҳор чист,
Соқӣ куҷост, гӯ сабаби интизор чист?
Ҳар вақти хуш, ки даст диҳад, муғтанам шумор,
Касро вуқуф нест, ки анҷоми кор чист? [119, 90].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Mirth, Spring, to linger in a garden fair,
What more has earth to give? All ye that you wait,
Where is the Cup-bearer, the flagon where?
When pleasant hours slip from the hand of Fate,
Reckon each hour as a certain gain;
Who seeks to know the end of mortal care
Shall question his experience in vain [160, 108].

Фарқият, пеш аз ҳама, дар теъдоди мисраъҳо ба назар мерасанд. Дар байти асл чаҳор мисраъ ва дар тарҷума ҳафт мисраъ аст. Барзиёдии мисраъҳо дар он аён шуд, ки тарҷумон байти дуюми ғазалро ташреҳ додааст: «Чӣ қадар вақт аз дасти тақдир лағжид, яъне рафт ва ту ҳар соатро ҳисоб кун. Чунки касе, ки оқибат ҷуст, хибрати худро зери шубҳа гузошт».

Ин ҳадисам чӣ хуш омад, ки саҳаргаҳ мегуфт
Бар дари майкадае бо дафу най тарсое:
«Гар мусалмонӣ аз ин аст, ки Ҳофиз дорад,
Оҳ, агар аз паси имрӯз бувад фардое» [119, 426].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Before the tavern door a Christian sang
To sound of pipe and drum, what time the earth
Awaited the white down, and gaily rang
Upon mine ear those harbingers of mirth:
«If the True Faith be such as thou dost say,
Alas! My Hafiz, that this sweet To-day
Should bring unknown To-morrow to the birth!» [160, 126].

Ин ҷо Гертруда Белл тарҷумаро аз мисраи дуюм оғоз кардааст. Ду мисраи аввал бо чаҳор мисраъ ва ду мисраи дуюм бо се мисраъ тарҷума карда шудааст. Вожаи «**саҳаргаҳ**»-ро тарҷумон **«White dawn»** *(субҳи сафед)* тарҷума мекунад, аммо ин гуна ибора дар забони англисӣ мушоҳида намешавад. Дар мисраъҳои баъдӣ тарҷумон муваффақ шудааст, чунки вожаи «**мусалмонӣ**»-ро бо ибораи зебои **«True Faith»** *(эътиқоди ҳақиқӣ ё эътиқоди асил)* тарҷумаи маъноӣ мекунад.

Дар биёбон гар ба шавқи Каъба хоҳӣ зад қадам,
Сарзанишҳо гар кунад хори муғелон ғам махӯр [119, 237].

Гертруда Белл:

Oh Pilgrim nearing Mecca‘s holy fane,
The thorny maghilan wounds thee in vain,
The desert blooms again-oh, weep no more! [160, 133]

Маврид ба зикр аст, ки дар тарҷумаи ин байти ғазал Гертруда Белл ба ивази топоними **«Каъба»** ибораи **«Mecca‘s holy fane»** *(масҷиди муқаддаси Макка)* тарҷума мекунад ва аз ҳадафи шоир дур намеравад. Ҳарчанд дар забони англисӣ **«хори биёбон»** аз рӯйи намуд номҳои гуногун дорад, аммо Белл «**мағелон**»-ро [maghilan] транслитератсия мекунад. Ба андешаи мо барои он тарҷумон нисбат ба тарҷума транслитератсияро афзал донистааст, ки ин ҷо вожаи «**муғелон**» нисбат ба вожаи «**Каъба**» мутаносиб буда, мақсад аз ин байт он аст, ки чун ба сӯйи Каъба роҳ аз байни биёбон

аст ва мушкилотҳои зиёд дорад, роҳрав набояд аз халидани хори мағелон ба по ва дигар мушкилоти роҳ ҳаросад. Мисраи сеюми тарҷумаи Гертруда Белл андак баҳснок аст, чунки биёбон аслан намешукуфад. Агар тарҷумон дар назар дошта бошад, ки хорҳои гуногуни биёбон мерӯянд, пас, каме возеҳ хоҳад буд.

Аммо дар бештари маврид аз тарҷумаҳои Гертруда Белл пай бурдан, ки ин ғазали Ҳофизи Шерозист, хеле мушкил аст. Масалан, як ғазали комилро меорем:

Эй ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат,
Бингар, ки аз куҷо ба куҷо мефиристамат.
Ҳайф аст тоире чу ту дар хокдони ғам,
З-ин ҷо ба ошёни вафо мефиристамат.
Дар роҳи ишқ марҳалаи қурбу буъд нест,
Мебинамат аёну дуо мефиристамат.
Ҳар субҳу шом қофилае аз дуои хайр,
Дар суҳбати шамолу сабо мефиристамат.
То лашкари ғамат накунад мулки дил хароб,
Ҷони азизи худ ба наво мефиристамат.
Эй ғоиб аз назар, ки шудӣ ҳамнишини дил,
Мегӯямат дуову сано мефиристамат.
Дар рӯйи худ тафарруҷи сунъи Худой кун,
К-ойинаи худойнамо мефиристамат.
То мутрибон зи шавқи манат огаҳӣ диҳанд,
Қавлу ғазал ба созу наво мефиристамат.
Соқӣ, биё, ки ҳотифи ғайбам ба мужда гуфт:
«Бо дард сабр кун, ки даво мефиристамат».
Ҳофиз, суруди маҷлиси мо зикри хайри туст,
Биштоб, ҳон ки асбу қабо мефиристамат [119, 110].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Wind from the east, oh Lapwing of the day,
I send thee to my Lady, thoug the way
Is far to Saba, where I bid thee fly;
Lest in the dust thy tameless wings should lie,
Broken with grief, I send thee to thy nest,
Fidelity.
Or far or near there is no halting-place
Upon Love`s road-absent, I see thy face,
And in thine ear my wind - blown greetings sound,
North winds and east waft them where they are bound,
Each morn and eve convoys of greeting fair
I send to thee.
Unto mine eyes a stranger, thou that art
A comrade ever-present to my heart,
What whispered prayers and what full meed of praise
I send to thee.
Lest Sorrow`s army waste thy heart`s domain,
I send my life to bring thee peace again,
Dear life thy ransom! From thy singers learn
How one that longs for thee may weep and burn;
Sonnets and broken words, sweet notes and songs
I send thee.
Give me the cup! A voice rings in mine ears
Crying: «Bear patiently the bitter years!
For all thine ills, I send thee heavenly grace.
God the Creator mirrored in thy face
Thine eyes shall see, God`s image in the glass
I send to thee.
«Hafiz, thy praise alone my comrades sing;

Hasten to us, thou that art sorrowing!
A robe of honour and a harnessed steed
I send to thee» [160, 97]

Асли ғазал 20 мисраъ ё 10 байт аст. Зимни тарҷума Гертруда Белл онро 32 мисраъ тарҷума кардааст.

Аз аввалин мисраъҳо пай бурдан мушкил аст, ки ин ғазали «Эй ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат» аст, чунки аксари вожаҳои истифодашуда куҳнашуда (архаизм) ҳастанд. Бо шарҳи мутарҷим дарк кардани ин мисраъҳо осон мегардад. Масалан, ибораҳои маҷозии «**лашкари ғам**» ***(Sorrow`s army)*** ва **«мулки дил»** ***(Heart`s domain)*** дар тарҷумаҳои Гертруда Белл ҳарчанд таҳтуллафзӣ тарҷума шудаанд, аммо маънии ин ибораҳоро коста намекунанд.

Хулоса, тарҷумаҳои Гертруда Белл новобаста аз мушкилии лафзу маънӣ шоистаи омӯзиш аст.

1.2.2. Марҳилаи дуюм: асри XX

Тарҷумаи Артур Арберри ва услуби тарҷумаи ӯ

Артур Ҷон Арберри 12-уми майи соли 1905 дар шаҳри Портсмути Англия таваллуд шуда, 2-юми октябри соли 1969 аз олам чашм мепӯшад. Артур Ҷон Арберри шарқшинос, олим ва тарҷумони барҷаста аст. Ӯ забонҳои арабӣ ва форсиро хуб медонист.

А.Ҷ. Арберри дар тарҷумаи осори Ҷалолуддини Румӣ, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон саҳми босазо дорад. Ӯ дар китобаш «Fifty poems of Hafiz» (50 ғазали Ҳофиз) баргузидаи тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизро аз ҷониби тарҷумонони гуногун ҷамъ намуда, худ низ дар тарҷумаи 15 ғазал қаламфарсоӣ кардааст [153].

Як хусусияти барҷастаи тарҷумаҳои Артур Арберри дар он зоҳир мегардад, ки миқдори мисраъҳо аз ғазали асл зиёд мебошад ва ҷиҳати фарқкунандаи тарҷумаи ӯ аз дигар тарҷумонон дар он аст, ки Арберри ба

ғазали тарҷумакардааш унвон мегузорад. Масалан ғазали: «Ҳазор душманам ар мекунанд қасди ҳалок….»

Ҳазор душманам ар мекунанд қасди ҳалок,
Гарам ту дӯстӣ, аз душманон надорам бок.
Маро умеди висоли ту зинда медорад
В-агарна ҳар дамам аз ҳаҷри туст бими ҳалок [119, 273].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Hope

(Умед, Чашмдошт)

What though a thousand enemies propose
To slay me,
With thee my loving friend, how shall my foes
Affray me?
This is my hope of life, to hold thee nigh
To cherish;
Absent, it is my constant fear that I
Must perish [153, 113].

Ё тарҷумаи баъзе байтҳо аз ҷониби Артур Арберри:

Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,
Ӯ намедидашу аз дур «Худоё» мекард [119, 149].

Тарҷумаи Артур Арберри:

There was a man that loved God well;
In every motion of his mind
God dwelt; and yet he could not tell
That God was in him, being blind:
Wherefore as if afar he stood
And cried, «Have mercy, O my God!» [153, 98].

Тарҷумон ду мисраи ғазалро бо 6 мисраъ тарҷума кардааст, аммо мазмуни байт пурра дода шудааст.

Гуфтам: Каям даҳону лабат комрон кунанд?
Гуфто: Ба чашм, ҳар чӣ ту гӯйӣ, ҳамон кунанд.
Гуфтам: Хироҷи Миср талаб мекунад лабат,
Гуфто: Дар ин муомила камтар зиён кунанд [119, 191].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«Ah, when shall I to thy mouth and lips attain?»
«Fore God, but speak, for thy word is sovereign».
«Tis Egypt‘s tribute thy lips require for fee».
«In such transaction the less the loss shall be» [153, 103].

Ҳофизи Шерозӣ ғазалро дар шакли мусоҳиба навиштааст. Суҳбати шоир бо ёр аст. Дар тарҷумаи Артур Арберри ҳам дар ҳамин шакл аст. Аммо новобаста ба ин, мусоҳиба мушаххас (конкрет) нест.

Дар тарҷумаи ғазали «Дар хароботи муғон нури Худо мебинам...» Артур Арберри хеле муваффақ гаштааст:

Дар хароботи муғон нури Худо мебинам,
Ин аҷаб бин, ки чӣ нуре, зи куҷо мебинам?
Ҷилва бар ман мафурӯш, эй малакулҳоҷ, ки ту
Хона мебиниву ман хонахудо мебинам [119, 316].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Within the Magian tavern
The light of God I see;
In such a place, O wonder!
Shines out such radiancy.
Boast not, o king of pilgrims,
The privilege of thee:
Thou viewest God‘s own Temple;
God shews Himself to me [153, 117].

Тарҷума басо хуб баромада, оҳанги шеър низ форам аст. Вожаҳои архаистие ***(thee, viewest, temple, shews)***, ки дар тарҷума истифода шудаанд, фаҳмо буда, барои хонандаи англис уқдае нест.

Зикр ҷоиз аст бигӯем, ки Артур Ҷон Арберри нисбат ба Гертруда Белл дар риояи қофия ва оҳанг муваффақтар аст:

Субҳ аст, соқиё, қадаҳе пуршароб кун,
Даври фалак диранг надорад, шитоб кун.
Ҳ-он пештар, ки олами фонӣ шавад хароб,
Моро ба ҷоми бодаи гулгун хароб кун.
Хуршеди май зи машриқи соғар тулӯъ кард,
Гар барги айш металабӣ, тарки хоб кун.
Рӯзе, ки чарх аз гили мо кӯзаҳо кунад,
Зинҳор косаи сари мо пуршароб кун.
Мо марди зуҳду тавбаву томот нестем,
Бо мо ба ҷоми бодаи софӣ хитоб кун.
Кори савоб бодапарастист, Ҳофизо,
Бархезу азми ҷазм ба кори савоб кун [119, 347].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Saki, the down is breaking;
Fill up the glass with **wine,**
Heaven`s wheel no delay is making-
Haste, haste, while the day is **thine**!
Ere to our final **ruin**
Space and the world speed by,
Let wine be our great **undoing**,
Red wine, let us and die!
See, on the bowl`s horizon
Wine, the red sun, doth **rise:**
Here`s glory to feast the eyes on-
Drive sleep from thy languid **eyes**!

When Fate on his wheel is **moulding**
Jars from this clay of mine,
Let this be the cup thou`rt **holding**
And fill up my head with wine!
Never was I a **shrinker**,
No hypocrite monk am I;
Let wine, the pure wine of the **drinker**
Be the talk men address me by.
Wine is the sole salvation,
Its worship and works sublime;
Be firm thy determination,
Hafiz-be saved in time [153, 123].

Артур Арберри ибораи «**Даври фалак**», ки мурод аз гузашти айём аст, бо ибораи *«Heaven`s wheel»*, яъне чархи осмон ё чархи фалак тарҷума мекунад. Ин бозёфти тарҷумон ҳарчанд таҳтуллафзист, аммо барои хонандаи англисзабон фаҳмост. Ҳамзамон дар тарҷумаи ғазал радиф риоя гаштааст. Радифҳои: **wine-thine, by- die-rise- eyes, shrinker,-drinker, moulding-holding…**

1.2.3. Марҳилаи сеюм: асри XXI

Тарҷумаи Дик Дэвис ва услуби тарҷумаи ӯ

Дигар аз тарҷумони барҷастаи ашъори Ҳофизи Шерозӣ ба забони англисӣ ин Дик Дэвис мебошад.

Дик Дэвис олим, профессори фахрии донишгоҳи давлатии Огайо, тарҷумон ва шоири англо-амрикоист. Ӯ унвони доктор PhD-ро дар бахши адабиёти форсӣ дар Донишгоҳи Манчестер соҳиб шудааст. Ҳанӯз дар коллеҷи Кембриҷ таҳсил кардан, Дик Дэвис ба адабиёти тоҷику форс алоқаву дилбастагӣ пайдо мекунад. Баъдтар, вақте ки ӯ дар Теҳрон як муддат зиндагӣ мекунад, ошноии ӯ бо ин адабиёт бештар мегардад. Дик Дэвис ба эҷодиёти Фирдавсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Ҳофизи Шерозӣ,

Ҷаҳон Маликхотун, Убайди Зоконӣ ва чанде дигар таваҷҷуҳ доштааст. Аммо боз ҳам майли ӯ ба ғазалиёти Ҳофиз ҷудогона буда, ин ҳаяҷони руҳии ӯро метавон аз тарҷума ва иштиёқи беши ӯ ба Ҳофиз дарк кард.

Худи Дик Дэвис дар тарҷумаи матни бадеӣ дар мақолааш «On Not Translating Hafez» (Ҳофизи тарҷуманопазир) якчанд мушкилотро баён мекунад: яке мушкилоти лингвистӣ ва дигар мушкилоти фарҳангӣ [180].

«Мушкилоти лингвистиро баён кардан осон аст. Мо медонем, ки айнан як намуди синонимҳо дар байни дигар забонҳо вуҷуд надоранд; идиомаҳо низ мушкилоти худи тарҷумон аст ва калима ба калима тарҷума намудани онҳо маънии аслро коста мекунад.

Мушкилоти возеҳи дигар, ки тарҷумон рӯ ба рӯ мешавад, маданият ва урфу одати як халқи алоҳида аст, ки ба дигарон фаҳмо нест. Зеркисмати мушкилоти ирфонӣ ин ифодаи андеша бо метафораҳое ҳастанд, ки дар ашъори форсизабонон бо *май, мастӣ, ринд, зоҳид* баён карда шудаанд. Ягон аз ин мафҳумҳо ба фарҳанги адабии Ғарб алоқамандие надорад. Барои ҳамин ҳам ин мафҳумҳо бояд шарҳ дода шаванд, он гоҳ фаҳмо ва дастрас хоҳанд шуд.

Метафораи дигаре, ки ба хонандаи англис «аз ақл дур» менамояд, ибораи «сарви равон» (Walking cypress tree) аст, чунки ин ифода дар зеҳни хонандаи англис он рамзи зебоӣ, хиром ва ҷазобат нест.

Ҳамзамон бояд зикр кард, ки тарҷумаи шеър дар шакли манзум душвории дигар аст, чунки овозҳо ва намунаҳои семантикии зиёде ҳастанд, ки барои назми англисзабон нофаҳмоянд. Новобаста ба ин тарҷумаи манзуми он имконпазир аст.

Бешубҳа, ашъори шоирон тарҷуманопазиранд ё қариб тарҷуманашавандаанд чун руҳи халқи худро таҷассум мекунанд. Дар адабиёти рус Пушкин, дар адабиёти Олмон Гёте, дар адабиёти форс Ҳофиз ба ҳамин қатор шомиланд» [180].

Дар китоби худ «Faces of Love» (Ҷилваҳои муҳаббат) Дик Дэвис қисман аз ашъори се шоири ҳамаср Ҷаҳон Маликхотун, Убайди Зоконӣ ва Ҳофизи Шерозиро тарҷума кардааст.

Дар китоби мазкур муқаддимаи муфассали тарҷумон бобати даврони зиндагонии шоирон ва шоҳони ҳукмрони вақт, шарҳи ҳоли шоирон ва хусусиятҳои тарҷума оварда шудааст. Аз ҷумла, дар бораи сохти ғазали тоҷикӣ-форсӣ ӯ чунин навиштааст: «Шеъри форсӣ тақрибан 14 ҳиҷоӣ аст. Дар назми англисзабон ин гуна шеърҳоро чаҳордаҳгона мегӯянд. Ҳарчанд ин тарзи шеърофарӣ имрӯзҳо кам ба назар мерасад, аммо дар қолаби «шикаста» дар шакли шеърии баллада истеъмол мешавад. Ҳарчанд аз шакли асл дур аст, ман ғазалҳоро дар шакли баллада тарҷума кардам. Албатта, ҳамаи шеърҳо бад-ин зайл тарҷума нашудаанд, бархе аз онҳоро ман чун бандҳои одии шеърӣ тарҷума намудам» [158, LXIX].

Дар тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз Дик Дэвис аз нусхаи Парвиз Нотил Хонларӣ (Теҳрон: Хоразмӣ, 1362/1983) истифода бурдааст. Ҳамзамон, аз шарҳҳо «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз»-ро, ки аз туркӣ доктор Исмат Сатторзода тарҷума кардааст, истифода бурдааст. Ба андешаи Дик Дэвис номҳои форсӣ шиддатнок талаффуз мешаванд [158, LXXV]. Дар охири китоб Дэвис баъзе аз истилоҳоти мураккаби ғазалиёти Ҳофизро ташреҳ додааст.

Дик Дэвис дар китобаш «Faces of Love» (Ҷилваҳои муҳаббат) 79 ғазали Ҳофизро тарҷума кардааст. Дар зер чанд мисол аз тарҷумаи ӯро меоварем. Бояд тазаккур дод, ки тарҷумаҳои Дик Дэвис бисёр равону осонфаҳманд ва сактае дар тарҷумаҳо дида намешавад.

Масалан:

Ҳарчанд пиру хастадилу нотавон шудам,
Ҳар гаҳ, ки ёди рӯйи ту кардам, ҷавон шудам [119, 289].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

However old, incapable,
And heart-sick I may be,

The moment I recall your face
My youth‘s restored to me [158, 2].

Байти мазкур дар жанри баллада тарҷума шудааст. Ҳар мисраи алоҳида ба ду ниммисраъҳо тақсим карда шудааст. Байти асл ҷумлаи пайрави хилоф аст. Дар тарҷума низ ин ба назар гирифта шудааст.

Ҳамзамон вожаҳои матни асл беҳазф баргардон шудаанд. Мисраи аввал 13 ҳиҷо ва мисраи дувум 14 ҳиҷо дорад. Дар тарҷума дар ниммисраи аввал 7 ҳиҷо ва дар ниммисраи дувум 6 ҳиҷо ҷой дорад. Антонимҳои **пир (old)** ва **ҷавон (**youth - таносубан ҷавонӣ), сифатҳои *пир, хастадил, нотавон,* ки дар ин мисраъ ба ҳодисаи конверсия мубтало шудаанд, дар тарҷума бачо ва мантиқан дуруст тарҷума шудааст.

Дар тарҷумаи шеъру ғазал тарҷумон як андоза озод аст. Дар тарҷумаи ғазали «**Зулфошуфтаву….**» Дик Дэвис аз ду байт мазмун бардошта тарҷума кардааст:

Зулфошуфтаву хайкардаву хандонлабу маст,
Пираҳанчоку ғазалхону суроҳӣ дар даст,
Наргисаш арбадаҷӯву лабаш афсӯскунон,
Ними шаб дӯш ба болини ман омад, бинишаст [119, 74].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Last night she brought me wine, and sat beside my pillow;
Her hair hung loose, her dress was torn, her face perspired-
She smiled and sang of love, with mischief in her eyes,
And whispering in my ear, with drunkenly inquired: [158, 4].

Тарҷумаи байтҳои болозикрро Дик Дэвис аз мисраи охири ин ду байт оғоз кардааст, ки ин ғалате нест. Муҳим он ки тарҷумон аз мазмун инҳироф накардааст. Танҳо ба ҷойи вожаи «**суроҳӣ**» калимаи «**wine-май**» истифода карда, аз қоидаи антономасия истифода бурдааст.

Гоҳе дар тарҷумаҳои Дик Дэвис тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ низ ба чашм мерасанд. Чунончи:

Кас чу Ҳофиз накушод аз рухи андеша ниқоб,
То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд [119, 41].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

No one has drawn aside the veil
Of Thoughts as Hafez has,
Or combed the curls of Speech
As his sharp pen has, line by line [158, 41].

Метафораи «**зулфи сухан**»-ро Дик Дэвис айнан тарҷума кардааст: **curls of Speech.** Ин аз он ҷиҳат аст, ки дар офариниши образҳо Ҳофиз камназир аст ва ин дар пеши тарҷумон мушкилии муайянро мегузорад.

Байти дигар:

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро [119, 44].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Mild breeze of morning, gently tell
That errant, elegant gazelle
She‘s made of wander far and wide
About the hills and countryside [158, 118].

Дар тарҷумаи байти боло Дик Дэвис бисёр муваффақ гаштааст. Мисраъҳо равон ва сактае дар хониши тарҷума ба назар намерасад. Танҳо ибораи «**ғизоли раъно**», ки мақсади шоир маҳбубааш аст, чун: «**elegant gazelle»** тарҷума шудааст ва маънои «ғизоли раъно»-ро медиҳад, аммо барои хонандаи англисзабон фаҳмо будани ин мақсад, тарҷумон дар мисраи дигар ҷонишини «**She**»-ро, ки ифодакунандаи ҷинсияти занона дар шахси сеюми танҳо мебошад, дуруст корбаст мекунад.

Тарҷумаи

Роберт Блай ва Леонард Левисон ва услуби тарҷумаи онҳо

Дигар аз тарҷумонони мумтоз ва муваффақи ашъори Ҳофизи Шерозӣ инҳо Роберт Блай ва Леонард Левисон мебошанд, ки барои тарҷумаи 30 ғазали Ҳофиз 14 соли умри худро сарф кардаанд. Ин маҷмуаи тарҷумаҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ бо номи «The angels knoking on the tavern door» (Малоик дари майхона мезананд) соли 2008 дар Амрико чоп шудааст [164].

Дар пешгуфтори ин тарҷумаҳо мутарҷимон иқрор мешаванд, ки қариб ҳар як ғазалро даҳ маротиба тарҷума кардаву нусхаи охирин ва афзалашро интихоб кардаанд. Ба қавли худи тарҷумонон барои тарҷумаи ин ғазалҳо эшон аз зиёда 20 шарҳҳои форсии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, луғатномаҳои бешумори истилоҳоти сӯфиёна ва адабиёти зиёде бобати калидвожаҳои ғазал истифода бурдаанд.

Аввалин тарҷумаи онҳо тарҷумаи ҳарф ба ҳарф мешавад. Р. Блай ва Л. Левисон низ мисли Артур Арберри ба ғазалҳо ном гузоштаанд. Масалан:

Ёрам чу қадаҳ ба даст гирад,
Бозори бутон шикаст гирад.
Ҳар кас, ки бидид чашми ӯ, гуфт:
«Ку муҳтасибе, ки маст гирад?» [119, 153].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The wine made before Adam

(Шаробе, ки пеш аз Одам (а) офарида шудааст ё бодаи аласт)

When the one whom I love accepts the wine,
Then the shop of the false idols collapses.
Whoever looks into his luminous eyes cries:
«Someone is already drunk, get the police!» [164, 25].

Дар охири китоб бобати ҳаёт ва замони зиндагии Ҳофизи Шерозӣ, муносибати ӯ ба ҳодисаҳои замон ва муҳимтар аз ҳама бобати чӣ тавр

тарҷума шудани 30 ғазали Ҳофиз сухан меравад. Ҳамзамон, барои осон кардани кори хонандаи англисзабон дар охири китоб баъзе мисраву байтҳо шарҳ ёфтаанд.

Хулосаи боби якум

Таҳлилҳо ва баррасиҳои боби якуми диссертатсия нишон доданд, ки дар тарҷумаи матнҳои шеърӣ, яъне осори назмӣ мушкилӣ ва масъалаҳои зиёде марбут ба забони тарҷумаи асарҳои назмӣ ҳанӯз норавшан боқӣ мондааст. Забони назм, ки ҳамчун забони матни шеърӣ фаҳмида мешавад, чунон ки маълум аст, як навъи махсуси санъат мебошад. Омӯзиши забони назм мисли дигар санъатҳо муайян кардани маводи он ва усулҳои аз ин мавод офаридаи асари шоирро фаро мегирад. Дар ҷанбаи амалисозии вазифаи асосии забони назм ба хонанда (ё шунаванда) аз ҷиҳати эстетикӣ таъсир расонидан, хосиятҳои прагматикии он сазовори таваҷҷуҳи махсус аст, ки таҳлили он ҳамкории мутақобилаи муаллиф ва хонандаро ошкор мекунад, ченаки эстетикиро муайян мекунад, маълумотро дар назм бо тамоюли муайян ба хонанда пешкаш менамояд. Тадқиқоти функсионалии забони назм хусусияти забонии онро ошкор мекунад, ки дар асоси норавшании маъноӣ ва гуногунандешии тафсирҳо, мубоҳисаҳо пайдо мешаванд. Дар ин ҷодаи татбиқ забони матни шеърӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти забоншиносӣ дар соҳаи тарҷумашиносӣ имкониятҳои калон дорад.

Ҷанбаҳои асосии матни шеърӣ қабатҳои услубӣ, маъноӣ ва прагматикӣ мебошанд. Тарҷумаи назмӣ дар Тоҷикистон ҳамеша як ҷузъи муҳими раванди умумии забоншиносӣ ва адабӣ буд ва дастовардҳои он ба таври умум эътироф карда мешаванд, ки ин асос медиҳад, ки тарҷумаи шоирона ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мероси фарҳангии миллии кишвар сазовори омӯзиши ҳамаҷониба дониста шавад.

Ба кори тарҷума даст задани шоирони маъруфи тоҷик, аз қабили А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, Ҳ. Карим, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода, Л. Шералӣ,

М. Қаноат ва дигарон ба баланд гардидани сатҳу сифати тарҷумаи осори назмӣ аз забонҳои дигар боис мегарданд. Вале баръакси кор, яъне тарҷумаи осори назмии классикон ё шоирони муосири тоҷик аз ҷониби соҳибзабонон на он қадар рушд кард. Ҳамзамон, таҳқиқи масъалаҳои назариявии тарҷума низ ба ҳадди кофӣ инкишоф наёфтааст.

Дар робита ба ин масъала бисёр олимони хориҷӣ ба монанди Алексеева И.С., Бархударов Л., Жирмунский В.М., Комиссаров В.Н., Лотман Ю.М., Пертсов Н.В., Потебня А., Ретскер Я.И., Эткинд Е.Г. ва дигарон тадқиқотҳо анҷом додаанд. Мавзуи тадқиқотҳо асосан носаҳеҳии матни шеърӣ ва тарҷумаи он мебошад.

Дар асоси таҳлили боби мазкур ба хулосае омадем, ки:

1) тарҷумаи осори назмӣ кори мушкил, вале имконпазир;

2) тарҷума аз замони хеле қадим, аз замоне, ки забонҳои гуногун пайдо шудаанд, сурат мегирад, аммо ҳамчун илм дар асри ХХ ташаккул ёфт;

3) Ҳофизи Шерозӣ аз машҳуртарин шоиронест, ки ғазалиёташ дар тамоми ҷаҳон паҳн гаштааст.

БОБИ II.
ТАРҶУМАИ БАЪЗЕ ҚАБАТҲОИ ЛЕКСИКӢ-ФРАЗЕОЛОГИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ АЗ ҶОНИБИ МУТАРҶИМОН

2.1. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ

Ҳар як забон миқдори муайяни ифодаҳои устувор, идиомаҳо, фразеологизмҳо ва ҳикматҳоро дорост. Ин ибораҳо ва воситаҳои образнок бештар дар адабиёти бадеӣ, шеъру ғазал ва гуфтори ҳаррӯзаи мо ба чашм мерасанд. Ҳар қадаре ки ифодаҳои образнок, мақол, фразеологизмҳо, зарбулмасалҳо дар забон зиёд бошанд, ба он далолат мекунад, ки гӯяндагони он забон таҷрибаи зиёд ва фарҳанги ғанӣ доранд. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки ин ифодаҳои устувор ба забон обуранги хос мебахшанд.

Фразеология – соҳаи илми забоншиносӣ, ки ибора ва таркибҳои устувори рехтаро меомӯзад [146, 424]. Фразеология (аз калимаи юнонии «phrasis» - ифода ва «logos» - таълимот) маҷмӯи ифодаву ибораҳои рехтаву устувори ҳар забонро ташкил медиҳад [46, 62]. Дар раванди тарҷумаи идиома ва фразеологизмҳо тарҷумон муодили ҳамон ибораи устуворро меёбад, агар ин гуна муодил вуҷуд надошта бошад, пас онро тарҷумаи таҳтуллафзӣ, тарҷумаи маъноӣ ё тарҷумаи тасвирӣ мекунад.

Доир ба тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ тарҷумашиносон ва забоншиносон афкори худро баён намудаанд. Муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқ ё масъалаи тарҷумаи байнизабонии воҳидҳои фразеологӣ машғул буданд, аз мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ёдовар шудаанд [68, 75, 112 ва диг.].

Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дар замони муосир низ чун ҳамешагӣ мушкилоти рӯз боқӣ мондааст. Ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар аксар маврид нақши асосиро ҷанбаи лингвокултурологӣ (забоншиносии фарҳангӣ) ва психолингвистӣ (забоншиносии равонӣ) мебозанд.

Ба мавриd аст, агар дар ин ҷо гуфтаҳои забоншинос Саодатшо Матробиёнро зикр намоем: «Воҳидҳои фразеологӣ дар мавриди тарҷума ба забони дуюм бояд дар сурати муодилҳо тарҷума карда шаванд. Қобили қайд аст, ки дар забонҳои гуногун як миқдор воҳидҳои фразеологие ҳастанд, ки муодилҳои ба ҳам баробар доранд.

Масалан, муодилҳои зайли тоҷикӣ ва русӣ аз ҳамин қабиланд: *лаб кушодан* «обмолвить слово», *дандон доштан ба касе* «иметь зуб против кого-либо», *чашм пӯшидан аз чизе* «закрывать глаза от чего-л». Чунин муносибатро дар байни муодилҳои зайли тоҷикию англисии онҳо низ мушоҳида кардан мумкин аст: *паймон шикастан «*to break a promise», *бо оташ бозӣ кардан* «to play with fire», *рӯ ба рӯ* «face to face» ва монанди инҳо» [76, 245].

Ҳамзамон, забоншиноси мазкур таъкид мекунад, ки дар мавриди набудани муодилҳои баробар воҳидҳои фразеологии забони аслро бо муодилҳои тақрибии онҳо ё дар шакли тарҷумаҳои тасвирӣ вобаста ба маънои асли воҳиди фразеологӣ метавон тарҷума кард [76, 245].

Ба андешаи М. Бачаев «...тарҷумонҳо ҳангоми дучор шудан ба ин ё он унсури фразеология дар навбати аввал саъю кӯшиш менамоянд, адеквати (мафҳуми ҳаммаъноӣ) онро аз захираи фаровони фразеологияи забони тоҷикӣ пайдо кунанд» [107, 184].

Муҳаққиқ Ю.А. Рубинчик дар китоби худ «Асосҳои фразеологияи забони форсӣ» (Основы фразеологии персидского языка) ба ақидаҳои В.В. Виноградов ва А.И. Молотков такя намуда, доир ба масъалаҳои умумӣ ва ҳамчунин хусусиятҳои махсуси ифодаёбӣ ва амалкарди фразеологизмҳо дар забони форсӣ (масалан, фразеологизмҳои мураккаб ё копулятивӣ бо миёнванди –о-) равшанӣ андохтааст. Доир ба семантикаи воҳидҳои фразеологӣ Ю.А. Рубинчик дар асоси се навъи семантикаи пешниҳоднамудаи В.В. Виноградов ва А.И. Молотков дар забони форсӣ низ се намуди ифодаи маъно доштани воҳидҳои фразеологиро пешниҳод мекунад:

1) рехта (мисол: гурги борондида);
2) таркибӣ (мисол: дурӯғи шохдор);
3) озод (мисол: таҷдиди назар кардан) [183, 7-40].

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон фразеологизмҳоро аз рӯйи маъноянишон ба се гурӯҳ ҷудо намудаанд:

- идиомаҳо;
- фраземаҳо;
- фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ [75, 75].

Идиомаҳо гуфта, воҳидҳои фразеологиеро меноманд, ки ду ё зиёда калимаҳои таркиби ифодаи идиоматикии онҳо як маънои бутунро мефаҳмонад. Яъне чунин калимаҳои таркибӣ ба ҳиссаҳо ҷудо намешаванд. Масалан, «**гули сари сабад**» (азиз, сара), «**нури чашм**» (фарзанд). Зикр бояд кард, ки идиомаҳо аз назари маъно яклухту пуробуранг ва аз назари сохт калимаҳои он тағйирнаёбанда буда, ба қисматҳо ҷудо намешаванд.

Мо дар зер тарҷумаи идиомаҳоро дар мисоли ғазалиёти Ҳофиз дида мебароем.

2.1.1. Идиомаҳо

Дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ ибораҳои устувори забонӣ ва зарбулмасалҳои зиёде ҳастанд, ки аз ҷониби тарҷумонҳо бо роҳҳои гуногун тарҷума шудаанд. Дар тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофиз ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки дар матни асл воҳиди фразеологӣ вуҷуд надошта, ҳини тарҷума тарҷумон аз воҳидҳои фразеологӣ, хусусан аз идиомаҳои забони англисӣ истифода кардааст. Ин гуна корбаст маънии ғазалро ҳазф накарда, балки ба он зебоии иловагӣ бахшидааст.

Зимни баррасии ин зербоб ба корҳои баанҷомрасонидаи А.В. Кунин «Англо-русский фразеологический словарь» [1984], М. Фозилов «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» [1975-1977, Ҷ. 1-2], Ҳ. Маҷидов «Воҳидҳои фразеологӣ ва калима» [1984], «A dictionary of American Proverbs» [1992], Ф.М. Турсунов «Сопоставительное исследование

безэквивалентной лексики в лингвокультурном и переводческом аспектах» [2016] ва дигарон руҷӯъ карда шуд.

Дар байти зер Ҳофиз идиомаи «ҳар чӣ бодо, бод!», ки маънои таваккалро дорад, истифода кардааст. Чанд намуна аз тарҷумаҳои англисии ғазалиёти Ҳофиз:

Шаробу айши ниҳон чист? Кори бебунёд,
Задем бар сафи риндону **ҳар чӣ бодо, бод!** [119, 126].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

What‘s all this hiding happiness and wine away?
I‘ve lined up with the libertines now, **come what may** [158, 32]

Чи тавре ки аз тарҷумаи Д. Дэвис маълум мегардад, мавсуф идиомаи «ҳар чӣ бодо, бод!»-ро дар шакли гуфтугӯии «**Come what may»** (ё might), яъне «ҳар чӣ бодо, бод ё ҳар чӣ пеш ояд» тарҷума мекунад, бо идиомаи истифоданамудаи Ҳофиз мувофиқати комил мекунад.

Дар байти поён, агар Ҳофиз идиомаро истифода накарда бошад ҳам, аммо дар тарҷумаи он тарҷумон идиомаи «to be mad about/for sb/sth.-to like or want sb/smth very much [163, 925]-ро истифода бурдааст, ки маънои «дӯст доштан, хостан, маҷнун будан»-ро дорад.

Зи тоби оташи савдои ишқаш
Ба сони дег доим мезанам ҷӯш [119, 263].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And **I‘m so mad about** him, so on fire for him,
I‘m like a cooking cauldron‘s seething turbulence [158, 9].

Дар байти асл таркиби «**ба ҳарза нест**» чун *беҳуда, бечо, ёва, сафсата* [145, 495] маънидод мешавад, вале ин идиома нест. Дар тарҷума он бо идиомаи «**go to waste»** ҳарза тарҷума шудааст.

Ба андешаи М. Бачаев «тарҷумон аз таркиби луғавии матн ҳар қадар зиёдтар «дур» шавад (яъне ба таври эҷодӣ тарҷума кунад), ҳамон қадар

бештар ба маънои аслии он наздик мешавад ва баръакс, ба таркиби луғавӣ ҳар қадар зиёдтар «наздик» шавад, (яъне таҳтуллафзӣ тарҷума кунад), ҳамон қадар бештар аз маънои аслӣ «дур» мешавад [107, 186].

Дар луғати А. Амбражейчик ибораи «**Go to waste»** чун «беҳуда будан, беҳуда сарф гаштан, ҳарза» тарҷума шудааст [11, 73]. Дар луғати С. Кузмин «Англо-русский фразеологический словарь» синонимҳои ҳамин идиома дода шудааст: **to come to nothing, be in vain, to go to pot** [67]**.**

Дар умум ин байт чунин тафсир дорад: Ғаму дарди шоир беҳуда набуда, қиссаҳои аҷоиб дар ин дардҳо ниҳон аст.

Фарёди Ҳофиз ин ҳама, охир, **ба ҳарза нест**,
Ҳам қиссае ғарибу ҳадисе аҷиб ҳаст [119, 89].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The cries that Hafez has made all of his life
Have not gone to waste; a strange story has emerged
Inside those cries, and a marvelous way of saying [164, 12].

Дар байти зер феъли «намеарзад» ба маънои «арзиш надорад, бе қимат» аз тарафи тарҷумонон бо идиомаи «**waste of time»** тарҷума шудааст, ки қисман маънии асли ғазалро медиҳад. Шоир мегӯяд, ки (ҳатто) як лаҳзаи умрро бо ғам ва ғусса гузаронидан арзиш надорад ва пешниҳод мекунад, ки хирқаи худро бо май иваз кунем, ки он дигар қимат надорад. Тарҷума ҳам ба асл хеле наздик аст.

Даме бо ғам ба сар бурдан ҷаҳон яксар намеарзад,
Ба май бифрӯш далқи мо, к-аз ин беҳтар намеарзад [119, 156].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л.Левисон:

To spend even one moment grieving about this world
Is waste of time. Let‘s go and sell our robes [164, 41]

Дар тарҷумаи байти дигар Дик Дэвис идиомаи «drain/drink to lees» [68, 79] - яъне «ҷоми ғаму ғуссаро то охир нӯшидан», истифода кардааст.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки бо ин идиома Дик Дэвис вожаи **«дурдкашон»**-ро тарҷума кардааст. Худи вожаи **«дурд»** маънои таҳнишини моеот, тира, торикро дорад [145, 89].

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хурда магир,
Ки надоданд ҷуз ин туҳфа ба мо рӯзи аласт [119, 76].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And as for you, you hypocrites, don‘t cavil at
Lovers who **drain life to the lees**, since we were given
This nature when the world began, and we must drink…[158, 4].

Вожаи «**дурдкашон**» ё «**дурдикашон**» боданӯши гузаро, шахсе, ки то охири ҷом менӯшад.

Соқӣ биё, ки **ҳотифи ғайбам** ба мужда гуфт,
Бо дард сабр кун, ки даво мефиристамат [119, 110].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Give me the cup! **a voice rings in my ears**
Crying: «Bear patiently the bitter years!
For all thine ills, I send thee heavenly grace [160, 98].

Дар байти болозикр ибораи «**ҳотифи ғайб**»-ро корбаст намудани Ҳофиз, маънои «*садое дар гӯш*»-ро дорад, ки муждае, яъне хабари хушеро мегӯяд. Дар тарҷумаи Гертруда Белл ҳамин воҳиди фразеологӣ бо ибораи «**a voice rings**» ифода ёфтааст.

Дар байти зер Ҳофиз идиомаи «**аз даст ба даст**»-ро истифода кардааст, ки маънои «овоза шудан»-ро дорад.

Забони килки ту Ҳофиз чӣ шукри он гӯяд,
Ки гуфтаи суханат мебаранд **даст ба даст** [119, 75].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

But to thee, oh Hafiz, to thee, oh Tongue
That speaks through the mouth of the slender reed,

What thanks to thee when thy verses speed
From lip to lip, and the song thou hast sung? [160, 105].

Гертруда Белл идиомаи «**аз даст ба даст**»-ро бо ифодаи **from lip to lip** тарҷума кардааст, ки таҳтуллафз маънои «аз лаб ба лаб»-ро ифода мекунад, аммо дар луғатҳои фразеологии забони англисӣ ин ибора ба назар намерасад. Мумкин аст, ки Г. Белл ибораи «**аз даҳон ба даҳон**»-ро дар назар доштааст, зеро чунин идиомаҳо дар забони англисӣ вуҷуд доранд: **from hand to hand,** ё **from mouth to mouth** [68, 75]. Гуфтан мумкин нест, ки Г. Белл аз ин идиомаҳо огоҳ набуд, аммо ӯ тарҷумаи худашро афзал донистааст. Яъне тарҷумон Г. Белл қаринаи идиомаи «from mouth to mouth» - (from lip to lip)-ро эҷод мекунад ва дар тарҷумаи идиомаи «аз даст ба даст» корбаст мекунад.

Ҳамин байт аз ҷониби Р. Блай ва Л. Левисон чунин тарҷума шудааст:

Now, Hafez, how can the tongue hidden in your pen
Ever give thanks enough for the way people
Pass on your poems **from hand to hand**? [164, 60].

Дар ин ҷо мутарҷимон ибораи рехтаи «**from hand to hand**» (аз даст ба даст)-ро истифода кардаанд. Яъне тарҷумонон дар тарҷумаи идиомаи «аз даст ба даст» муодили баробари онро дарёб кардаанд.

Дар байти дигар Ҳофиз ибораи фразеологии «бе хуни дил»-ро истифода кардааст:

Давлат он нест, ки **бе хуни дил** ояд ба канор,
В-арна бо саъю амал боғи ҷинон ин ҳама нест [119, 98].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The true kingdom comes to you **without any breaking**
Of bones. If that weren‘t so, achieving the Garden
Through your own labors wouldn‘t be all that great [164, 9].

Ибораи «**бе хуни дил**» (ин ибораи метафорист, ки маънои бе мушкилот, бе азобро дорад) чун w**ithout breaking of bones**, яъне «бе

шикастани устухон» тарҷума мешавад, ки тарҷумаи тасвирист. Дар луғатҳои фразеологии забони англисӣ **without breaking bones** «устухон нашикастан» вуҷуд надорад, аммо ба ҳамин монанд идиомаи **break no bones** «зарар нарасонидан» [68, 96], мавҷуд аст. Дар мавриди тарҷумаи ибораи «бе хуни дил» тарҷумонҳо Р. Блай ва Л. Левисон маҳз ҳамин идиомаи «break no bones»-ро дар назар доранд.

Таркиби феълии «**Хуш будан**» - яъне хушҳол, хушбахт будан аст. Ин таркибро тарҷумонон бо идиомаи англисии «**keep spirit high**» (руҳро болида доштан) тарҷума кардаанд. Ин идиома низ дар луғатҳо мавҷуд нест, лекин тарҷумон ба мисли шоир ҳуқуқи эҷодро дорад. Ин ҷо тарҷумаи маъноӣ ба назар мерасад.

Вафо кунему маломат кашему **хуш бошем,**
Ки дар тариқати мо кофирист ранҷидан [119, 345].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Let‘s befaithful to what we love; let‘s accept blame
And **keep** our **spirits high**, because on our road, being
Hurt by the words of others is a from of infidelity [164, 21].

Дар байти зер воҳиди фразеологии «**дил аз даст додан**» истифода шудааст:

Мо беғамони маст, **дилаздастдодаем**,
Ҳамрози ишқу ҳамнафаси ҷоми бодаем [119, 325].

Тарҷумаи Р.Блай ва Л. Левисон:

We are drunken estatics who have **let** our **hearts**
Go to the wild. We are musty scholars
Of love, and old friends of the wine cup [164, 3].

Дар мисраи боло фразеологияи «**дил аз даст додан**», яъне «ошиқ шудан» истифода шудааст, ки аз ҷониби тарҷумонҳо чун «**Let our hearts go to the wild**» тарҷума шудааст. Маънои таҳтуллафзии он «бигзор қалбҳои мо

девона шаванд, ваҳшӣ гарданд, озод шаванд»-ро дорад. Дар забони англисӣ ба ҳамин маъно идиомаи «**Let go**»-«аз даст додан, сар додан» истифода мешавад.

Дар байти зер Ҳофиз ибораи фразеологии «**гиреҳи дил кушодан**»-ро хеле моҳирона ба қалам додааст:

Гиреҳ зи дил бикушо в-аз сипеҳр ёд макун,
Ки фикри ҳеҷ муҳандис чунин гиреҳ нагшод [119, 126].

Мутарҷим Дик Дэвис ибораи «**гиреҳи дил**»-ро «heart‘s knot» тарҷума шудааст. Чизи ҷолиби диққат дар тарҷумаи байт ин аст, ки тарҷумаи идиомаи «**let it go**»-ро ба маънои «» истифода шудааст:

Undo your heart‘s knot, and ignore the heavens: since no
Astronomer‘s undone that knot yet, **let it go!** [158, 32].

Дар байти зер ибораи «**кор бо худ осон гирифтан**», ки маънои «**мушкилӣ ба худ пеш наовардан**»-ро дорад, Ҳофиз чунин корбаст намудааст:

Гуфт: Осон гир бар худ корҳо, к-аз рӯйи табъ
Сахт мегирад ҷаҳон бар мардумони сахткӯш [119, 262].

Идиомаи *кор бар худ осон гирифтан,* «мушкилӣ пеш наовардан»-ро тарҷумон бо идиомаи «**Go easy**» тарҷума намудааст, ки дар ин байт мувофиқати идиомаҳо пурра риоя гаштааст. Ин ҷо тарҷумон қаринаи «кор бо худ осон гирифтан»-(Go easy-сахт кӯшиш накардан, худро ташвиш надодан) дарёб кардааст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

«**Go easy** on yourself -the world‘s
Harsh nature is to be
Hard on the man who‘s hard upon
Himself continually» [158, 100].

Дар байти дигари Ҳофизӣ Шерозӣ таркиби феълии «**рухи касеро дидан**» мавриди назар қарор медиҳем.

Ин ҷони орият, ки ба Ҳофиз супурд дӯст,
Рӯзе рухаш бубинаму таслими вай кунам [119, 316].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

This lent soul, that the friend once gave into
Hafez‘s care, I‘ll place
Within His hands again, on that day when
I see Him face to face [158, 117].

Дар ин байт Ҳофиз таркиби феълии «**рух дидан**», яъне *вохӯрдан*, *рӯ ба рӯ шуданро* хеле нозукона истифода бурдааст, аммо дар матни асл ин идиома нест. Тарҷумон ҳангоми тарҷумаи ин таркиби феълӣ идиомаи «**face to face**» *рӯ ба рӯ* [68, 257]-ро истифода кардааст, ки дар забони англисӣ он шакли устуворро дорад. Ҳамин идиома дар байти дигар, ки дар зер оварда шудааст, низ истифода шудааст. Дар мисраи зер идиомаи мазкур бар ифодаи «**назар бар манзар**» корбурд шудааст. Вале тарҷумони нуктасанҷ хуб дарк намудааст, ки ибораҳои «**рух дидан**» ва «**назар бар манзар андохтан**» бо ҳам муродиф мебошанд.

Сабо, хоки вуҷуди мо бад-он олиҷаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро **назар бар манзар** андозем [119, 333].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Sweet breeze, convey the dust of our
existence to that place
Where Splendor reigns-perhaps that way
we‘ll see Him **face to face**…[158, 22].

Макун ба номасиёҳӣ маломати мани маст,
Кӣ огаҳ аст, ки тақдир бар сараш чӣ навишт? [119, 102].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Who knows what the secret **finger of Fate**
Upon his own white forehead has writ [160, 103].

Дар ин ҷо калимаи «**тақдир**» бо идиомаи «**finger of Fate**»-нишонаи тақдир, нишонаи қисмат тарҷума шудааст.

Дар байти зер Ҳофиз ибораи фразеологии «**дил аз роҳ фитодан**» (дар шакли назмӣ: фитод дил аз роҳ)-ро истифода бурдааст. Маънои ибораи мазкур «ноумед шудан аз касе ё чизе» аст. Мутарҷим Дик Дэвис ибораи «heart has left the road»-ро барои ифодаи ибораи «дил аз роҳ фитодан» истифода намудааст. Мусаллам аст, ки ибораи «heart has left the road» ибораи сохтаи мутарҷим буда, тарҷумаи таҳтуллафзии «дил аз роҳ афтодан» аст, зеро дар забони англисӣ чунин ибораи фразеологӣ вуҷуд надорад:

Бирав ба кори худ, эй воиз, ин чӣ фарёд аст?
Маро **фитод дил аз роҳ**, туро чӣ афтодаст? [119, 65].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Go, **mind your own business**, preacher! What‘s all
This hullabaloo?
My **heart has left the road** you travel, but
What‘s that to you? [158, 18].

«**Mind your own business (informal)**» (*to think about your own affairs and not ask questions about or try to get involved in other people‘s lives*) дар забони тоҷикӣ ба маънои «бо кори худ машғул будан, фикри кори худ доштан ва ба машғалаи мардум кордор набудан» корбурд мешавад. Дар тарҷумаи «бирав ба кори худ» мутарҷим, маълум аст, ки ба ғалат роҳ надода, аз рӯйи мазмун дуруст тарҷума шудааст.

Ибораи «баста ба мӯй» дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологист, ки дар шаклҳои «ба мӯй овезон», «ба мӯ баста» ва монанди ин истифода мешавад. Маънои ибораи мазкур «дар ҳолати бисёр ногувор қарор доштан», «зуд ё дер аз даст додани чизе» ва ғайра мебошад. Дар байти зер Ҳофиз ибораи «ба мӯй баста»-ро дар шакли «баста ба мӯйест» корбаст

намуда, дар мухотаби он «умр»-ро дар назар дорад, ки ба мӯй баста аст. Яъне дер ё зуд канда шудани он мумкин аст.

Пайванди умр баста ба мӯест, ҳуш дор,
Ғамхори хеш бош, ғами рӯзгор чист? [119, 90].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And understand, **life hangs here by a hair**;
That what you have to do
Is take care of yourself; since what are Time
And all its griefs to you? [158, 38].

Дар тарҷумаи Дик Дэвис муодили айнани он «hang by a hair» [68, 358] мебошад, ки маънои «дар ҳолати бисёр вазнин ё ногувор будан»-ро дорад.

Пири муғон зи тавбаи мо гар малул шуд,
Гӯ, бода соф кун, ки ба узр истодаем [119, 325].

Тарҷумаи Р. Блай Л. Левисон:

If our Zoroastrian master has become disgusted
With our way of repentance, tell him, **Go ahead,**
Strain the wine. We are standing here with our heads down [164, 3].

Дар дил надиҳам раҳ пас аз ин меҳри бутонро,
Муҳри лаби ӯ бар дари ин хона **ниҳодем** [119, 330].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

From now on I will leave no doors in my heart open
For the love of beautiful creatures; I have placed
The signet **seal of Her lips** on the doorof this house [164, 15].

A seal upon one‘s lips- муҳр бар лаб ниҳодан.

Чун меравад ин киштии саргашта, ки охир
Ҷон дар сари он гавҳари якдона ниҳодем!? [119, 330].

Тарҷумаи Р.Блай ва Л.Левисон:

How can this wobbly old ship **keep going**
When in the end we have set for our soul
The task of finding the pearl on the ocean floor? [164, 15]

Keep going-боз наистодан, идома додан.

Май бидеҳ, то диҳамат огаҳӣ аз сирри қазо,
Ки ба рӯйи кӣ **шудам ошиқу** аз бӯйикӣ маст [119, 75].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Give me some wine so I can pass on news of the mystery
Of Fate, and whose face it is with whom I have **fall**en
In love, and whose fragrance has made me drunk [164, 43].

Талқини дарси аҳли назар як ишорат аст,
Гуфтам киноятею мукаррар намекунам [119, 316].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Everything the great Teachers have to say
Amounts to a single hint. I have already
Dropped that **hint** once. I won‘t drop it again[164, 51].

- ғам хӯрдан:

Дар Фарҳанги ибораҳои халқӣ «**ғам хӯрдан**» бар маънии: 1) зиқ шудан, табиат гирифт кардан; 2) нисбат ба касе раҳму шафқат кардан омадааст [143, 370].

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон **ғам махӯр**,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон **ғам махӯр** [119, 237].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Lost Joseph will return to Canaan`s land again,
- do not despair
His grieving father`s house will fill with flowers again
-do not despair [158, 29].

Дар тарҷума идиомаи «**ғам хӯрдан**» бо феъли – таркибии *do not despair*, яъне ноумед машав тарҷума шуда, ибораи идиоматикӣ нест. Он танҳо тарҷумаи маъноӣ мебошад. Ҳамин тариқ, аз 21 идиомаи дарёбшуда, муодили айнани 7 идиома дарёфт шуда, 10 идиома тарҷумаи маъноӣ гашта, боқии идиомаҳо тарҷумаи таҳтуллафзӣ шудаанд.

2.1.2. Тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба ҷуз он ки дар ғазалҳояш аз ибораҳои маҷозӣ, вожаҳои ирфонӣ, ибораҳои рехта фаровон истифода бурдааст, ҳамчунин дар байтҳои алоҳида истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ ба чашм мерасанд. Ҷое ин мақолҳо айнан ва ҷое бо тағйироти андак барои риояти вазн ва қофия истифода бурда шудаанд. Албатта, ба забони дигар тарҷума кардани зарбулмасалу мақол ҳам якчанд воситаҳо дорад: ёфтани зарбулмасал ё мақоли баробармаъно, ёфтани зарбулмасал ё мақоли наздикмаъно ё тарҷумаи тасвирии он аст. Муҳаққиқ Турсунов Ф. М. дар бобати лексикаи бемуодил чунин шарҳ дорад: «Мушкилоти асосии лексикаи бемуодил дар он аст, ки ҳар як забон воситаи инъикоси арзишҳои фарҳангӣ ва миллии як халқи алоҳида аст, ки хусусиятҳои хоси маданӣ, андешаронӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад» [112, 63]. Дар ин робита корҳои баанҷомрасонидаи В. Асрорӣ «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ», мақолаи Б. Тилавов «Дар бораи зарбулмасалу мақолҳо ва тарҷумаи онҳо» (1958), Фарҳанги ибораҳои халқӣ (1988), Ф.М. Турсунов «Тарҷумонӣ ва тарҷумаи таъбирот» (2021) ва дигарон барои баррасии назария ва амалияи тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо замина гузоштанд. Дар зер баъзе аз байтҳои Ҳофизи Шерозиро, ки тарҷума гаштаанд, дида мебароем.

- Ҳар кор анҷоми худро дорад:

Муроди Ҳофиз аз ин мақол он аст, ки ҳар чиз ё ҳар кор анҷом дорад. Ҳатто ғаму ғусса ва хатари рӯзгор анҷом мепазирад. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин зарбулмасал мутобиқати куллӣ дорад, яъне аз забони англисӣ

муодили баробармаъно пайдо шудааст: «**Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён**» мутаносибан (There is no road that has no end).

Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баъид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён ғам махӯр [119, 237].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And though the journey‘s filled with danger, and it‘s goal
Is all unknown, **there is no road that has no end**
-do not despair [158, 30].

Ҳамин зарбулмасал дар луғати «A dictionary of American Proverbs» вариантҳои дигари худро дорад: «**Every road has a turning; It is a long road that does not end** [150, 513].

- Ҳар чи корӣ ҳамон даравӣ, аз боғ лола чинӣ аз шӯразор хас, гандум корӣ-гандум медаравӣ, ҷав корӣ-ҷав медаравӣ:

Мурод аз ин зарбулмасал он аст, ки ҳар кас подоши амал хоҳад дид. Яъне, агар бад кардӣ, бад бинӣ ва агар некӣ кардӣ, некӣ бинӣ. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин зарбулмасал чунин тарҷума гаштааст, ки бо асл комилан мувофиқ аст: «**Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт**» мутаносибан дар тарҷума чунин шакл дорад «*Each of us will reap the seeds he sow*». Дар луғати «Англо-русский фразеологический словарь» А.В. Кунин чунин зарбулмасал пайдо гардид: «**Reap as (или What) one has sown**» (*Что посеешь, то и пожнёшь*) [68, 622]. Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон ин гуна шакл гирифтааст: «**Each of us reaps our wheat**» (*Ҳар яки мо гандуми киштаашро медаравад*). Дар тарҷумаи ҳамаи тарҷумонон: Дик Дэвис, Гертруда Белл, Р. Блай ва Л. Левисон ин зарбулмасал эквиваленти худро дорост.

Ман агар некаму гар бад, ту бирав, худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Each one of us will reap the seeds
He sows, so what is it to you
Whether I‘m good or bad? To work on who
You are should be your aim [158, 34].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

I have swerved frommy path-keep thou to thine own
For **every man** when he reaches the goal
Shall reap the harvest his hands have sown [160, 116].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Whether I am good or bad is not exactly to the point,
Go ahead and be who you are. This world we live in
Is a farm, and each of us reaps our wheat [164, 33].

- Дӯстӣ завол надорад:

Дар байти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ин мақол дар мазмуни умумии байт ифода ёфтааст. Аммо бояд тазаккур дод, ки худи байти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба зарбулмасали тайёр табдил ёфтааст ва бештар истифода мегардад. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин мақол ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шудааст: «**Дарахти дӯстӣ биншон**...» (*Plant friendship`s tree*…). Аммо ба андешаи мо ин тарҷума маънои зарбулмасалро коста накардааст. Ҳамин маънӣ барои хонандаи англисзабон ҳам фаҳмост. Дар китоби «A dictionary of American Proverbs» вариантҳои дигари ҳамин зарбулмасал пайдо гардид: «**Flowers of true friendship never fade**» (Гулҳои дӯстии ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ хазон намешаванд) [150, 240] ва «**Water your friendships as you water your flowerpots**» (Дарахти дӯстиатро об бидеҳ, мисле, ки гулҳои гулдонатро об медиҳӣ) [150, 241].

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад [119, 128].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Plant friendship‘s tree-the heart‘s desire
Is the fruit it bears;
And uproot enmity-which brings
Sorrow and cares [158, 46].

- Раққоси беҳунар айб дар тангии пойгоҳ кунад; шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст:

Мурод аз ин масал он аст, ки беҳунарон ба айб нигаранд, чун аз уҳдаи коре намебароянд. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳамин масалро дар шакли аҳсани шеърӣ баён кардааст. Аммо Дик Дэвис эквиваленти ин мақолро дарёб накардааст ва аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ истифода бурдааст. «**Ҳар кӣ беҳунар афтад**, **назар ба айб кунад**» дар тарҷумаи Дик Дэвис чунин аст: «*The untalented who always notice transagression and deformity*» (беҳунарон доимо камбудиву нуқсонҳоро бинанд).

Камоли сидқи муҳаббат бибин, на нақси гунаҳ,
Ки ҳар кӣ беҳунар афтад, назар ба айб кунад [119, 184].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Don‘t only look at faults and weakness,
See love in its totality-
It‘s **the untalented who always notice**
Transgressions and deformity [158, 50].

- Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест:

Мурод аз ин зарбулмасал он аст, ки дар амали нек ҳоҷати фолкушоӣ нест. Кореро ба хайр бояд анҷом дод. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин зарбулмасал ба таври зер тарҷума шудааст: «There is no need to see what omens might suggest» (Ниёзе нест, то ишоратеро мунтазир бошем).

Ҳар гаҳ ки дил ба ишқ диҳӣ, хуш даме бувад,
Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест [119, 96].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Each moment that you give
Your heart to love is good,
And **there‘s no need to see**
what omens might suggest [158, 102].

- Ишқ безавол аст:

Мурод аз ин мақол он аст, ки касе дили бедор дорад ва муҳаббати пок дар дил мепарварад, ҳаргиз руҳан намемирад. Дар тарҷумаи Гертруда Белл ин навъ шакл гирифта: «**He cannot perish whose heart doth hold the life love breathes**» (*Намемирад қалби оне, ки аз ҳавои муҳаббат нафас мегирад)*.

Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо [119, 49].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

He cannot perish whose heart doth hold
The life love breathes- though my days are told,
In the book of the world lives my constancy
A light heart lives long [160, 105].

Ҳамин тариқ, дар тарҷумаи зарбулмасал, мақол ва ҳикмат тарҷумонон Гертруда Белл, Дик Дэвис, Р. Блай ва Леонард Левисон хеле муваффақ гашта, муодилҳои баробарро ёфтаанд.

2.2. Тарҷумаи истилоҳот ва мафҳумҳои ирфонӣ

Ашъори Ҳофизи Шерозӣ саршор аз вожаҳои ирфонист. Ҷое ин маъниҳои динӣ асливу ҷое маҷозӣ корбаст шудаанд. Ҳофиз дар истифодаи вожаҳои ирфонӣ моҳиртарин шоири форсизабонон аст. Мушкилоти шарҳи ғазалиёти Ҳофиз ҳам маҳз дар ҳамин вожаҳои ирфонист. Мушкилоти дигар вобаста ба тарҷумаи ин вожаҳост, ки ҷое тарҷумаи худро ёфтаву ҷое мубҳам мондааст. Дар бораи ирфони ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ рисолаи илмии муҳаққиқ Мухторов З.М. дар мавзӯи «Лексикаи ирфонии ғазалиёти

Саноӣ» басо арзишманд аст. Ҳамзамон дар таҳлили ин вожаҳои ирфонӣ мо ба чунин китобҳо такя намудем: A Persian Sufi Poem: Vocabulary and Termonology [1978], Судии Буснавӣ «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» (дар чаҳор ҷилд), Қ. Восеъ «Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз» [1991], Н. Нурӣ «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ» [1387, мутобиқ ба 2008 милодӣ] Ш. Исрофилниё «Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ» [2016] ва дигарон. Тарҷумаи баъзе аз ин гуна вожаҳоро таҳлил хоҳем кард.

- қисмат:

Қисмат дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бар ду маънист:

1. Ҳисса, бахш, қисм
2. Насиб, баҳра [145, 715].

Қисмат ҳаволатам ба харобот мекунад,
Ҳарчанд к-инчунин шудаму ончунон шудам [119, 289].

Вожаи «**қисмат**»-ро Дик Дэвис «**Fate**» тарҷума кардааст, ки маънии тақдир ва сарнавиштро низ медиҳад. Ин ҷо тарҷумон ба мушкилӣ рӯ ба рӯ нашудааст, чунки ин вожа бо забонҳои гуногун тарҷума шуда, тобиши динии ин вожа низ дар динҳои гуногун вуҷуд дорад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Fate drags me to the wine-shop‘s door-
And though I turn and twist,
That‘s where I always finish up;
It‘s useless to resist [158, 122]

Ҳофиз аз машраби **қисмат** гила ноинсофист,
Табъи чун обу ғазалҳои равон моро бас [119, 247].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

It‘s inappropriate, Hafez, for you to complain
Of your gifts from **Fate**. Your nature is like water;
Your beautifully flowing poems for us are enough [164, 32].

- охирзамон:

Вожаи «**охирзамон**» дар фарҳангҳо ба маънои рӯзи қиёмат, рӯзи растохез тафсир шудааст. Дар «ФТЗТ» ин вожа бар маънии *давраи охир, давраи вопасини дунё, наздик ба рӯзи қиёмат* маънидод ёфтааст [145, 43]. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**охирзамон**» чунин тафсир дорад: давраи охар, бахши вопасин аз даврони рӯзгор, ки ба қиёмат муттасил гардадм[176, 7]. Яъне, рӯзе, ки ҳаёт дар дунё вуҷуд нахоҳад дошт:

Аз он замон, ки фитнаи чашмат ба ман расид,
Эмин зи шарри фитнаи **охирзамон** шудам [119, 290].

Вожаи «**охирзамон**»-ро Дик Дэвис «**The last days**» (рӯзҳои охир) тарҷума кардааст, ки бо мазмуни он комилан мувофиқ меояд. Вале чунин таҳтуллафз тарҷума шудан, албатта сабаб дорад. Бояд таъкид кард, ки дар тасвири динии англисзабонон чунин мафҳум вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, калимаи алоҳидае низ мавҷуд нест, ки ҳамин маънии динии онро нишон диҳад. Бинобар ин, тарҷумон аз роҳи тарҷумаи таҳтуллафз тавонистааст, ки маънои байти Ҳофизро нигоҳ дорад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And from that moment that your glance
First troumblrd me, I‘m sure
I‘ve been immune to all the troubles
The last days have in store [158, 3].

- саҷҷода, солик:

Вожаи «**солик**» дар фарҳангномаҳо ба маъниҳои раванда, пайрав, порсо, зоҳид, ориф тафсир шудааст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи «солик» бар маъниҳои: 1. роҳрав, пайрав, мусофир; ғариб омадааст [146, 258]. Ҳамин вожа дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ чунин маънӣ дорад: сайркунанда ба сӯйи Худо, ки модом, ки дар сайр аст, миёни мабдаъ ва мунтаҳӣ аст [176, 110].

Вожаи «**саҷҷода**» - ҷойнамоз сирф вожаи динии мардуми мусалмон ва он матои махсусе аст, ки мусалмонон рӯи он намоз гузоранд ва ибодат кунанд:

Ба май **саҷҷода** рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ки **солик** бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо [119, 41].

Бояд таъкид кард, ки вожаи «**pilgrim**» дар фарҳангномаҳои англисӣ мавҷуд буда, ҳоҷӣ, зоири манзилҳои муқаддас тарҷума мешавад, вале **prayer-mat** ё **prayer-carpet** мавҷуд нест. Ин ибораҳоро худи тарҷумонҳо бо усули тарҷумаи тасвирӣ тарҷума кардаанд.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And if the wine-seller says wine
Should dye your **prayer-mat**…dye it!
Pilgrims should know each stage‘s rule
And seek to satisfy it [158, 10].

Гертруда Белл, Дик Дэвис, Р. Блай ва Л. Левисон калимаи «ҷойнамоз»-ро бо ибораҳои «**Prayer-mat ва prayer-carpet**» тарҷума кардаанд, ки мутаносибан чунин тарҷума доранд: «**қолинча барои намозгузорӣ ё ҷойнамоз**». Дар тарҷумаи калимаи «**солик**» бошад, Дик Дэвис насбатан муваффақ гашта, калимаи «**солик**»-ро «**Pilgrim**» тарҷума мекунад ва ҳадафи шоирро дуруст дарк кардааст, аммо тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон калимаи «**солик**»-ро тарҷума накарда, аз байт маънии умумӣ бардоштаанд.

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Hear the Tavern-keeper who counsels you:
«With wine, with red wine your **prayer-carpet** dye!»
There was never **a traveler** like him but knew
The ways of the road and the hostelry [160, 95].

Дар байти зер вожаи «**саҷҷода**» чунин истифода шудааст:

Дӯш рафтам ба дари майкада хоболуда,
Хирқа тардоману **саҷҷода** шароболуда [119, 369].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Last night I walked, sleep-stained, to the door
Of the tavern. My **prayer-rug**
And my patched cloak both were stained with wine [164, 5].

- хонақоҳ:

Дар «Фарҳанги Амид» вожаи **«хонақоҳ»** бар маънии маҳалли иҷтимои дарвешон, ҷое, ки машоих ва дарвешон дар он ба сар бибаранд ва ибодат кунанд, тафсир шудааст [173, 541]. Ҳамин вожа дар Фарҳанги забони тоҷикӣ чунин шарҳ ёфтааст: 1. нишемангоҳи шайх ва эшонон, ки дар он ҷо иқомат мекарданд 2. ҳуҷрае дар паҳлуи масҷидҳо. Ҳамин вожа дар «ФТЗТ» бар маънии 1) нишемангоҳи шайх ва дарвешон, ки дар он ҷо иқомат ва ибодат мекарданд 2) ҳуҷрае дар паҳлуи масҷидҳо [146, 466]. Тафсири ҳамин вожа дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ: хонақоҳ, маҳалле, ки сӯфиён барои иҷрои одоби сӯфиёна гирд меоянд [176, 78]. Ҳофиз вожаи мазкурро дар ғазалиёти худ фаровон корбаст намудааст:

Дар ишқ **хонақоҳ**у харобот фарқ нест,
Ҳар ҷо ки ҳаст, партави рӯйи ҳабиб ҳаст [119, 89].

Азбаски тарҷумонони Ҳофизи Шерозӣ аз мазмуни ғазалиёти ӯ огоҳии амиқ доштанд, аксари тарҷумаҳо наздик ба асл ҳастанд. Ин ҷо Дик Дэвис ба ҳадафи шоир наздик меояд: **Sufi meeting house** - хонае, ки сӯфиён ҷамъ меоянд. Дуруст аст, ки тарҷума тасвирӣ баромадааст, аммо вожаи «хонақоҳ», ки муодили баробари худро дар забони англисӣ надорад, тарҷумаи дуруст маҳсуб мешавад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

In love, **the Sufi meeting house**
And wine-shop are one place;
As are all places where we find
The loved one‘s radiant face; [158, 12].

Байти фавқ дар тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

In this matter of love, let not put **the Sufi gathering house**
In this spot and the tavern door in another; in every- spot of the universe
Light shines out from the face- of the Friend [164, 11].

Дар байти дигар вожаи «**хонақоҳ**» ба маънои зер омадааст:

Манам, ки гӯшаи майхона **хонақоҳ**и ман аст,
Дуои пири муғон вирди субҳгоҳи ман аст [119, 80].

Дар як байт Дик Дэвис ҳамин вожаи «**хонақоҳ**»-ро «**Sufi meeting house**» (хонае, ки сӯфиён вомехӯранд) ва дар байти дигар «**Temple**» тарҷума мекунад, ки тарҷумаи дуюм ба мақсади шоир он қадар наздик нест, чунки хонақоҳ сирф вожаи сӯфиёна аст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

A corner of the wine-shop is
The temple where I pray;
My morning plea‘s the prayer
The Zoroastrian say; [158, 24].

- шаби қадр:

Шаби қадр ё лайлатулқадр, шабе аст дар моҳи Рамазон, ки шаби ибодат ва истиғоса аст...[146, 785]. Ҳофиз ин ибораи рехтаро бисёр истифода намудааст:

Шаби қадре чунин азизу шариф,
Бо ту то рӯз хуфтанам ҳавас аст [119, 57].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

To sleep a sweet and **noble night** with you, to sleep
Till morning and to rise up late is what I long for [158, 14].

Noble night - шаби шариф аст [163, 1033]. Ин ҷо тарҷумаи маъноӣ ба назар мерасад. Ва ин қисман маънии «**шаби қадр**»-ро медиҳад.

- муҳтасиб:

Муҳтасиб - доруға, посбон, маъмури ҳоким, ки мардумро ба корҳои нек ҳидоят мекарду аз корҳои бад метарсонд [14, 34]. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ «**муҳтасиб**» чунин тафсир дорад: муҳтасиб - касе, ки мурокиби аҳволи мусалмонон ва амру наҳй аст, ҳокими шаръ [176, 179]. Ҳофиз ин вожаро дар байти зер истифода намудааст:

Бо **муҳтасиб**ам айб магӯед, ки ӯ низ
Пайваста чу мо дар талаби айши мудом аст [119, 74].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And don‘t go **the morals officer**
to make a fuss-
He‘s on the constant lookout too for pleasure,
Just like us [158, 17].

Ё ин ки дар байти поён:

Ҳар кас, ки бидид чашми ӯ гуфт:
«Ку **муҳтасиб**е, ки маст гирад?» [119, 17].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And anyone who saw
His eyes would say;
«Where‘s **the police**, to haul
This drunk away?» [158, 45].

Дар ҳар ду байт Дик Дэвис муҳтасибро дуруст тарҷума кардааст. Яке «**morals officer**» ва дигаре «**the police**». Аммо вожаи «**morals officer»,** ки маънии пулиси насиҳатгӯст, муносибтар аст. Тарҷумаи ҳамин вожа аз ҷониби Р. Блай ва Л. Левисон:

Whoever looks into his luminous eyes cries:
«Someone is already drunk, get **the police**!» [164, 25]

Дар ду байт вожаи «**муҳтасиб**»-ро тарҷумон Дик Дэвис ду навъ тарҷума мекунад: 1) **morals officer** 2) **the police.** Тарҷумаи аввал, яъне **morals officer - полиси аҳлоқ** ба ҳадафи шоир наздик аст.

- воиз:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «**воиз»** бар маънии ваъзгӯ, насиҳатгар, носеҳ (доир ба масъалаҳои динӣ) маънидод мешавад. [145, 291].

Бирав ба кори худ, эй **воиз,** ин чӣ фарёд аст?
Маро фитод дил аз раҳ, туро чӣ афтодаст? [119, 65].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Go, mind your own business, **preacher!** What‘s all
This hullabaloo?
My heart has left the road you travel, but
What‘s that to you? [158, 18]

Байти дигар:

Воиз, макун насиҳати шӯридагон, ки мо
Бо хоки кӯйи дӯст ба фирдавс нангарем [119, 333].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Preacher, our frenzy is complete:
Waste not thy sage advice;-
We stand in the Beloved‘s street,
And seek not Paradise [153, 118].

Вожае, ки ҳам Дик Дэвис ва ҳам Артур Арберри интихоб кардаанд, **Preacher** (насиҳатгӯй) бо вожаи воиз ҳаммаъност.

- шайх:

Вожаи «**шайх**» дар фарҳангномаҳо чунин тафсир шудааст: марди пир, марди бузург ва донишманд, муршид. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**шайх**» бар маънии 1) *марди пир, куҳансол* 2) *олим, донишманд* 3) *муршид, пешвои руҳонӣ, эшон, пир, обид, зоҳид* омадааст [146, 647]. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**шайх**» ин маъниро дорост: шайх-пешво, бузурги қавм, пир, муршид; раҳбар ва пешвои фирқаҳои сӯфия [176, 126].

Биё, эй **шайх**у аз хумхонаи мо
Шаробе хӯр, ки дар Кавсар набошад [119, 163].

Дик Дэвис вожаи **шайх**ро транслитератсия мекунад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come, **sheikh**, and join in our
Carousing-you'll be given
A draught of wine that you
Won't ever find in heaven [158, 20].

- кавсар:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи мазкур бар маъниҳои зерин тафсир ёфтааст: «1) фаровон, анбӯҳ дар биҳишт; **ҳавзи кавсар** номи чашмаи биҳишт. 2) номи сураи 108-уми Қуръон» [145, 601]. Дик Дэвис «**ҳавзи Кавсар**»-ро *Kosar`s stream* тарҷума мекунад, ки вожаи кавсар транслитератсия ва вожаи ҳавз *stream* тарҷума кардааст, ки дарё, резишгоҳ маънидод мешавад.

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи хумат яксар ба **ҳавзи Кавсар** андозем [119, 334].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come join me in the wine-shop, friend,
If you want paradise;
I‘ll tip you from the wine-cask to
Kosar‘s stream in a trice [158, 23].

- зоҳид:

Зоҳид - порсо, парҳезкор, касе, ки дунёро барои охират тарк гӯяд ва ба ибодат бипарҳезад. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**зоҳид**» чунин тафсир дорад: рӯйгардонанда аз дунё ва баҳраҳои дунявӣ [176, 105]. Дар тарҷумаҳои Дик Дэвис, Гертруда Белл, Р. Блай ва Л.Левисон ҳамин вожаи ирфонии **зоҳид** тарҷумаҳои гуногун дорад. Масалан, Дик Дэвис дар як байт зоҳидро «**pious**» (*диндор*), дар байти дигар «**puritan**» (*зоҳид*) тарҷума мекунад. Ин аз маънии байт бармехезад. Гертруда Белл ҳам вожаи «**зоҳид**»-ро ду тарз тарҷума кардааст: «**Fanatic**» ва «**Zealot**» (*мутаассиб)*. Р. Блай ва Л. Левисон бошанд, «**ascetic**» тарҷума кардаанд, ки маънии зоҳидро медиҳад. Дар умум тарҷумаҳои тарҷумонон ба вожаи асл баробар аст.

Айби риндон макун, эй **зоҳид**и покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

That you‘re a **pious** prig by nature
Doesn‘t mean you have to blame
Libertines for their faults; those sins
Won‘t be inputed to your name [158, 34].

Байти боло дар тарҷумаи **Гертруда Белл**:

Lay not reproach at the drunkard‘s door
Oh **Fanatic**, thou that art pure of soul;
Not thine on the page of life to entrol
The faults of others! Or less or more [160, 116].

Ё ин ки дар байти зер вожаи «**зоҳид**»-ро Ҳофиз чунин истифода кардааст:

Зоҳид, аз кӯчаи риндон ба саломат бигузар,
То харобот накунад суҳбати бадноме чанд [119, 78].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Ah, **puritan,** pass by the street
Of shame, don‘t let us interrupt you-
Don‘t linger here with libertines,
Our sordid chatter might corrupt you! [158, 66].

Дар байти дигар:

Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи Кирдгор чист? [119, 90].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

The Zealot thirsts for draughts of Kausar‘s wine
And Hafiz doth an earthly cup prefer-
But what, between the two, is God‘s design? [160, 109].

Дар байти поён:

Бирав, эй **зоҳид**у бар дурдкашон хурда магир,
Ки надоданд ҷуз ин туҳфа ба мо рӯзи аласт [119, 76].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Oh, **ascetics**, go away. Stop arguing with those
Who drink the bitter stuff, because it was precisely
This gift- the divine ones gave us in-Pre-Eternity [164, 7].

- масҷид, куништ, савмаа:

Куништ - оташкада, дайр, муъбади насоро. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**куништ**» чунин маънидод мешавад: маҳалли ибодати яҳуд [176, 162]. Дар «Фарҳанги

тафсирии забони тоҷикӣ» «**савмаа»** чунин тафсир дорад: 1. Ибодатхонаи аҳли насоро, дайр. 2) хонақоҳи шайхон ва зоҳидон [145, 191].

Дар тарҷумаи Дик Дэвис куништ «**synagogue**» (*синагога)* макони дуову ниёиши яҳудиён тарҷума шудааст. Дар тарҷумаи Гертруда Белл ин мафҳум чунин тарҷума ёфтааст: «**monastic**» (*насороӣ)*. Чун дар шарҳҳои фавқ ба назар расид, вожаи «**куништ**» бо ду маънии гуногун омадааст ва тарҷумонон ҳам онро бо ду шакл тарҷума кардаанд.

Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёру чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи **масҷид,** чи **куништ** [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Everyone searches for the Friend,
Whether they‘re drunk or stone-cold sober;
And love‘s in every house-the **mosque**
And **synagogue** are just the same [158, 34].

Дар байти дигар:

Вафо маҷӯ зи душман, ки партаве надиҳад,
Чу шамъи савмаъа афрӯзӣ аз чароғи **куништ** [119, 102].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Trust not the word of that foe in the fight!
Shall the lamp of synagogue lend its flame
To set thy **monastic** torches alight? [160, 103].

Дар байти дигар:

Дилам зи **савмаа** бигрифту хирқаи солус,
Куҷост дайри муғону шароби ноб куҷо? [119, 50].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

From **monkish cell** and lying garb released,
Oh heart of mine,

Where is the Tavern fane, the Tavern priest,
Where is the wine? [160, 109].

- малоик:

Малоик - малоика, фариштагон, ҷамъи малак. Тарҷумонон Дик Дэвис, Р. Блай ва Л. Левисон вожаи малоикро «**The angels**» тарҷума кардаанд, чунки ин вожа муродифи худро дар забони англисӣ дорост.

Дӯш дидам, ки **малоик** дари майхона заданд,
Гили одам бисиришданду ба паймона заданд [119, 180].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Last night I saw **the angels**
tapping at the wine-shop‘s door,
And kneading Adam‘s dust,
And molding it as cups for wine; [158, 40].

Тарҷумаи байт аз тарафи Р. Блай ва Л. Левисон:

Last night I heard **angels** pounding on the door
Of the tavern. They had kneaded the clay of Adam,
And they threw the clay in the shape of a wine cup [164, 39].

- Руҳулқудс; **Руҳи амин**:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **«Руҳулқудс»** чунин тафсир дорад: «Рӯҳи пок, ки Исои Масеҳ аз осмон ба шогирдони худ фиристода буд» [146, 183]. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ «**Рӯҳулқудус**» - Ҷабраил аст [176, 103].

Дар тарҷумаҳои Дик Дэвис ва Артур Арберри «**Руҳулқудс**» (*Holy Ghost*) ва дар байти дигар (*Gabriel*) тарҷума шудааст. Р.Блай ва Л. Левисон бошанд, ин вожаро «*Holy Spirit*» тарҷума кардаанд. Ин вожа муодили худашро ёфтааст, чунки ин вожаи ирфонӣ дар дигар динҳо низ вуҷуд дорад.

Дар Oxford Advanced Learner`s Dictionary вожаи «**Руҳулқудс**» чунин тафсир дорад: «*The Holy Spirit (also the Holy Ghost) noun [sing] (in*

Christianity). God in the form of spirit» [163, 744]. (Рӯҳулқудс (Дар дини насронӣ). Худо дар шакли рӯҳ).

Файзи **Руҳулқудс** ар боз мадад фармояд,
Дигарон ҳам бикунанд, он чи Масеҳо мекард [119, 150].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

But if **the Holy Ghost** once more
Should lend his aid to us, we'd see
Others perform what Jesus did [158, 43].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«And if the **Holy Ghost** descend
In grace and power infinite
His comfort in these days to lend
To them that humbly wait on it,
Theirs too the wondrous works can be
That Jesus wrought in Galilee» [153, 99].

Тарҷумаи байти фавқ аз ҷониби Р. Блай ва Л. Левисон:

«Were the grace of **the Holy Spirit** to visit us one more time,
Then other people, too, could perform the miracles of Jesus» [164, 27].

Бо чунин ганҷ, ки шуд хозини ӯ **Руҳи амин**,
Ба гадоӣ ба дари хонаи шоҳ омадаем [119, 327].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

For all the treasures **Gabriel**
Kept in store for us there,
We've traveled to our Sovereign's door
Like beggars in despair [158, 86].

- зуннор, тасбеҳ:

Зуннор - камарбанд, камарбанде, ки масеҳиён ба ҳукми мусулмонон бар камар мебастанд, то аз мусалмонон бозшинохта шаванд [145, 691]. Ҳофиз ин вожаҳоро дар ғазалиёти худ хеле моҳирона истифода намудааст.

Тасбеҳ - донаҳои ба ришта кашидашуда, ки диндорон вақти зикру аврод як-як мегардонанд [171, 319].

Дик Дэвис ҳамин вожаи «**тасбеҳ**»-ро *moslem beads* тарҷума кардааст. Бозёфти тарҷумон шоистаи аҳсан аст, чунки *beads* ин муҳра аст ва ибораи сохтаи «**moslem beads**» *мӯҳраҳои мусалмонӣ* хеле мувофиқ аст. Ин ҷо тарҷумон аз тарҷумаи маъноии вожа истифода мебарад.

Дар мавриди вожаи **зуннор** Дик Дэвис ибораи «*Christian prayers»* (дуои насороӣ)-*ро* истифода бурдааст, аммо **зуннор**, ки тафсирашро овардем, бо тарҷумаи Дик Дэвис мувофиқат намекунад.

Саросар бахшиши ҷонон тариқи лутфу эҳсон буд,
Агар **тасбеҳ** мефармуд, агар **зуннор** меовард [119, 152].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

My lover‘s way, from end to end,
Is good and kind, and little cares
Whether a man tells **Moslem beads**
Or murmurs **Christian prayers** [158, 55].

- хирқа:

Хирқа - пораи либос, ҷомае, ки аз тиккаҳои гуногун дӯхта шуда бошад. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**хирқа**» чунин тафсир дорад: хирқа - пораи ҷома, либоси сӯфиён. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи «**хирқа» -** порчаи матоъ, матои дарида, пора, порча, ямоқ тафсир шудааст [146, 481].

Дик Дэвис вожаи «**хирқа**»-ро *cloak* тарҷума кардааст. «Cloak-a type of coat that has no sleeves, fastens at the neck and hangs loosely from the

shoulders» [163, 274]. (Cloak - як навъ болопӯшест, ки остин надорад ва ба гардан овезон карда мешавад).

Дар тарҷумаи Р.Блай ва Л. Левисон вожаи «**хирқа**»-ро *Sufi robe* тарҷума карда шудааст. «Robe-a long loose outer piece of clothing» [163, 1326]. (Пораи дарози либоси овезон). Р.Блай ва Л. Левисон дарк кардаанд, ки танҳо калимаи «**Robe**» маънии пурраи хирқаро намедиҳад. Барои ҳамин, онҳо бо истифода аз вожаи «**суфӣ**» ибораи *Sufi robe –болопӯши сӯфиён* сохтаанд, ки ба маънии **хирқа** наздик аст. Ин ҷо тарҷумаи тасвирист.

Ба оби дида бишӯем **хирқа**ҳо аз май,
Ки мавсими вараъу рӯзгори парҳез аст [119, 71].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

We'd better wash away the wine stains from
Our **cloak**s with tears of penitence-
Now is the season for sobriety,
For days of pious abstinence [158, 60].

Оташи зуҳду риё хирмани дин хоҳад сӯхт,
Ҳофиз, ин **хирқа**и пашмина бияндозу бирав! [119, 364].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Hypocrisy and the fire of ascetic renunciation
Will eventually consume the harvest of religion.
Hafez, throw off your **Sufi robe** and go on your way [164, 36].

- рӯзи доварӣ:

Рӯзи ҳисоби гуноҳон ва савобон, рӯзи растохез.

Дик Дэвис **Рӯзи доварӣ**-ро *Judgment Day* тарҷума кардааст, ки ин ибора бо ибараи Рӯзи доварӣ комилан мувофиқ мекунад. «Judgment Day (also the Day of Judgment, the Last Judgment) the day at the end of the world» (Рӯзи доварӣ (Рӯзи охир) рӯзи охири ҳаёт [163, 839].

Гӯиё бовар намедоранд **рӯзи доварӣ,**
К-ин ҳама қалбу дағал дар кори довар мекунанд [119, 193].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

You‘d think they‘d no belief in God
Or in His **Judgment Day,**
Given their frauds done in His name,
The pious tricks they play [158, 78].

- тоири қудс:

Тоир бар маънии паранда аст ва *тоири қудс* парандае аз биҳишт.

Дик Дэвис «**тоири қудс**»-ро *a bird from paradise* – парандаи биҳиштӣ тарҷума кардааст, ки дуруст аст.

Муждаи васли ту ку, к-аз сари ҷон бархезам?
Тоири қудсаму аз доми ҷаҳон бархезам [119, 303].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Where is the news we‘ll meet, that from
This life to greet you there
I may arise
I am **a bird from paradise,**
And from this wold‘s cruel snare
I will arise [158, 120].

- Сидра ва тӯбо:

Сидра дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дорад: «Сидра дарахти сӯзанбарги ба коҷ монанд, вале аз коҷ танумандтар» [146, 244].

Тӯбо ё Тӯбӣ дарахти серсояи афсонавӣ дар ҷаннат, ки меваҳои гуногун ва хушбӯй доштааст [146, 372].

Гертруда Белл онимҳои **Сидра** ва **Тӯбо**ро дар шаклҳои *Sidreh* ва *Tuba* транслитератсия мекунад, ки дуруст аст. Чунки Тӯбӣ дарахте дар ҷаннат аст дар фаҳмиши мусалмонон.

Миннати **Сидраву Тӯбо** зи пайи соя макаш,
Ки чу хуш бингарӣ, эй сарви равон, ин ҳама нест [119, 98].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

By thy praying- oh Cypress of Truth, dost not see
That **Sidreh** and **Tuba** were nought, and to thee
All then were nought [160, 114].

- мусалмонӣ:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**мусалмонӣ**» чунин тафсир дорад: 1) мусалмонӣ будан; исломият 2) мансуб ба Ислом; амал кардан аз рӯйи дини Ислом [145, 892].

Гертруда Белл вожаи «**мусалмонӣ**»-ро *True Faith (*эътиқоди асил*)* тарҷума мекунад. Ҳарчанд ифодаи дигари мусалмонӣ дар забони англисӣ боз ифодаи дигар дорад: **muslim religion**. Аммо ибораи тарҷумакардаи Гертруда Белл **True Faith** шоирона баромадааст.

«Гар **мусалмонӣ** аз ин аст, ки Ҳофиз дорад,
Оҳ, агар аз пайи имрӯз бувад фардое!» [119, 426].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

«If **True Faith** be such as thou dost say,
Alas! My Hafiz, that this sweet To-day
Should bring unknown To-morrow to the birth!» [160, 126].

- бори амонат:

Дар китоби «Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ» ибораи «**Бори амонат**» чунин шарҳ дорад: «Бори амонат: талмеҳ аз сураи «Аҳзоб» ояти 72: «Мо бори амонатро ба осмонҳо ва замин арза доштем, ҳама аз бардоштани ин бор шона холӣ карданд ва ҳаросон шуданд, вале Инсон ба зери ин бор рафт, чи ситамкашу ноогоҳ буд» [55, 55].

Гертруда Белл «**Бори амонат**»-ро *The burden of His love (Бори муҳаббати Ӯ (яъне Худованд - С.Ш.)* тарҷума мекунад.

Осмон **бори амонат** натавонист кашид,
Қуръаи кор ба номи мани девона заданд [119, 180].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

For Heaven‘s self was all too weak to bare
The burden of His love God laid on it,
He turned to seek a messenger elsewhere,
And in the Book of Fate my name was writ [160, 180].

- кафан:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «**кафан**» чунин тафсир дорад: «кафан - порчаи матои сафеде, ки мурдаро баъди шустан ба он печонида гӯр мекунанд [145, 627].

Дик Дэвис «**winding-sheet**»-ро (саван-кафан) тарҷума кардааст, ки ин ҷо мувофиқати комили вожаҳо аст.

Бо сабо дар чаман лола саҳар мегуфтам,
Ки шаҳидони киянд ин ҳама **хунинкафанон**? [119, 342].

Тарҷумаи Артур Арберри:

I walked where tulips blossomed red,
And whispered to the morning breeze:
« Who are yon martyrs cold and dead,
Whose bloody **winding-sheets** are these?» [153, 121].

- рӯзи аласт:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**аласт**» чунин маънидод мешавад: «*аласт - рӯзи ибтидои офариниш; рӯзи азал мутобиқи тафсири Қуръон, замони огозин, ки рӯҳҳо офарида шуда буданд, вале ҷасадҳо ҳанӯз офарида буданд* [145, 54].

Р. Блай ва Л. Левисон ибораи «**Рӯзи аласт**»-ро «*Pre-Eternity*» (ҷовидонӣ, беохир) тарҷума кардаанд. «Eternity – time without end, especially life continuing without end after death» (Беохир-вақт бидуни охир, хоса ҳаёте, ки пас аз марг идома меёбад) [163, 518]. Р. Блай ва Л. Левисон ибораи «**the First Covenant with Adam**» (қарордод бо Одам). Ба андешаи мо ин тарҷума ба асл мутобиқ аст, ҳарчанд тарҷума тарҷумаи тасвирист.

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хурда магир,
Ки надоданд ҷуз ин туҳфа ба мо **рӯзи аласт** [119, 76].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Oh, ascetics, go away. Stop arguing with those
Who drink the bitter stuff, because it was precisely
This gift the divine ones gave us in **Pre- Eternity** [164, 7].

Маталаб тоату паймону салоҳ аз мани маст,
Ки ба пайпоншиканӣ шуҳра шудам **рӯзи аласт** [119, 75].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Don‘t expect obedience, promise keeping, or rectitude
From me; I‘m drunk. I‘ve been famous for carrying
A wine pitcher around sinse **the First Covenant with Adam** [164, 43].

- майи аласт:

Майи аласт маҷозан ишқи илоҳӣ, ки аз ибтидо ба Одам дода шудааст. Р. Блай ва Л. Левисон «**майи аласт**»-ро «*the wine made before Adam*» (майе, ки пеш аз офариниши Одам (алайҳиссалом) сохта шудааст). Ба мисли ибораи «**Рӯзи аласт**» «**майи аласт**» ҳам тарҷумаи тасвирӣ мешавад: «the wine made before Adam»(майе, ки пеш аз офариниши Одам(а) омода шудааст).

Хуррам дили он, ки ҳамчу Ҳофиз
Ҷоме зи **майи аласт** гирад [119, 154].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

How blessed is the man who, like Hafez,
Has tasted in his heart **the wine made before Adam** [164, 25].

Маталаб тоату паймону салоҳ аз мани маст,
Ки ба пайпоншиканӣ шуҳра шудам **рӯзи аласт** [119, 75].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Don‘t expect obedience, promise keeping, or rectitude
From me; I‘m drunk. I‘ve been famous for carrying
A wine pitcher around sinse **the First Covenant with Adam** [164, 43].

Дар тарҷумаи фожаву ибораҳои ирфонӣ тарҷумонон Гертруда Белл, Артур Ҷон Арберри, Дик Дэвис, Р.Блай ва Л. Левисон муваффақ гаштаанд, ҳарчанд тарҷумаҳо тарҷумаҳои тасвирӣ ва маъноӣ баромадаанд. Гап дар он аст, ки тарҷумонон пеш аз ба тарҷума оғоз кардан, шарҳҳои зиёдро хондаву аз ишоратҳои Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ошноӣ доштаанд. Дар зер ҷадвали тарҷумаи баъзе истилоҳот ва мафҳумҳои ирфонии ғазалиёти Ҳофиз аз ҷониби тарҷумонон англисзабон оварда мешавад.

№	Вожаи аслӣ	Тарҷумаи Г. Белл	Тарҷумаи Дик Дэвис	Тарҷумаи Р.Блай ва Л. Левисон
1.	қисмат	kismet	fate	fate
2.	охирзамон		the last days	
3.	солик	traveler	pilgrim	
4.	саҷҷода	prayer-carpet	prayer-mat	prayer-rug
5.	хонақоҳ		the sufi meeting house, temple	the sufi gathering house
6.	муҳтасиб		the moral officer, the police	
7.	шайх		sheikh	
8.	зоҳид	fanatic, zealot	pious, puritan	ascetic
9.	масҷид		mosque	
10	куништ	monastic	synagogue	
11	малоик		the angels	angels
12	рӯҳулқудс		the holy ghost,gabriel	the holy spirit
13	зуннор		christian prayers	
14	тасбеҳ		moslem beads	
15	хирқа		cloak	sufi robe
16	рӯзи доварӣ		judgement day	
17	мусалмонӣ	true faith		
18	рӯзи аласт			pre-eternity, the first covenant with adam
19	майи аласт			the wine made before adam, the first covenant with adam
20	сӯфӣ		houris, sufis	

2.3. Вожаҳои марбут ба май

Вобаста ба паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ рисолаҳои зиёд рӯйи кор омадаву барои рӯшноӣ андохтан ба маъниҳои нуҳуфтаи ғазалиёти ӯ мусоид гаштаанд. Аммо муфассал бобати вожаҳои марбут ба май дар кори муҳаққиқ Ш.Р. Исрофилниё «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» [2003] шарҳ ёфтаанд. Мо аз нигоҳи тарҷумонӣ ин вожаҳоро таҳлил мекунем.

- майкада:

Майхона; пойи хум; «Майкада - ҷойи шаробфурӯшӣ ва шаробнӯшӣ, майхона**»** [146, 779].

Дик Дэвис ин вожаро дар ду байт «*the wine-shop*» тарҷума мекунад, ки дуруст аст.

Алминнату лиллаҳ, ки дари **майкада** боз аст,
З-он рӯ, ки маро бар дари ӯ рӯйи ниёз аст [119, 70].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Thanks be to God now that **the wine-shop** door
Is open, since it‘s there I‘m heading for [158, 15].

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба **майхона,**
Ки аз **пойи хум**ат яксар ба ҳавзи Кавсар андозем [119, 334].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come join me in **the wine-shop**, friend,
If you want paradise;
I‘ll tip you from the wine-cask to
Kosar‘s stream in a trice [158, 23].

- соғар:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**соғар**» *зарфи шаробнӯшӣ, пиёла, қадаҳ* маънидод шудааст [146, 110]. Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**соғар**» чунин тафсир дорад:

соғар-дили ориф, ки анвори ғайбе дар он мушоҳида шавад [176, 110]. Аммо аз маънии умумии байт бармеояд, ки соғар на бар маънии маҷозӣ, балки ба маънии аслаш омадааст.

Дик Дэвис ҳамин вожаро «**A wine-cup**» (*қадаҳ, пиёлаи шароб*) тарҷума мекунад, ки маънои комили **соғар**ро медиҳад.

Соғар – амали соғаркаш, зарфи шаробнӯшӣ, пиёла, қадаҳ [146, 261].

Хуш омад гул в-аз он хуштар набошад,
Ки дар дастат ба ҷуз **соғар** набошад [119, 20].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Welcome, sweet flower, no one‘s
More welcome in this land-
The more so since you hold
A wine-cup in your hand [158, 20].

- пири муғон:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **«Пири муғон»** бар маънии соҳиби майхона маънидод шудааст [146, 99]. Тарҷумон Дик Дэвис «Пири муғон»-ро «**the Magian**» (транслитератсия) ва Р. Блай ва Л. Левисон «**Zoroastrian master**» (Зардушт) тарҷума мекунанд.

Мушкили хеш бари **пири муғон** бурдам дӯш,
К-ӯ ба таъйиди назар ҳалли муаммо мекард [119, 149].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Last night I took my troubles to
The Magian sage whose keeneyes see
A hudred answers in the wine; [158, 42].

Байти дигар:

Пири муғон зи тавбаи мо гар малул шуд,
Гӯ, бода соф кун, ки ба узр истодаем [119, 325].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

If our **Zoroastrian master** has become disgusted
With our way of repentance, tell him, Go ahead,
Strain the wine. We are standing here with our heads down [164, 3].

- соқӣ:

«Соқӣ бар маънии 1) обдеҳ 2) майкаш, шаробкаш». Дар «Фарҳанги луғоти Маснавии Маънавӣ»-и дуктур Низомуддин Нурӣ вожаи «**соқӣ**» чунин маънидод мешавад: обдиҳанда, дар истилоҳи сӯфия ва соликон муршид ва пир, ки ба муридон файз бирасонад [176, 110].

Гертруда Белл вожаи «**соқӣ**»-ро *Cup-bearer* тарҷума мекунад, ки мувофиқи вожаи асл аст, чунки **cup-bearer** *(орандаи пиёла ё ҷом)* аст ва бо вожаи **соқӣ** мувофиқ аст. Зеро аз маънии умумии байт бармеояд, ки соқӣ ин ҷо бармаънии шаробрез аст.

Ало, ё айюҳас**соқӣ**, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Arise, oh **Cup-bearer**, rise! and bring
To lips that are thirsting the bowl they praise,
For it seemed that love was an easy thing,
But my feet have fallen on difficult ways [160, 95].

2.4. Реалияҳо дар тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофиз

Дар фарҳангу тамаддуни ҳар миллат вожаҳои махсусе ҳастанд, ки тарҷуманопазиранд, чунки ин ифодаҳо ба ҷавҳари миллӣ, таърих, тарзи зисту зиндагонӣ, анъана, муҳити атроф ва ҷаҳонбинии ин ё он халқ алоқаманд аст. Ин гуна вожаҳоро реалияҳо ё вожаҳои «урфӣ» мегӯянд.

А.Ф. Архипов дар китобаш «Самоучитель перевода с немецкого языка на русский» ба реалия чунин тафсир медиҳад: «Реалия гуфта зуҳуротеро дар фарҳанги миллӣ меноманд, ки ба дигар маданиятҳо хос нест [16, 103].

Зимни тарҷумаи реалияҳо аз як тараф, зарурияти инъикоси обуранги миллӣ ва аслият ва аз тарафи дигар, интиқоли мазмун ва фаҳмиши соҳибзабон пеш меояд, ки бе пургӯӣ ифода карда шавад [16, 103].

Ба андешаи А.В. Фёдоров 4 роҳи тарҷумаи реалияҳо мавҷуд аст:

1) транслитератсия ё транскрипсия;
2) эҷоди калимаи нав ё калимаи мураккаб;
3) пайдо кардани калимаи наздикмаъно;
4) тарҷумаи тақрибан наздик ба маъно [116, 207].

Дар мавриди тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ низ ин гуна калимаҳои тарҷуманопазир ё реалияҳо ҳастанд, ки ҷое тарҷумаи тасвирӣ шудаву ҷое ҳамчун калимаи урфӣ транслитератсия шудааст. Аксари вожаҳое, ки чун вожаҳои урфӣ баргардон шудаанд, ба тасаввуф вобастагӣ доранд. Дар китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик калимаҳои «хирқа, далқ» ба гурӯҳи лексикаи кӯҳнашуда ворид шудааст [46, 52]. Мисоли онро дар тарҷумаи байти машҳури Ҳофизи Шерозӣ мебинем:

- шайх:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **«шайх»** чунин маъниҳо дорад: 1) марди пир, куҳансол 2) олим, донишманд 3) муршид, пешвои рӯҳонӣ, эшон, пир, обид, зоҳид [146, 647].

Биё, эй **шайх**у аз хумхонаи мо
Шаробе хӯр, ки дар ҷаннат набошад [119, 163].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come, **sheik**, and join in our
Carousing-you‘ll be given
A draught of wine that you
Won‘t ever find in heaven [158, 20].

- сӯфӣ:

Шукри Эзад, ки миёни ману ӯ сулҳ афтод,
Сӯфиён рақскунон соғари шукрона заданд [119, 180].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

But I am thankful that there‘s peace
Between Him now, and me;
In celebration of our pact
The **houris** drink their wine [158, 40].

Шукуфта шуд гули ҳамрову гашт булбул маст
Салои сархушӣ, эй **сӯфиён**и бодапараст! [119, 74].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The nightingales are drunk, wine-red roses appear,
And, **Sufis,** all around us, happiness is here [158, 80].

- лӯлӣ:

Фиғон, к-ин **лӯлиён**и шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо [119, 43].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

They have filled the city with blood and broil,
Those soft-voiced **Lulis** for whom we sigh;
As Turkish robbers fall on the spoil,
They have robbed and plundered the peace of my heart [160, 100].

- қисмат:

Ҳарчанд дар забони англисӣ калимаи Fate (сарнавишт) ҳаст, аммо Гертруда Белл онро истифода набурда, ба ҷойи он калимаро дар шакли **kismet** транслитератсия кардааст.

Ҳофиз аз машраби **қисмат** гила ноинсофист,
Табъи чун обу ғазалҳои равон моро бас [119, 247].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

And, Hafez, at the door of **Kismet** lies
No just complaint-a mind like water clear,
A song that swells and dies upon the ear,
These are enough for thee! [160, 102].

- маҳелон:

Дар биёбон гар ба шавқи Каъба хоҳӣ зад қадам,
Сарзанишҳо гар кунад хори **муғелон**, ғам махӯр! [119, 237].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Oh Pilgrim nearing Mecca‘s holy fane,
The thorny **maghilan** wounds thee in vain,
The desert blooms again-oh, weep no more! [160, 133].

- соқӣ:

Дар тарҷумаи Гертруда Белл вожаи «**соқӣ**» - Cup-bearer тарҷума гардидааст, ки ин тарҷумаи таҳтуллафзист. Артур Арберри бошад, онро дар шакли транслитератсияи калима меорад.

Ало, ё айюҳас**соқӣ**, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Ho, **saki**, haste, the beaker bring,
Fill up, and pass it round the ring;
Love seemed at first an easy thing-
But ah! The hard awakening [153, 83].

- хирқа, дарвеш:

Гуфтам: Шаробу **хирқа** на ойини мазҳаб аст,
Гуфт: Ин амал ба **мазҳаби пири муғон** кунанд [119, 192].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«No part of faith is the dervish cloak and the wine».
«Yet both are found in this **Magian faith** of mine» [153, 104].

2.5. Метафораҳо дар ғазалиёти Ҳофиз ва тарҷумаи онҳо

Метафора аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои «кӯчонидан»-ро дорад. Ин як василаи услубист, ки ба ҷои номи ягон ҳодиса ё навъи ашёе истифода шудани номи ҳодиса ё навъи ашёи дигареро мефаҳмонад [94, 9]. Ба андешаи Аристотел маҷоз интиқоли исми чизе аст ё аз ҷинс ба навъ ё аз навъ ба ҷинс ё аз навъ ба навъ ё бар ҳасби қиёс [115, 48].

Метафораро бо истилоҳи маҷоз низ ном мебаранд. Вобаста ба маҷоз дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ кори муҳаққиқ Саломов М.Қ. «Ифодаҳои маҷозӣ дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ» мавриди омӯзиши мо қарор гирифт. Ба андешаи Саломов М.Қ. маҷоз чунин истилоҳест, ки калима дар натиҷаи инкишофи маъноӣ дорои тобиши иловагӣ гардида, ғайр аз маънои аслӣ маънои дигареро низ ифода карда метавонад [99, 28]. Ҳадафи мо тарҷумаи ифодаҳои маҷозии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби тарҷумонони англисзабон аст.

Хандаи ҷоми маю зулфи гиреҳгири нигор,
Эй басо тавба, ки чун тавбаи Ҳофиз бишикаст [119, 76].

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз», ки дуктур Исмат Сатторзода ба забони форсӣ тарҷума кардааст, мурод аз «**хандаи ҷом**» рахшандагии қадаҳ аст, чун вақте ки пур аз бода бошад, шавқ ва завқ медиҳад [169, 203].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

So take the **laughing wine cup**, raise it in your hand,
Caress your lover‘s curls, and say Hafez has spoken;
How many vows of abstinence the world has seen
So fervently affirmed, and like Hafez‘s-broken [158, 4].

Тарҷумон Дик Дэвис «**хандаи ҷоми май**»-ро тарҷумаи таҳтуллафзӣ мекунад: «**laughing wine cup**». Ва мо меандешем, ки ин роҳи дурусти тарҷума аст, чунки аслан ҷоми май намехандад ва барои тарҷумон тарҷумаи ин гуна ибораҳои маҷозӣ воқеан мураккаб ва то ҷойе нофаҳмост. Ҷоми ҷаҳоннамо ё ҷаҳонбин «он ки ё он чи ҷаҳон ва ҳодисоти онро мебинад»

[146, 615]. Дар китоби «Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ» Ҷоми Ҷам «Ҷоме, ки дар он ҳама асрори олам дида мешавад ва бо номҳои ҷоми ҷаҳоннамо, ҷоми гетинамо низ ёд мешавад [55, 24-25].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **«ҷом»** бар маънии қадаҳ, пиёлаи майнӯшӣ; ҷоми бода тафсир шудааст [146, 626].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

> **The laughter of the wine,** and the disheveled curls
> Of the One We Love… How many nights of repentance-like
> Hafez's –have been broken by moments like this? [164, 8].

Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон «**хандаи ҷоми май**»-ро *The laughter of wine* тарҷума кардаанд. Яъне тарҷумонон Дик Дэвис, Р. Блай ва Л. Левисон дар тарҷумаи ин метафора як воситаи тарҷума - тарҷумаи таҳтуллафзӣ пеш гирифтаанд.

> **Ҷоми ҷаҳоннамо**ст замири мунири дӯст,
> Изҳори эҳтиёҷи худ он ҷо чӣ ҳоҷат аст? [119, 64].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

> **Solomon's cup**, in which all the world could be seen,
> Is the bright soul of the Friend. When the Friend is with us,
> What need do we have to reel off our list of demands [164, 37].

Ибораи «**теғи аҷал**», ки ҳамчун метафора дар байти зер истифода шудааст, дар ашъори шоирони классикии тоҷик хеле маъмул аст. Дар ФМЗТ **«теғи аҷал»** ба маънии *қабзкунандаи ҷон* тафсир шудааст [144, 787].

Мақсади Ҳофиз аз байти зер дар он аст, ки боястӣ бо шамшери аҷал худро ба марг расонам, вагарна аз ин роҳ рафтан одати мо нест:

> Магар ба **теғи аҷал** хайма барканам, в-арна
> Рамидан аз дари давлат на расму роҳи ман аст [119, 81].

Дик Дэвис метафораи «**теғи аҷал**»-ро «**death‘s dagger**» тарҷумаи таҳтуллафзӣ мекунад, аммо ба мазмуни умумии матн халале ворид нашудааст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Until **death‘s dagger** rends the tent
that is my life, my heart
Will not adjure his doorway-no,
I cannot now depart [158, 25].

Дар байти дигар шоир дар ду мисраъ ду метафора: «**рухи андеша**» ва «**зулфи сухан**» истифода бурдааст.

- рухи андеша; зулфи сухан:

«**Аз рухи андеша ниқоб кушодан**», яъне суханро бепарда ва бомаҳорат гуфтан аст. «**Зулфи сухан**» маънои зебоии сухан, ҳусни баёнро дорад, ки шоир онро бо санъати баланди шоирӣ тасвир намудааст.

Дар «Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ» «**Зулфи сухан**» чунин шарҳ дорад: «*сухан ба зулф монанд шудааст, то ба воситаи шонаи қалам ороиш дода шавад*» [55, 55].

Кас чу Ҳофиз накушод аз **рухи андеша** ниқоб,
То сари **зулфи сухан**ро ба қалам шона заданд [119, 180].

Тарҷумон Дик Дэвис «**рухи андеша**»-ро «**Veil of Thoughts**», яъне «**пардаи андеша**» ва «**зулфи сухан**»-ро «**Curls of speech**» мутаносибан тарҷума кардааст. Тарҷумаҳои метафораҳои мазкур ба асли сухан мутобиқат мекунад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

No one has drawn aside **the veil**
Of Thoughts as Hafez has,
Or combed the **curls of speech**
As his sharp pen has, line by line [119, 41],

Ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл дигаргуна тарҷума шудааст:

Yet since the earliest time that man has sought
To comb **the locks of Speech,** his goodly bride,
Not one, like Hafiz, from **the face of Thought**
Has torn the veil of Ignorance aside [160, 139].

Агар Дик Дэвис дар тарҷумаи «**рухи андеша**» аз мазмуни умумии байт маънӣ бардошта, тарҷума карда бошад, пас Гертруда Белл маҷозро айнан тарҷума кардааст: «**рухи андеша**» - «**face of Thought**» ва мутаносибан метафораи «**зулфи сухан**» - «**Lock of Speech**».

Тарҷумаи ҳамин байт аз тарафи Р. Блай ва Л. Левисон:

Ever since the original pen first combed the **curly hair**
Of speech, no one has drawn aside the veil
From the face of thought more gracefully than Hafez does [164, 40].

Онҳо дар тарҷумаи худ ибораҳои «**the curly hair of speech**» ва «**the face of thought**»-ро мутаносибан «*зулфи сухан*» ва «*рухи андеша*» таҳтуллафз тарҷума кардаанд, ки дар забони англисӣ агар ба таври алоҳидагӣ ин ибораҳоро дида бароем, маъное намедиҳанд.

Гудохт ҷон, ки шавад кори дил тамому нашуд,
Бисӯхтем дар ин **орзуи хом**у нашуд [119, 169].

- «**Орзуи хом**» - орзуе, ки амалишавиаш имкон надорад, ё орзуи дастнорас. Дар байти боло шоир вожаҳои «**гудохтан**», «**сӯхтан**» ва «**хом**» дар он хеле олӣ истифода шудааст.

Дар Фарҳанги ибораҳои халқӣ ба ҷойи **орзуи хом** *хаёли хом* дарёфтем, ки маънои фикр ва андешаву амали нодуруст, беҳуда маънидод шудааст [143, 304]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ *орзуи хом* вонахӯрдем, аммо ибораи *хаёли хом* мавҷуд аст [145, 462].

Ҳамин метафораро Дик Дэвис «**inane desire**» (хоҳиши бемаънӣ, хоҳиши бемазмун) тарҷума мекунад, ки он хусусияти метафориашро гум карда, ба ибораи сода табдил ёфтааст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

To have my heart achieve its goal
Grief melted my sad soul-to no effect;
And I was burned within the fire
Of this **inane desire**-to no effect [158, 64].

- лангари ҳилм, киштии тавфиқ, баҳри карам:

Лангари ҳилми ту, эй киштии тавфиқ, куҷост?
Ки дар ин баҳри карам ғарқи гуноҳ омадаем [119, 327].

Дар байти боло метафораҳои «**лангари ҳилм**», «**киштии тавфиқ**» ва «**баҳри карам**» истифода шудааст, ки дар ибораҳои мазкур вожаҳои **лангар**, **киштӣ** ва **баҳр** калидӣ буда, тавассути калимаҳои **ҳилм, тавфиқ** ва **карам** ибораҳои метафорӣ сохта шудааст, ки байни онҳо таносуби маънӣ мавҷуд аст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

O **Holy Ship of Blessings**, where
Is Your **strong anchor** found?
In sinfulness, within this **sea**
Of mercy, we are drowned! [158, 86].

Аз ибораҳои маҷозии зикршуда тарҷумон Дик Дэвис ибораҳои «**киштии тавфиқ**» ва «**баҳри карам**»-ро дар ҳамон шакли метафорӣ «**Ship of Blessings**» ва «**Sea of Mercy**» тарҷума кардааст, аммо дар тарҷумаи «**лангари ҳилм**» муваффақ нашудааст ва онро дар шакли ибораи сода «**strong anchor**» (лангари устувор) тарҷума кардааст. Дар тарҷумаи ибораи «**киштии тавфиқ**» (**Ship of Blessings**) Д. Дэвис инчунин вожаи «**Holy**»-ро илова мекунад, ки маънии муқаддасро дорад. Ин вожа метафораро тақвият медиҳад.

- арӯси табъ:

Ҳофиз, **арӯси табъ**и маро ҷилва орзуст,
Оинае надорам, аз он оҳ мекашам [119, 305].

«**Арӯси табъ**» мурод аз илҳоми шоир аст, ки чанд муддат ӯро меҷуяд. Ҳамин метафораро Дик Дэвис «**Hopeful bride**» тарҷума кардааст.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Hafez, **my nature‘s like**
A Hopeful bride, but I
Lack mirrors to array
Myself-that‘s why I sight [158, 123].

Ҳамин метафораро Дик Дэвис бо ҷумлаи «**My nature‘s like a hopeful bride**»-табъи ман монанди арӯси пурумед аст. Ин ҷо метафора мазмуни пурраи мисраи аввалро медиҳад.

- сухани талх:

Гул бихандид, ки «Аз рост наранҷем, вале
Ҳеҷ ошиқ **сухани талх** ба маъшуқ нагуфт» [119, 108].

Мурод аз «**сухани талх**» сухани дурушт, сухани дағал аст, чунки сухан таъм надорад ва онро чашидан мумкин нест. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**сухани талх»** бар маънии *гапи нешдор*, *гапи ногувор* тафсир ёфтааст.

Гертруда Белл ин метафораро айнан «**Bitter words**» тарҷума мекунад, ки маънои «**сухани тунд»**-ро дорад. Сабаби чунин тарҷума намудан дар он аст, ки ин метафора, яъне «**Bitter words**» (сухани тунд) дар адабиёти англисзабон истифода мешавад.

Тарҷумаи Гертруда Белл:

She laughed and said:
«That I am born to fade grieves not my heart;
But never was it a true lover‘s part
To vex with **bitter words** his love‘s respose» [160, 96].

- лашкари ғам; мулки дил:

То **лашкари ғамат** накунад **мулки дил** хароб,
Ҷони азизи худ ба наво мефиристамат [119, 110].

Дар байти боло ибораҳои маҷозии «**лашкари ғам**» ва «**мулки дил**» аз ҷониби шоир корбурд шудааст. «**Лашкари ғам**» маънии зиёдии ғамро дорад ва «**мулки дил**» макони обод. Дар ин ҷо низ таносуби вожаҳои «**лашкар**» ва «**мулки дил**» калидӣ мебошад, яъне ҳуҷуми лашкар метавонад мулки ободро хароб, талаву тороҷ кунад.

Гертруда Белл ҳамин метафораи «**лашкари ғам**»-ро «**Sorrow's army**» тарҷума мекунад, ки ин метафора ҳам мустафид аст. Метафораи «**мулки дил**»-ро «**Heart's domain**», яъне сарзамини дил тарҷума кардааст, ки мутаносибан ба маънои байт мувофиқат мекунад. Вале дар байти дигар ибораи «**мулки дил**» ба тарзи дигар тарҷума шудааст.

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Lest **Sorrow's army** waste thy **heart's domain,**
I send my life to bring thee peace again [160, 98].

- мулки дил:

Ғаме, ки чун сипаҳи Занг **мулки дил** бигирифт,
Зи хайли шодии Руми рухат зудояд боз [119, 241].

«**Мулки дил**» дар ин байт «**the kingdom of my heart**», яъне *кохи дили ман* тарҷума шудааст. Сабаби дар байтҳои гуногун тарҷума шудани метафора ба мазмуни дохилии байти асл вобаста аст.

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Like to a cruel Ethiopian band,
Sorrow despoiled **the kingdom of my heart**-
Return! Glad Lord of Rome, and free the land; [160, 113].

- Камони маломат, яъне тири маломат, сарзаниш ва накуҳиш аст. Маҳсули байт ин аст, ки моро зиёд сарзаниш кардаанд, ки ошиқи абрӯи ҷонон гаштаем.

Тарҷумонон Р.Блай ва Л. Левисон ин метафораро айнан тарҷума кардаанд «**the arrow of guilt**» (*тири гуноҳ, маломат*). Ин тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ аз он боис аст, ки метафораҳои офаридаи Ҳофизи Шерозӣ сирф метафораҳои поэтикӣ ҳастанд ва муодили худро дар дигар забонҳо қариб ки надоранд.

Бар мо басе **камони маломат** кашидаанд,
То кори худ зи абрӯи ҷонон гушодаем [119, 325].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

People have aimed **the arrow of guilt** a hundred times
In our direction. With the help of our Darling‘s eyebrow,
Blame has been a blessing, and has opened all our work [164, 3].

- муҳри лаб:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**мӯҳри хомӯшӣ ба даҳон задан**» *(хомӯш будан)* маънидод шудааст, аммо айнан дар ҳамин шакл «**мӯҳри лаб**» дарёфт нагардид. Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон ин метафораро «**The signet seal of Her lips»** тарҷума кардаанд, ки маънои таҳтуллафзии «*мӯҳр бар лабонаш*» аст.

Дар дил надиҳам раҳ пас аз ин меҳри бутонро,
Муҳри лаби ӯ бар дари ин хона ниҳодем [119, 330].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

From now on I will leave no doors in my heart open
For the love of beautiful creatures; I have placed
The signet seal of Her lips on the door of this house [164, 15].

- дасти мардуми чашм:

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» «**ба дасти мардуми чашм»** чунин шарҳ дорад: «Исботи даст барои мардумак ба тариқи истиора аст» [172, 2139]. Яъне муроди Ҳофизи Шерозӣ тавассути «**дасти чашм**», ки мурод нигоҳи ёр аст, тамошои чеҳраи дилдор мебошад. Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон «**дасти мардуми чашм**»-ро бо феъли «***reach out***» (ноил шудан) тарҷума мекунанд.

Муроди дил зи тамошои боғи олам чист?
Ба **дасти мардуми чашм** аз рухи ту гул чидан [119, 345].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

What is our purpose in admiring the garden
Of this world? The answer is: Let the man inside
Your eye **reach out and take roses from Your face** [164, 21].

- Чашмаи ишқ, яъне ишқи поку мубарро.

Чор такбир: Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» «чор такбир - намози майит дорои чор такбир аст ва дар истилоҳ ҳар чизе, ки таркаш ба кулли лозим бошад» [169, 190].

Дар тарҷумаи «**чашмаи ишқ»** мутарҷимон тарҷумаи таҳтуллафзӣ корбаст кардаанд: «*The Spring of Love*». Ин ҷо мувофиқати куллӣ ба назар мерасад.

Ман ҳамон дам, ки вузӯъ сохтам аз **чашмаи ишқ**,
Чор такбир задам яксара бар ҳар чӣ, ки ҳаст [119, 75].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

That very moment when I washed myself in **the Spring**
Of Love, that very moment I said, «God is great!»
Four times over the world, as over a corpse [164, 43].

- иморати дил; ҷаҳони хароб:

Мурод аз «**иморати дил**» осоиштагиву оромии қалб аст. Ҷаҳони хароб мурод аз бевафоиҳои дунё аст. Тарҷумонон ин маҷозҳоро тасвирӣ тарҷума

кардаанд. Мисоли: «**Make your soul strong**» (руҳро қавӣ дор) ва **«rotten world»** (ҷаҳони хароб).

Ба май **иморати дил** кун, ки ин **ҷаҳони хароб**
Бар он сар аст, ки аз хоки мо бисозад хишт [119, 102].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Make your soul strong then by letting it drink
The secret wine. This **rotten world** has its own
Plane to press our dust into bricks [164, 65].

Ҷадвали тарҷумаи вожаҳои марбут ба май

№	Вожаи аслӣ	Тарҷумаи Г.Белл	Тарҷумаи Дик Дэвис	Тарҷумаи Р. Блай ва Л.Левисон
1.	Хандаи ҷоми май		Laughing wine cup	The laughter of the wine
2.	Теғи аҷал		Death`s dagger	
3.	Рухи андеша	The face of thought	the veil of thoughts	The face of thought
4.	Зулфи сухан	The locks of speech	Curls of speech	Curly hair of speech
5.	Орзуи хом		Inane desire	
6.	Лангари ҳилм		Strong anchor	
7.	Киштии тавфиқ		Holy ship of blessings	
8.	Баҳри карам		Sea of mercy	
9.	Арӯси табъ		Hopeful bride	
10.	Сухани талх	Bitter words		
11.	Лашкари ғам	Sorrow`s army		
12.	Мулки дил	Heart`s domain,the kingdom of my heart		
13.	Камони маломат			The arrow of guilt
14.	Мӯҳри лаб			The signet seal of her lips

2.6. Тарзи тарҷумаи ономастикӣ (номҳо)

2.6.1. Топонимҳо

Дар тарҷума ҳар нукта муҳим аст, зеро аз тарҷумаи одитарин унсурҳои забоншиносӣ бисёр чизҳо бастагӣ дорад. Хоса, дар адабиёти бадеӣ, ки саршори образҳо аст, тарҷумаи мукаммалу бадеӣ басо амри зарурист. Ономастика, ки бахши калони илми забоншиносиро дар бар мегирад, аз ҳар ҷиҳат омӯхта шуда, дар ин бобат фаслҳову рисолаҳои илмиву мақолаҳои алоҳида бахшида шудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳим дар илми тарҷумашиносӣ ин тарҷумаи ономастика аст, чунки ономастикаи ҳар халқу миллат хусусиятҳои ба худ хос дорад ва зимни тарҷумаву баргардон аз қонуниятҳои махсус истифода бурда мешавад.

Ономастика аз вожаи юнонӣ гирифта шуда, маънои «санъати номгузорӣ»-ро дорад.

Ба андешаи М.В. Горбаневский «Ҳар ном дар навбати худ рамзи миллист» [33, 12]. Муҳаққиқ Алимӣ Ҷ. ономастикаро чунин шарҳ додааст: «Ономастика бахши забоншиносист, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаи анвоъ ва шаклҳои исми хос машғул аст» [10, 15].

Ономастика як қисмати илми забоншиносӣ буда, ба чунин зергурӯҳҳо тақсим мешавад:

- антропонимҳо;
- топонимҳо;
- зоонимҳо;
- космониҳо;
- теонимҳо ва ғайра.

Муҳаққиқ Виноградов В.С. ономастикаро (аз ҷумла, антропонимҳо ва топонимҳо) ба гуруҳи реалияҳо ворид мекунад ва номҳои хосро дар нигаҳдории обуранги миллӣ асос мешуморад [27, 109].

Дар тарҷумаи номҳои ономастикӣ чунин равишҳо корбаст мешаванд:

- транслитератсия;

- транскрипсия;

- калка.

Истилоҳи «топонимика» ба маънои «маҷмуи номҳои географии ин ё он минтақа аст» [Ожегов С.И., Суперанская А.В.]. Суперанская А.В. истилоҳи топонимикаро чунин шарҳ медиҳад: «Топонимика - ин соҳаи забоншиносист, ки таърихи пайдоиш, азнавташкилёбӣ ва фаъолнокии номҳои ҷуғрофиро меомӯзад» [104, 7].

Дар таърифи топонимия муҳаққиқ Алимӣ Ҷ. чунин навиштааст: «Топонимия яке аз сарчашмаҳои муътамад ва муҳими омӯзиши таърих, маданият, ҷуғрофия, этнография ва таърихи забонҳои матруку мустаъмал мебошад» [10, 4].

Суперанская А.В. якчанд шартҳои тарҷумапазирии вожаҳоро меорад: «Барои он ки калимаҳо тарҷума шаванд: 1) мантиқан бояд бо он мафҳум мутобиқат кунанд; 2) он предмет монанд бояд бошад; 3) услуб ва мутобиқати эҳсосотӣ дошта бошанд. Аммо на ҳамаи вожаҳо ба ин талабот ҷавобгӯянд, масалан, исмҳои хос...» [104, 25].

Тарҷуманопазирии номҳоро Влахов С. низ ҷонибдорӣ намуда, мегӯяд: «Тарҷуманопазирии номҳои хос асоси ба гурӯҳи лексикаи бемуодил дохил шудани он аст, ки аксарияти онҳо бо халқиятҳои гуногун, бо маданияту анъанаи як халқ вобаста будани он аст» [28, 222].

Дар масъалаи тарҷумаи исмҳои хос Влахов С. андешаи худро баён намуда, ба ин назар аст, ки: «Исмҳои хос аз рӯйи қоида иқтибос мешаванд, транскрипсия мешаванд, аммо ба таври истисно тарҷума мешаванд» [28, 208].

Доир ба масъалаи номҳои антропонимӣ ва роҳҳои баргардони он муҳаққиқ Насруддинов С.М. таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд. Муҳаққиқ Ҳ. Талбакова ҳам транскрипсия ва транслитератсияро воситаҳои асосии интиқоли топонимҳо ва антропонимҳо медонад. Ин гуфтаҳои муҳаққиқро ҷонибдорӣ намуда, мо намунаҳои онро дар ғазалиёти Ҳофиз дида мебароем:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба **Канъон** ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр [119, 237].

- Канъон:

Дик Дэвис топоними «**Канъон**»-ро *Canaan`s land* тарҷума мекунад, ки дар ин ибора топоними Канъон транслитератсия шуда, барои тақвияти фикр вожаи *land* изофа мегардад, ки маънои сарзамин, манзилро дорад.

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Lost Joseph will return to **Canaan‘s land** again
- do not despair
His grieving father‘s house will fill with flowers again
-do not despair [158, 29].

- Мусалло ва Рукнобод:

Намедиҳанд иҷозат маро ба сайру сафар
Насими боди **Мусалло**ву оби **Рукнобод** [119, 127].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Mosalla‘s breeze, and **Roknabad**‘s clear stream, have told me
I cannot leave this town; they will forever hold me [158, 32].

- Ироқ, Форс, **Бағдоду Табрез:**

Ироқу Форс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ҳофиз,
Биё, ки навбати **Бағдоду** вақти **Табрез** аст [119, 71].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Pars knows the splendor of your verse, Hafez-
It‘s made the towns of ***Eraq*** glad;
So now‘s the time to try it out elsewhere-
Tabriz, perhaps, and then **Baghdad** [158, 61].

- Самарқанду Бухоро:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам **Самарқанду Бухоро** [119, 43].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

My heart within his loving hand
I‘d give for his dark mole the towns
Of **Bokhara** and **Samarqand** [158, 128].

Байти болозикр дар тарҷумаи Гертруда Белл:

Oh Turkish maid of Shiraz! In thy hand
If thou‘lt take my heart, for the mole on thy cheek
I would barter **Bokhara** and **Samarkand** [160, 100].

- Миср:

Гуфтам: Хироҷи **Миср** талаб мекунад лабат,
Гуфто: Дар ин муомила камтар зиён кунанд [119, 191].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«Tis **Egypt**‘s tribute thy lips require for fee».
«In such transaction the less the loss shall be» [153, 103].

Мутобиқи андешаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла В.С. Виноградов, А.В. Фёдоров, А.В. Суперанская ва дигарон топонимҳо ҳам ба гурӯҳи реалияҳо дохил мешаванд ва асосан бо роҳи транслитератсия аз як забон ба забони дигар интиқол меёбанд. Ҳамин раванди баргардони топонимҳоро мо дар топонимҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ мушоҳида кардем.

Топонимҳои Мусалло, Рукнобод, Ироқу Форс, Бағдоду Табрез, Самарқанду Бухоро аз ҷониби тарҷумонон Дик Дэвис ва Гертруда Белл бо риояи фонетикаи забони англисӣ баргардон шудаанд: Mosalla, Rocknabad, Eraq, Pars, Baghdad, Tabriz, Bokhara and Samarqand. Танҳо топономияи «**Миср**», ки муодилашро дорад, *Egypt* тарҷума шудааст, ки мутаносибан Миср аст.

2.6.2. Антропонимҳо

Ба андешаи Влахов С. ва Флорин С. «аксари исмҳои хос реалия буда метавонанд» [28, 12]. Вобаста ба тарҷумаи антропонимҳо мақолаи О.Ш. Иқболов «Шарҳи реалияҳои «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ тибқи тарҷумаи англисии Р. Николсон» боиси омӯзиш аст.

Антропонимҳои ғазалиёти Ҳофиз:

- Маҷнун, Лайлӣ, Маҳмуд ва Аёз:

Бори дили **Маҷнун**у хами турраи **Лайлӣ**
Рухсораи **Маҳмуд**у кафи пойи **Аёз** аст [119, 70].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Majnun's grief, **Layla's** curls, **Ayaz's** foot
That royal **Mahmud's** face bowed down before [158, 15].

- Юсуф ва Зулайхо:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр [119, 237].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Lost **Joseph** will return to Canaan's land again
-do not despair
His grieving father's house will fill with flowers again
-do not despair [158, 29].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

From **Cannaan Joseph** shall return, whose face
A little time was hidden: weep no more-
Oh, weep no more! In sorrow's dwelling-place
The roses yet shall spring from the bare floor! [160, 132].

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр! [119, 237].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Joseph the lost will return, Jacob should not
Sink into sadness; those who sit in the Grief
House will eventually sit in the garden [164, 13].

Байти дигар:

Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки **Юсуф** дошт, донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад **Зулайхо**ро [119, 43].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Given the beauty Joseph had
I understand love could not fail
To tempt **Zuleikha** discard
Her chastity‘s enclosing veil [158, 129].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

But of **Joseph**‘s beauty the lute shall speak;
And the minstrel knows that Zuleika came forth,
Love parting the curtains of modesty [160, 101].

- Ҷамшед, Баҳман, Қубод:

Қадаҳ ба шарти адаб гир, з-он ки таркибаш
Зи косаи сари Ҷамшеду Баҳман асту Қубод [119, 126].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

But take the wine-cup revently, since in your hand
Is **Jamshid‘**s skull, and King **Qobad**‘s who ruled this land

- Масеҳо:

Гар равӣ поку муҷаррад чу **Масеҳо** ба фалак,
Аз чароғи ту ба хуршед расад сад партав [119, 364].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The night you leave this world, go, climb
like **Jesus** through the skies-
Your lamp, a hundred times, will light the sun as you arise [158, 36].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Like **Jesus**, ascend on the night of your death
Straight up to heaven-so that from your lantern
A hundred rays of light will reach the sun [164, 35].

- Исми Аъзам, Сулаймон:

Исми Аъзам бикунад кори худ, эй дил, хуш бош,
Ки ба талбису ҳиял дев **Сулаймон** нашавад [119, 215].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The Highest will fulfill His aims,
rejoice, my heart! No lies
Can make a devil **Solomon**
Whatever tricks he tries [158, 106].

Ҳофиз аз давлати ишқи ту **Сулаймоне** шуд,
Яъне аз васли туаш нест ба ҷуз бод ба даст [74,75].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Purely because of his love for you, Hafez became
As rich as **Solomon**; and has nothing but wind in his hands [164, 44].

- Нуҳ:

Эй дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро **Нуҳ** аст киштибон, зи тӯфон ғам махӯр [119, 237].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

What thought the river of mortality
Round the unstable house of Life doth roar,

Weep not, oh heart, **Noah** shall pilot thee,
And guide thine ark to the desired shore! [160, 133].

Тарҷумаи ҳамин байт аз тарафи Р. Блай ва Л. Левисон:

Even the flood of materialism
Drowns everything, do not sink into
Sadness, because **Noah** is your captain [164, 13].

Антропонимҳои **Маҷнун, Лайлӣ, Маҳмуд, Аёз, Юсуф, Зулайхо, Ҷамшед, Баҳман, Қубод, Масеҳо, Исми Аъзам, Сулаймон** зимни тарҷума бо ду роҳ баргардон шудаанд: антропонимҳое, ки сирф хусусияти миллӣ доранд, транслитератсия шудаву антропонимҳои муштарак (яъне исми паёмбарон) муодили худро дар дигар забон ёфтаанд: *Majnun, Layla, Ayoz, Mahmud, Zuleikha, Jamshed, Bahman, Noah and Qobad.* Аммо антропонимҳои динӣ муодили худро доранд*: Jesus, Solomon, Joseph.*

2.6.3. Космонимҳо

- Парвин:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» космоними «**Парвин**» чунин маънидод шудааст: 1) нуҷ. Маҷмӯи ситораҳое, ки дар як ҷо дар бурҷи Савр ҷамъ омадаанд; 2) мҷ. ашк, хӯшаи парвин. Дик Дэвис ҳамин космонимро *stars* (ситораҳо) тарҷума мекунад, ки дуруст аст, яъне маҷмӯи ситораҳо. Ҳамин космонимро Р. Блай ва Л. Левисон *the Pleiades* тарҷума мекунанд, ки маҷмӯи ситораҳо аст. Ҳар се тарҷумон ба ҳадафи шоир наздик ҳастанд.

Осмон, гӯ, мафурӯш ин азамат, к-андар ишқ
Хирмани маҳ ба ҷаве, хӯшаи **Парвин** ба ду ҷав [119, 364].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Say to the heavens, «Don‘t boast of splendor!»
When love is matched with you,

The harvest of the moon‘s a grain,
and of the **stars** but two [158, 37].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Р. Блай ва Л. Левисон:

Tell the heavens not to brag so much about their majesty.
The moon‘s gifts, compared to Love‘s, amounts
To one grain of wheat, and **the Pleiades** to two [164, 36].

- Зуҳра:

«Зӯҳра нуҷ. Сайёраи ба Замин наздиктарини низоми Офтоб, ки бо номҳои «**Ноҳид**», «**ситораи саҳарӣ**» ва «**ситораи субҳ**» машҳур аст» [145, 553].

Дик Дэвис космоними «**Зӯҳра**»-ро *Venus-Венера* тарҷума мекунад, ки дуруст аст ва ин космоним муодили худро дар забони англисӣ дорад. Аммо тарҷумон Гертруда Белл «**Зӯҳра**»-ро транслитератсия мекунад: **Zohra**.

В-он гаҳам дардод ҷоме, к-аз фурӯғаш бар фалак
Зуҳра бар рақс омаду барбатзанон мегуфт: Нӯш! [119, 262].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And then he gave me such a glass
Of wine its flashing light
Made **Venus** dance in heaven, and strike
Her lute in shared delight [158, 100].

Дар байти дигар:

Зуҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт,
Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд? [119, 170].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Heaven‘s music is hushed, and the planets roll
In silence; has **Zohra** broken her lute?
There is none to press out the vine‘s ripe fruit,
And what has befallen the foaming bowl [160, 149].

- Зуҳал:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**Зуҳал»** чунин маънидод мешавад: «Зуҳал нуҷ. Яке аз сайёраҳои калони низоми Офтоб, ки онро ба форсӣ Кайвон мегӯянд...» [145, 552].

Дар тарҷумаи тарҷумонон Р.Блай ва Л. Левисон «**Зуҳал**» Saturn тарҷума шудааст. Аслан аксари номҳои космонимӣ муодили худро доранд.

Бигир турраи маҳчеҳраеву қисса махон,
Ки саъду наҳс зи таъсири **Зуҳраву Зуҳал** аст [119, 73].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Reach for her forehead and liftone of those strands
Of hair; then forget about whether **Saturn**
Or **Venus** is responsible for your luck [164, 64].

- Сурайё ё **Парвин:**

Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди **Сурайё**ро [119, 44]

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Hafez, your poem‘s written now
The pearl you‘ve pierced is poetry‘s;
Sing sweetly –heaven grants your verse
The necklace of **the Pleiades** [158, 129].

- Иқди Сурайё:

Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак **иқди Сурайё**ро [119, 44].

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» тарҷумаи дуктур Исмат Сатторзода **иқд** бар маънии гулӯбандест, ки занон ба гулӯ мебанданд ва иқди Сурайё изофаи баёнӣ аст ва шуаро ситораи Сурайёро ба гулӯбанд ташбеҳ кунанд [169, 31].

Дар тарҷумаи Гертруда Белл Pleiades (Сурайё) тарҷума шудааст.

Тарҷумаи Гертруда Белл:

The song is sung and the pearl is strung;
Come hither, oh Hafiz, and sing again!
And the listening Heavens above thee hung
Shall loose o'er thy verse **the Pleiades's chain** [160, 101].

- Муштарӣ ва Маҳ:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**Муштарӣ**» чунин маънидод мешавад: «нуҷ. Номи бузургтарин сайёраи манзумаи Офтоб, ки мунаҷҷимони қадим онро муборак мешуморанд…» [145, 910].

Тарҷумон Артур Арберри муодилҳои ин космонимҳоро низ дарёфтааст: *Moon, Jupiter.*

Гуфтам, ки хоҷа кай ба сари ҳаҷла меравад?
Гуфт: Он замон, ки **Муштарию Маҳ** қирон кунанд [119, 192].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«And when shall bridegroom come to the coach of the bride?»
«The morn that **Moon and Jupiter** stand allied» [153, 104].

2.6.4. Антономасия

Антономасия-ин истифода бурдани исми хос ба ҷои исми ҷинс ва баръакс ибораи тавсифиро чун исми хос истеъмол кардан аст. Гузаштани исми хос ба исми ҷинс метавонад дар натиҷаи кӯчиши метафорӣ ё метаномӣ сурат гирад [114, 15].

- Кавсар:

Биё, эй шайху аз хумхонаи мо
Шаробе хӯр, ки дар Кавсар набошад [119, 163].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come, sheik, and join in our
Carousing-you'll be given
A draught of wine that you
Won't ever find in **heaven** [158, 20].

- Каъба:

Дар биёбон гар ба шавқи **Каъба** хоҳӣ зад қадам,
Сарзанишҳо гар кунад хори муғелон ғам махӯр! [119, 237].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

When, if you long to tread the pilgrims‘ desert trail
To Mecca‘s distand shrine, sharp throrns beset your path
-do not despair [158, 29].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

Oh Pilgrim nearing Mecca‘s holy fane,
The thorny maghilan wounds thee in vain,
The desert blooms again-oh, weep no more! [160, 133].

- хӯшаи Парвин:

Осмон, гӯ, мафурӯш ин азамат, к-андар ишқ
Хирмани маҳ ба ҷаве, **хӯшаи Парвин** ба ду ҷав! [119, 364].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Say to heavens, «Don‘t boast of splendor!»
When love is matched with you,
The harvest of the moon‘s grain,
And of the stars but two [158, 37].

- кӯйи Каъба:

Дар Каъбаи кӯйи ту ҳар он кас, ки биёяд,
Аз қиблаи абрӯи ту дар айни намоз аст [119, 70].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Whoever strays **within your street**, it is
Your eyebrow‘s curve that he will pray before [158, 15].

- пиёла:

Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз **пиёла** хост,
То дар миёна хостаи Кирдгор чист? [119, 90].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The ascetic longs to drink from Kosar‘s stream
In paradise‘s shade,
And Hafez longs for **wine**; until, between
The two, God‘s choice is made [158, 39].

- Қуръон:

Надидам хуштар аз шеъри ту Ҳофиз,
Ба **Қуръон**е, ки андар сина дорӣ [119, 385].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Hafiz, thy songs of songs are loveliest;
I swear it, by the **Scriptures** in thy breast! [153, 126].

Хулосаи боби дуюм

Таҳлил ва баррасиҳои боби дуюм нишон доданд, ки тарҷумаи қабатҳои лексикӣ-фразеологии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ яке аз масъалаҳои мушкил дар тарҷумаи ғазалҳо аз забони тоҷикӣ ба англисӣ аст. Тарҷумаи лексикаи бемуодил аз қабили, воҳидҳои фразеологӣ, матафораҳо, зарбулмасалу мақол, реалияҳо, ономастика ва дигар унсурҳои забонӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таври густурда омӯхта шудааст, аммо маҳз муҳаққиқе, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои тарҷумаи лексикаи бемуодили ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ машғул шуда бошад, дарёб нагардид. Ҳарчанд мақолаҳои алоҳида дар ин мавзуъ баррасӣ шудаанд. Хусусан, дар масъалаи метафораҳои ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ ва тасвирӣ бисёр вохӯрданд. Дигар аз мушкилоти тарҷумаи ғазалҳо истилоҳоти ирфонӣ мебошад, ки дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ хеле фаровонанд. Ин вожаҳо асосан ба тасаввуф вобастагии зиёд доранд ва дар пеши тарҷумон вазифаҳои мушкил мегузоранд. Аммо зимни таҳлили байтҳо бо вожаҳои ирфонӣ аён гашт, ки мутарҷимон пеш аз ба тарҷума оғоз кардан, шарҳҳои зиёдеро хондаанд ва

ба умқи мафҳуми ин вожаҳо расидаанд. Новобаста ба ин, дар тарҷумаи вожаҳои ирфонӣ тарҷумаҳои ғалат ба назар расид. Муваффақияти тарҷумонон дар тарҷумаи ономастика аст, ки бо доштани муодилҳояшон дар забони англисӣ тарҷума шудаанд. Албатта, бо доштани хусусиятҳои миллӣ дар топонимҳо ва антропонимҳо баъзеи онҳо транслитератсия шудаанд. Аммо антропонимҳои динӣ, ки барои мардуми англисзабон ошност, эквиваленти худро ёфтаанд. Дар тарҷумаи зарбулмасал ва мақол низ мутарҷимон дар аксар маврид муваффақ шудаанд, дар ҳолати дарёб накардани муодил аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ ё тасвирӣ истифода бурдаанд. Хулоса, сифати тарҷумаҳо хуб буда, муваффақият ва камбудҳо низ мушоҳида мешаванд.

БОБИ III.
ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОӢ ВА УСЛУБИИ ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

3.1. Хусусиятҳои маъноии тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ

3.1.1. Синонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо

Дар забон калимаҳое мавҷуданд, ки маънои якхела ва ба ҳам наздикро ифода мекунанд ва одатан ин гуна калимаҳоро калимаҳои синонимӣ меноманд [41, 38]. Ба андешаи М. Муҳаммадиев синонимҳо ду ё зиёда калима - мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно наздик ва баъзан баробар буда, бо маънои иловагӣ, тобишҳои услубӣ-маъноии худ бо ҳудуд ва андозаи истеъмолашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд [85, 5]. Синонимҳо намудҳои гуногун дорад:

1) Синонимҳои семантикӣ (маъноӣ);
2) Синонимҳои услубӣ;
3) Синонимҳои гуногунреша ва ҳамреша;
4) Синонимҳои услубӣ-семантикӣ.

Ҳофизи Шерозӣ аз боистеъдодтарин шоиронест, ки дар ғазалиёташ синонимҳоро моҳирона истифода мебарад. Синонимҳои «**Андалеб ва ҳазор**» ба гурӯҳи синонимҳои услубӣ дохил мешаванд, чунки ҳарду вожа ҳам дар адабиёти бадеӣ истифода мешавад ва вожаи гуфтугуии он «**булбул**» аст. Тарҷумон Дик Дэвис ҳамин синонимҳоро андак нодуруст дарк намудааст, чунки вожаи «**ҳазор**»-ро тарҷумон шумора мефаҳмад ва онро чунин тарҷума мекунад: «**Thousands of nightingales**» *Ҳазорон булбул.* Ин аз адами синоними вожаи «булбул» дар забони англисӣ нест, чунки ин вожа дар забони англисӣ щам синонимҳои зиёд дорад: *songbird, melodist, mockingbird.*

- андалебон ва ҳазорон:

Сад ҳазорон гул шукуфту бонги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, **ҳазорон**ро чӣ шуд? [119, 170].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

A hundred thousand flowers appear
But no birds sing for them to them to hear-
Thousands of nightingales are dumb:
Where are they now? Why don`t they come? [158, 6].

- ғариб-аҷиб:

Ин вожаҳо маънои кас ё чизи ғалатиро доранд. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин синонимҳо (**ғариб-аҷиб**) бо вожаҳои «*Strangely curious- perplex*» тарҷума карда шудаанд, ки онҳо пурра бо ҳам синоним набуда, балки наздик маъно мебошанд. Вожаи «*perplex* –дар ҳолати нофаҳмӣ будан» ва ибораи «*strangely curious-аҷобати ҳайратовар*» аст. Синонимҳои «**ғариб ва аҷиб**» ба гуруҳи синонимҳои услубӣ дохил мешаванд.

Фарёди Ҳофиз ин ҳама, охир, ба ҳарза нест,
Ҳам қиссае **ғариб**у ҳадисе **аҷиб** ҳаст [119, 89].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Hafez`s cry is not mere nonsense
When all is said and done;
Though it`s a **strangely curious** tale,
And a **perplexing** one [158, 13].

- амн-офият:

Ин синонимҳо маънии осоиштагӣ ва оромиро доранд. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ҳамин синонимҳо чунин ифодаи худро доранд: «*snugly- бароҳат-safely-амн-бехатар».* Ҳарчанд андак тобишҳои маъноии иловагӣ доранд, аммо матлаби шоирро пурра ифода мекунанд.

Биёр бода, ки умрест, то ман аз сари **амн**
Ба кунҷи **офият** аз баҳри айш наншастам [119, 284].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Bring wine! In all my life I`ve never known
A corner where

I could sit **snugly**, **safely**, and enjoy
Contentment too [158, 26].

- саҳву хато:

Ин синимҳо маънои ғалат, кори нодурустро мефаҳмонанд. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ҳамин синонимҳо, ки исм ҳастанд, бо феъл тарҷума шудаанд: «**I`ve sinned and strayed**» -(*яъне ман гуноҳ кардам ва роҳгум задам*). Тарҷумон Гертруда Белл синонимҳои «**саҳву хато**»-ро бо феълҳои таркибӣ тарҷума мекунад: « *miss the road and err*» -роҳро гум кардан ва роҳгум задан.

Саҳву хатои банда гараш ҳаст эътибор,
Маънии авфу раҳмати омурзгор чист [119, 90].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And if **I`ve sinned and strayed,** and there`s
A reckoning when I die,
What is it the Creator`s clemency
And mercy signify? [158, 39].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

Although His thrall shall miss the road and err,
Tis but to reach him wisdom through distress,
Else Pardon and Compassionate Mercy were
But empty syllables and meaningless [160, 109].

- ҷавру ҷафо:

Ин синонимҳо маънои ситам, зулм, бадиро доранд.

Дик Дэвис ин синонимҳоро бо ибораи «**this harsh world`s subjugation**» - *итоати сахти ин дунё* тарҷума мекунад.

Ҳотиф он рӯз ба ман муждаи ин давлат дод,
Ки бар он **ҷавру ҷафо** сабру суботам доданд [119, 179].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

That day a heavenly voice brought me good news;
The strength to bear this harsh world`s subjugation
Was given to me [158, 44].

- шакку райб:

Ин синонимҳо маънии гумонро доранд: Дик Дэвис ин синонимро бо феълҳои «**hesitate** –шубҳа кардан ва **hold back**-худдорӣ кардан» тарҷума кардааст, ки маънии синонимҳои аслро медиҳанд.

Калиди ганҷи саодат қабули аҳли дил аст,
Мабод он ки дар ин нукта **шакку райб** кунад [119, 184].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

When friends meet heart to heart, this is the key
To happiness`s treasure;
May no one **hesitate** at such a time
Or **hold back** then, reluctantly [158, 50].

- шоҳону хусравон:

Ин синонимҳои услубӣ буда, маънии подшоҳ, сарварро доранд. Дик Дэвис дар тарҷумаи ин синонимҳо муваффақ гашта, чунин тарҷума намудааст: «kings-шоҳон ва monarchs-подшоҳ (шоҳигарии авлодӣ)»

Мабин ҳақир гадоёни ишқро, к-ин қавм
Шаҳони бекамару **хусравон**и бекулаҳанд [119, 195].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

But don`t despise the beggars lost
In hopeless love, don`t put them down-
They`re **kings**, though this one has no scepter,
Monarchs, though that one has no crown [158, 72].

- чангу чағона:

Ин синонимҳо ифодакунандаи шодиву тараб ҳастанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**чанг»** чунин тафсир дорад: «1) номи асбоби камоншакли мусиқӣ, ки дорои тор аст, ба монанди уд, чағона ва ғ...» [146, 529]. «Чағона – асбоби мусиқӣ, ки аз як чӯби дар сараш зангӯлачаҳо овехта иборат буд ва онро ҳаракат дода, лҳанг нигоҳ медоштанд; умуман сози мусиқиест, ки дорои се тор ва бештар аз он...» [146, 521].

Дик Дэвис «**чангу чағона**»-ро *bells-зангула ва harp-арфа* тарҷума намудааст, ки дуруст нест, чунки асбобҳои миллӣ тарҷума намешаванд. Дар ин сурат тарҷумон асбобҳои миллии хоси халқи худро тарҷума кардааст.

Ба вақти сархушӣ аз оҳу нолаи ушшоқ,
Ба савту нағмаи **чангу чағона** ёд ored [119, 223].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And in your joy, when tinkling **bells**
And **harps** are there,
Include within your songs the sound
Of love`s despair… remember this [158, 90].

- хурраму хандон:

Ин синонимҳо маънии шодиву тарабро доранд. Ин синонимҳо ба гурӯҳи синонимҳои семантикӣ дохил мешаванд. Артур Ҷон Арберри ин синонимҳоро дуруст тарҷума кардааст: «*a smile-табассум ва good cheer-табъи болида».*

Дидамаш **хурраму хандон**, қадаҳи бода ба даст
В-андар он ойина сад гуна тамошо мекард [119, 149].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

I saw him standing in his place,
A goblet in his grasp, **a smile**
Of right **good cheer** upon his face,

As in the glass he gazed awhile
And seemed to view in vision clear
A hundred truths reflected there [153, 98].

- зоҳид-обид:

Ин синонимҳо синонимҳои услубӣ ҳастанд ва маънои ибодаткунанда, парҳезкорро доранд.

Артур Ҷон Арберри ин синонимҳоро чунин тарҷума кардааст: «*ascetic-зоҳид ва monk-монах-рӯҳонии насрониён»,* ки дуюмӣ аз нигоҳи мо нодуруст менамояд, чунки «**обид**» *рӯҳонии насрониёнро намефаҳмонад.*

Аз дасти **зоҳид** кардем тавба
В-аз феъли **обид** астағфируллоҳ [119, 365].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

Let th` **ascetic**`s life be dim,
I will nothing have of him;
If the **monk** will pious be,
God forgive his piety [153, 124].

3.1.2. Омонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо

Омонимҳо вожаҳое мебошанд, ки навишт ва талаффузи ягона дошта, маъниҳои гуногун доранд. Дар китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик омоним чунин тафсир дорад: «Омоним калимаест, ки аз ҷиҳати талаффузи худ ба калимаи дигар монанд буда, аз ҷиҳати маъно аз вай ба куллӣ фарқ мекунад» [46, 24с].

- ғариб ва ғариб:

Ғариби мисраи аввал ба маънои аҷиб, бадеъ, ғалатӣ, шигифтовар омада, ғариби мисраи дувум маънои мусофир, дурафтода аз Ватан, ҷудо аз ёру диёр корбаст шудааст. Дар тарҷумаҳои тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон ва Дик Дэвис ин омонимҳо чунин тарҷума кардаанд: «*stranger-ғариб*, *аҷиб ва strangers- муҳоҷир, аз Ватани дигар омада*». Зикр бояд кард,

ки омонимҳои асл бо тарҷумаи тарҷумонони фавқуззикр комилан мувофиқат мекунад, ки ин аҳёнан вомехӯранд.

Гар омадам ба кӯйи ту, чандон **ғариб** нест,
Чун ман дар ин диёр ҳазорон **ғариб** ҳаст [119, 89].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

If should find myself in your neighborhood one day,
There‘s nothing **strange** in that, because thousands
Of **strangers** constantly mill about in this town [164, 11].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And it`s not **strange** that I should choose
Your street in which to wait-
Thousands of **strangers i**n this world
Are in the selfsame state [158, 12].

- хишт-сару хишт:

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» ҳамин вожаҳо ва умуман байт чунин тафсир дорад: «хишт ба маънои оҷари хом аст. Маҳсули байт: Сари таслими ман хишти дари майхонаҳоро болиши худ кардааст, яъне дар майкадаҳо иқоматгоҳи мо шуда ва мо аз он ҷо ҷудо намешавем. Агар муддаӣ маънои ин суханро фаҳм накунад, бигӯяш саратро бизан ба хишт» [169, 502].

Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон ва Гертруда Белл ин вожаро «**brick**-*хишт»* тарҷума мекунанд, ки бо асл мувофиқат мекунад.

Сари таслими ману **хишти** дари майкадаҳо,
Муддаӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: «**Сару хишт**!» [119, 101].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

In my submission, I lower my head to **the bricks**
At the tavern door. If my critic can‘t understand this,
His head must have something in common with **brick** [164, 33].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

All you that misconstrue my words` intent,
I lie on the **bricks** of the tavern floor,
And a **brick** shall serve me for argument [160, 116].

- биҳишт ва биҳишт:

Ин омонимҳо яке исм ва дигаре феъл аст. Омоними якум **ҷаннат** ва омоними дуюм **аз даст додан** тафсир мешавад. Р. Блай ва Л. Левисон ин омонимҳоро ба таври зерин тарҷума кардаанд: «*holly cell - макони муқаддас ва slip - ғеҷидан аз даст».*

Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин омонимҳо чунинанд: «*Piety front door- пеши дари парҳезкорӣ* ва let chance - имконро аз даст додан».

Гертруда Белл **биҳишт**ро «**the house of devotion -** хонаи садоқат, хонае, ки сахт одаткардаӣ» ва **биҳишт**ро чун Р. Блай ва Л. Левисон «*slip - лағжидан аз даст*» тарҷума кардааст.

Аз ҳар се тарҷума ба андешаи мо тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон ба асл наздиктар мебошад.

На ман аз пардаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ **биҳишт**и абад аз даст **биҳишт** [119, 101].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

I‘m not the only one who has fallen away
From **the holy cell**; my father Adam himself
Let the eternal heaven **slip** out of his hands [164, 33].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Дик Дэвис:

It‘s not just me who‘s wandered out
Of **l**onely **Piety‘s front door**;
My father **let his chance** of heaven‘s grace
Elude him; I‘m the same [158, 35].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

If without **the house of devotion** I stand,
I am not the first to throw wide the door;
My father opened it long before,
The eternal Paradise slipped from his hand [160, 116].

- гарон ва гарон:

Гарон яке бар маънии қимат ва дигаре ба маънии вазнин аст. Р.Блай ва Л.Левисон ин омонимҳоро ба таври зайл тарҷума кардаанд: «*heavy-вазнин ва a heavy glass of wine-пиёлаи вазнини шароб*».

Гертруда Белл ҳамин омонимро «*treasure-ҷавоҳирот, чизи қиматбаҳо ва a brimming cup of wine-қадаҳи лаболаби май*» тарҷума кардааст.

Ману ҳамсуҳбатии аҳли риё? Дурам бод!
Аз **гарон**они ҷаҳон ратли **гарон** моро бас [119, 247].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

I want to be far away from people whose words
And deeds don‘t match. Among the morose and **heavy**-
Hearted, **a heavy glass of wine** for us is enough [164, 31].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

I am no lover of hypocricy;
Of all **the treasures** that the earth can boast,
A brimming cup of wine I prize the most-
This is enough for me [160, 102].

- шаҳри ёрон ва шаҳриёрон:

Шаҳри ёрон бар маънии маконе, ки ёру дуст зиндагонӣ кунанд ва шаҳриёрон шоҳон дар назар аст. Дик Дэвис танҳо вожаи «**шаҳри ёрон**»-ро тарҷума кардааст: *a town of lovers.*

Гертруда Белл бошад, ҳардуро тарҷума кардааст, аммо дар вожаи дуюм иштибоҳ аст: «*Lovers - ёрон ва the city of kings - шаҳри шоҳон»,* ки ғалат дар вожаи дуюм аст. Чунки шаҳриёрон бар маънии подшоҳон аст.

Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон он диёр,
Меҳрубонӣ кай саромад, **шаҳриёрон**ро чӣ шуд [119, 170].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

This was **a town of lovers** once,
Of kindness and benevolence,
And when did kindness end? What brought
The sweetness of our town to naught? [158, 6-7].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

A city where kings are but **lovers** crowned,
A land from the dust of which friendship springs-
Who has laid waste that enchanted ground?
What has befallen **the city of kings** [160, 149].

- хароб шудан-харобобод:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **«хароб»** чунин маънидод мешавад: «1. вайрон, вайрона, валангор…», «харобобод - 1. ҷое, ки ободониаш аз харобазорҳо иборат аст 2. киноя аз ин дунё» [146, 427].

Дар тарҷумаи тарҷумон Дик Дэвис ин омонимҳо куллан мувофиқат мекунад: «*ruin-хароб шудан, вайрон шудан ва ruins-харобаҳо*». Р. Блай ва Л. Левисон «**харобобод**»-ро *a tavern of ruin* –майкадаи вайрона тарҷума мекунад.

Биё, биё, ки замоне зи май **хароб** шавем,
Магар равем ба ганҷе дар ин **харобобод** [119, 127].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Come, quickly, come, this wine **will ruin** us one day,
Unless these **ruins** hold a treasure –who can say? [158, 32].

Шустушӯе куну он гаҳ ба харобот хиром,
То нагардад зи ту ин **дайри хароб** олуда [119, 369].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

«Our place is **a tavern of ruin**, so
Wash in clear water, so that you
Will not leave stains on this holy house » [164, 5].

- ғайбат-ғайбат:

Ғайбати аввал бар маънии сухан аз пушти касе гуфтан ва ғайбати дуюм бар маънии ҳозир набудан, ҳузур надоштан аст. Артур Ҷон Арберри аз ҳарду як маънӣ бардошта, чунин тарҷума мекунад: «*Hide - пинҳон шудан*».

Аз дасти **ғайбат**и ту шикоят намекунам,
То нест **ғайбат**е, набувад лаззати ҳузур [119, 236].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

I do not rail against my face
When thou dost **hide** thy face from me;
Joy wells not of propinquity
Save in the heart once desolate [153, 109].

3.1.3. Антонимҳо ва тарзи тарҷумаи онҳо

Калимаҳое, ки маънои хилофи ҳамдигарро ифода мекунанд, антоним ном доранд. Антонимҳо воситаҳои хеле маъмули луғавию услубӣ ба шумор мераванд. Таркибҳои антонимӣ ба сифати воситаи услубӣ дар адабиёти бадеӣ ва нутқи публисистӣ фаровон истифода мешаванд.

Таркибҳои антонимӣ ҳангоми истифодаи паиҳам бештар бо пайвандаки –у (-ю) ё ва ба ҳам пайванд мешаванд. [42, 16-17]. Антонимҳоро ба тарзи дигар тазод ё мутазод гӯянд, аммо вожаи антоним чун истилоҳ бештар истифода мешавад.

Дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ин гуна таркибҳои антонимӣ зиёданд:

- хилъати шайб-ташрифи шабоб:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**ташриф додан**» чунин маънидод мешавад: *«ташриф додан ҷома пӯшонидан, ҷома бахшидан»* [146, 331]. Хилъати шайб ба маънои либоси ҷавонист.

Мутарҷимон Р. Блай ва Л. Левисон ин антонимҳоро чунин тарҷума кардаанд: «the robe of honorable age - ҷомаи пирӣ ва the robe rashness of youth - ҷомаи шитобкории ҷавонӣ».

Мо меандешем, ки ин антонимҳо дуруст тарҷума шудаанд.

Ба таҳорат гузарон манзили пирию макун
Хилъати шайб чу **ташрифи шабоб** олуда [119, 370].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The way station of old age is one to pass
Cleanly; don‘t let **the robe of honorable age**
Be stained as it was by **the rashness of youth** [164, 5].

- вақти шабоб-замони шайб:

Даврони ҷавонӣ ва пирӣ. Дик Дэвис ин антонимҳоро бисёр бомаҳорат тарҷума кардааст: «*youth - ҷавонӣ ва white-haired senility - пири сарсафед».*

Зи дида хун бичаконад фасонаи Ҳофиз,
Чу ёди **вақти шабоб**у **замони шайб** кунад [119, 184].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The stories Hafez tells provoke our tears,
That fall, blood-red, since he
Recalls the time that lies between our **youth**
And our **white-haired senility** [158, 51].

- хамри биҳишт, бодаи маст:

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» ин байт чунин тафсир дорад: «Он чи, ки он шаб ҷонон ба паймонаи мо рехт, мо нӯшидем: чи шароби ҷаннат ва чи бодаи қаттол, яъне чи мубоҳ ва чи ғайри мубоҳ...» [169, 203].

Р. Блай ва Л. Левисон ҳамин антонимҳоро «*the wine of heaven - шароби осмонӣ ва the wine of drunkenness* - шароби масткунанда» тарҷума кардааст.

Дик Дэвис бошад, «*wine from earth - шароби заминӣ ва wine from heaven*» тарҷума кардааст.

Ҳарсе тарҷумон ҳам ба ҳадафи шоир наздиканд.

Он чи ӯ рехт ба паймонаи мо, нӯшидем,
Агар аз **хамри биҳишт** аст в-агар **бодаи маст** [119, 76].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Whatever God had poured into our goblet
We drank, whether it was **the wine**
Of heaven or **the wine of drunkenness** [164, 8].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Дик Дэвис:

This nature when the world began, and we must drink
The **wine** that`s poured for us, whether **from earth or heaven** [158, 75].

- хонақоҳу харобот:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**хонақоҳ**» чунин маънидод мешавад: «1. Нишемангоҳи шайх ва эшонон, ки дар он ҷо иқомат ва ибодат мекарданд. 2. ҳуҷрае дар паҳлӯи масҷидҳо» [146, 448]. Харобот бар маънии майкада аст.

Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон вожаи «**хонақоҳ**»-ро *the Sufi gathering house* (хонае, ки сӯфиён ҷамъ шаванд) *ва* «**харобот**»-ро *the tavern door* (дари майкада) тарҷума мекунад, ки дуруст аст.

Дар ишқ **хонақоҳу харобот** фарқ нест,
Ҳар ҷо, ки ҳаст, партави рӯйи ҳабиб ҳаст [119, 89].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

In this matter of love, let‘s not put **the Sufi gathering house**
In this spot and **the tavern door** in another; in every spot of the universe
Light shines out from the face of the Friend [164, 11].

- ҳасту нест:

Ин антонимҳо маънии вуҷуд доштан ва адами чизе аст. Дик Дэвис ҳамин антонимҳоро «*being-будан ва non-being-набудан*» тарҷума кардааст.

Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон бошанд, ин антонимҳоро чунин тарҷума кардаанд «*have or have not - доштан ё надоштан*».

Ба андешаи мо тарҷумаи дуюмӣ саҳеҳтар аст.

Ба **ҳасту нест** маранҷон замиру хуш мебош,
Ки нестист саранҷоми ҳар камол, ки ҳаст [119, 74].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Rejoice, don`t fret at **Being and Non-Being;** say
That all perfection will be nothingness one day [158, 80].

Тарҷумаи Р.Блай ва Л. Левисон:

Don`t allow your inward being to be hurt by what
You **have or have not**. Be glad, because every
Perfect thing is on its way to nonexistence [164, 59].

- оқилу девона:

Оқил шахси донишмандро гӯянд ва девона касе, ки аз ақл берун бошад. Ҳамин антонимҳо дар тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон чунин ифода ёфтаанд: «*lunatic-девона ва reasonable- оқил*».

Дар хирмани сад зоҳиди **оқил** занад оташ,
Ин доғ, ки мо бар дили **девона** ниҳодем [119, 329].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The hot brand which we have pressed onto
Our **lunatic** hearts is so intense it would set fire
To the straw piles of a hundred **reasonable** ascetics [164, 15].

- ҷидду ҷаҳд:

Ин антонимҳо маънии кӯшиш, ҳаракатро доранд. Дик Дэвис ҳамин антонимҳоро бисёр бомаҳорат тарҷума мекунад: «*strive - кӯшиш кардан-strain - бо фишор кор кардан - sruggle - мубориза бурдан*».

Қавме ба **ҷидду ҷаҳд** ниҳоданд васли дӯст,
Қавме дигар ҳавола ба тақдир мекунанд [119, 194].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Some **strive and strain and struggle** to be with
The longed-for friend,
And others are content to let Fate send
What it will send [158, 57].

- зоҳир ва ботин:

Намуди берунӣ ва вуҷуди дохилӣ. Ин аз камтарин мутобиқатҳои антонимист, ки дар забони англисӣ мувофиқ гаштааст. Дик Дэвис ин антонимҳоро чунин тарҷума кардааст: «*outward - зоҳир ва inward - ботин».*

Ҷамоли сурату маънӣ зи амни сиҳҳати туст,
Ки **зоҳир**ат дижаму **ботин**ат нажанд мабод! [119, 121].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Outward and inward beauty spring
From your perfections! May
Your form be faultless, and your soul
Stay free from miseries [158, 62].

- аҳбоб ва аъдо:

Аҳбоб вожаи арабист ва ҷамъи ҳабибонро гӯянд, ки маънии дӯси аст. Ва аъдо ҳам вожаи арабист, ки тарҷумааш душман мебошад.

Дар тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон ин антонимҳо бисёр бо маҳорати хос тарҷума шудаанд. Тарҷумонон аз мисраи аввал маънӣ бардошта, аъдоро- муддаӣ дарк мекунанд, ки ин дуруст аст. Барои ҳамин дар тарҷумаи онҳо «*аҳбоб - lovers with true harts* (ёрон бо қалбҳои содиқ) *ва аъдо – false face - ниқоб ё ниқобпӯш*» тарҷума шудааст.

Эй муддаӣ, бирав, ки маро бо ту кор нест,
Аҳбоб ҳозиранд, ба **аъдо** чӣ ҳоҷат аст? [119, 64].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Go away, you **false face**, I want nothing
To do with you. **Lovers with true hearts**
Are with us. Why should we need people like you? [164, 38].

- хосу ом:

Хос бар маънии азиз, ягона ва ом бар маънии умум аст. Р. Блай ва Л. Левисон ин антонимҳоро чунин тарҷума кардаанд: «*The Gnostics - пайрави мазҳаби насронӣ ё касе, ки ягон доништҳоро аз худ кардааст ва тибқи он зиндагӣ ва the people walking along the street - одамоне, ки дар кӯчаҳо гарданд маҷ.ом».*

Ғайрати ишқ забони ҳама **хосон** бибурид,
К-аз куҷо сирри ғамаш дар даҳани **ом** афтод? [119, 124].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The jealousy of love has severed the tongues of all
The Gnostics. How could it be that the mystery of His grief
Has settled down to **the people walking along the street?** [164, 57].

- посбону султон, ҳушёру маст:

Р. Блай ва Л. Левисон ин антонимҳоро чунин тарҷума кардааст: «*Prince - шоҳзода, cop - полис, the sober man - ҳушёр ва the drunk - маст».*

Биёр бода, ки дар боргоҳи истиғно,
Чи **посбон**у чи **султон**, чи **ҳушёр**у чи **маст** [119, 74].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Offer us wine, because in the court of God‘s
Magnificence, what difference is there between the **Prince**
And a **cop**, between **the sober man** and **the drunk**? [164, 59].

- нася-нақд:

Тарҷумонон Р. Блай ва Л. Левисон танҳо вожаи «**нақд**»-ро тарҷума мекунанд: «*the cash - нақд*». Вожаи «**нася**» бо маънии умумии байт омехта шудааст. Гертруда Белл бошад, ҳарду антонимҳоро тарҷума кардааст: «*credit - нася ва cash - нақд*».

Чаман ҳикояти урдубиҳишт мегӯяд,
На оқил аст, ки **нася** хариду **нақд** биҳишт [119, 102].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Paradise is here in the simple tale that the May
Meadow tells; the wise person lets the future
And its profits go, and accepts **the cash** now [164, 65].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

A tale of April the meadows unfold-
Ah, foolish for future **credit** to slave,
And to leave **the cash** of the present untold! [160, 103].

- ҳузур ва ғоиб:

Ҳозир будан ва ҳузур надоштан. Дик Дэвис вожаи «**ғоиб**»-ро *hide-пинҳон шудан* тарҷума мекунад, аммо вожаи «**ҳузур**»-ро бо маънии дигар, яъне seek - ҷустуҷӯ тарҷума мекунад.

Ҳамин вожа айнан дар Гертруда Белл seeking омадааст. А.Ҷ. Арберри бошад, вожаи комилтари «**ғоиб**»-ро дарёфтааст: «absent».

Ҳузуре гар ҳамехоҳӣ, аз ӯ **ғоиб** машав, Ҳофиз,
Мато мо тақа ман таҳвӣ даъиддунё ва аҳмилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Don`t **hide** from Him your **seek**, Hafez;
You cannot hope to find
The One you`re longing for until
You leave the world behind [158, 11].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

Oh Hafiz, **seeking** an end to strife,
Hold fast in thy mind what the wise have writ:
«if at last thou attain the desire of thy life,
Cast the world aside, yea, abandon it!» [160, 96].

Тарҷумаи Артур Ҷон Арберри:

Hafiz, if thou wouldst win her grace,
Be never **absent** from thy place;
When thou dost see the well-loved face,
Be lost at last to time and space [153, 84].

- ҳақиқат ва маҷоз; ҳақиқат ва афсона:

Вобаста ба маънии контекст Дик Дэвис ҳамин антонимҳоро бо ду тарз дар ду байти алоҳида тарҷума кардааст: «*real - ҳақиқат, metaphor - маҷоз, Truth - ҳакиқат, tales - афсона»*

Хумҳо ҳама дар ҷӯшу хурӯшанд зи мастӣ
В-он май, ки дар он ҷост, **ҳақиқат**, на **маҷоз** аст [119, 70].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The jars are groaning with fermented wine,
With wine that`s **real,** and not a **metaphor** [158, 15].

Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,
Чун надиданд **ҳақиқат**, раҳи **афсона** заданд [119, 180].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Forgive the seventy-two
Competing factions –all their **tales**
Mean that the **Truth** is what
They haven`t seen, and can`t define! [158, 40].

- султон ва ғулом, подшоҳу гадо:

Вобаста ба маъниҳои байтҳои алоҳида тарҷумон Дик Дэвис антонимҳои **султон ва ғулом, подшоҳу гадо**ро чунин тарҷума кардааст: «the world`s great king - султони ҷаҳон, slave - ғулом, king - подшоҳ, beggar - гадо».

Гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком аст,
Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз **ғулом** аст [119, 73].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Wine in my glass, and roses in my arms,
my lover near me-
on such a day **the world`s great king** would be
my **slave** and fear me [158, 16].

Зи **подшоҳу гадо фориғам**, биҳамдиллаҳ,
Гадои хоки дари дӯст **подшоҳ**и ман аст [119, 80].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Thank God I care for neither **king**
Nor **beggar**! Since I see
The **poorest beggar** at my friend`s
door is a **king** to me [158, 24].

- асир ва озод:

Дик Дэвис дар тарҷумаҳои антонимҳои асир ва озод муваффақ гаштааст: «*the captive-асир, free-озод*».

Гадои кӯйи ту аз ҳашт хулд мустағнист,
Асири ишқи ту аз ҳар ду олам **озод** аст [119, 65].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The beggar in your street disdains eight heavens
For what he`s given;
The captive in your chains is **free** of this world
And of heaven; [158, 18].

- ҳушёр-маст:

Дик Дэвис дар тарҷумаи антонимҳои «**ҳушёр ва маст**» ба мушкилӣ дучор нашудааст. Ва онҳоро чунин тарҷума кардааст: «sensible - оқил, соҳибандеша, ҳуш дар сар, drunk - маст, stone-cold sober - ҳушёр».

Агар зи мардуми **ҳушёр**ӣ, эй насиҳатгӯй,
Сухан ба хок маяфкан, чаро ки ман **маст**ам [119, 284].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And, if you`re **sensible**, don`t ply with me
Advice; your words
Are wasted on me, and the reason is
I`m **drunk;** it`s true! [158, 26].

Ҳама кас толиби ёранд, чи **ҳушёр**у чи **маст,**
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Everyone searches for Friend,
Whether they`re **drunk** or **stone-cold sober;**
And love`s in every house-the mosque
And synagogue are just the same [158, 34].

- нек-бад:

Антонимҳои нек ва бад антонимҳои серистеъмол дар ҳамаи забонҳост. Барои ҳамин ин антонимҳо мувофиқати худро дар тарҷума ёфтаанд: «*good-хуб ва bad-бад*».

Ман агар **нек**аму гар **бад**, ту бирав, худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Each one of us will reap the seeds
He sows, so what is it to you
Whether I`m **good or bad?** To work on who
You are should be your aim [158, 34].

- дарахти дӯстӣ-ниҳоли душманӣ:

Дар тарҷумаи таркибҳои антонимӣ Дик Дэвис аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ истифода бурдааст: «*friendship`s tree- дарахти дӯстӣ, uproot enmity – душманӣ баркан».* А.Ҷ. Арберри чунин тарҷума мекунад: «*enemies-душманон ва loved one-дӯст».*

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад [119, 128].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Plant **friendship`s tree**-the heart`s desire
Is the fruit it bears;
And **uproot enmity** – which brings
Sorrows and cares [158, 46].

Домани **дӯст** ба даст ору зи **душман** бигусил,
Марди Яздон шаву эмин гузар аз аҳриманон [119, 342].

Тарҷумаи А.Ҷ.Арберри:

«Leave **enemies** to go their road;
Lay hold upon the **Loved One`s** hem;
As thou wouldst be a man of God,
Such men are devils: heed not them» [153, 121].

- суду зиён:

Суд бар маънии фоида ва зиён бар маънии зарар. Ҳам Дик Дэвис ва ҳам Гертруда Белл ин антонимҳоро як хел тарҷума кардаанд: *«Loss - зиён, гум кардан, gain - суд, фоида»*.

Нақди бозори ҷаҳон бингару озори ҷаҳон,
Гар шуморо на бас ин **суду зиён** моро бас [119, 247].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

See how the world`s bazaar pays cash,
See the world`s pain-

And if you`re not content with this
World`s **loss and gai** they`re quite enough for me [158, 96].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

Look upon all the gold in the world`s mart,
On all the tears the world hath shed in vain;
Shall they not satisfy thy craving heart?
I have enough of **loss,** enough of **gain** [160, 102].

- дӯзахӣ-биҳиштӣ:

Вожаҳои мансуб ба инсон, ки ҳини реҳлати ин дунё ё ба дузах равад ё биҳишт. Дик Дэвис ҳамин антонимҳоро бисёр дуруст корбаст мекунанд: «*In heaven-дар ҷаннат, in hell-дар дӯзах».*

Чи **дӯзахӣ,** чи **биҳиштӣ,** чи одами, чи парӣ,
Ба мазҳаби ҳама куфри тариқат аст имсок [119, 273].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

In heaven or in hell,
For angels or for men,
In every faith –to hold back
Counts as a mortal sin [158, 108].

- шукру шикоят:

Дар тарҷумаи ин антонимҳо низ Дик Дэвис муваффақ гаштааст: «*thanks - шукрона, complain - шикоят, арз*».

Чӣ ҷойи **шукру шикоят** зи нақши неку бад аст,
Чу бар саҳифаи ҳастӣ рақам нахоҳад монд [119, 177].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

When good or bad come, why give **thanks,**
and why **complain?**
Since what is written won`t remain
Or stay like this [119, 112].

- сӯзу соз:

Антонимҳои «**сӯзу соз**»-ро Дик Дэвис бо ҷумла тарҷума мекунад: «*escaping the burning desire-аз хоҳиши сӯзанда гурехтан*». Дар ин маврид тарҷумон аз асл инҳироф накардааст, балки маънии дигарро истифода бурдааст.

Дар ошиқӣ гузир набошад зи **сӯзу соз,**
Истодаам чу шамъ, матарсон зи оташам [119, 305].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

In love there`s **no escaping**
The burning of desire;
I stand here like a candle-
Don`t scare me with your fire [158, 122].

- олами пир-олами ҷавон:

Дар тарҷумаи антонимҳои «**олами пир ва олами ҷавон**» тарҷумонон Дик Дэвис, Гертруда Белл, Р. Блай ва Л. Левисон муваффақ гаштаанд. Ин тарҷумаҳо чунин сурат гирифтаанд. Тарҷумаи Дик Дэвис: «*old world - ҷаҳони куҳна, олами пир*», тарҷумаи Г.Белл «*ancient world - олами қадим, youth - ҷавон»,* тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон: «*old world - ҷаҳони куҳан*, *young - ҷавон*». Ҳамаи тарҷумонон дар тарҷумаи ин антонимҳо иттифоқ гаштаанд.

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,
Олами пир дигарбора **ҷавон** хоҳад шуд [119,166].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The musky morning breeze
Will gently blow again,
Once more the **old world** will
Turn young and grow again [158, 126].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

The breath of Dawn`s musk-strrewing wind shall blow,
The **ancient world** shall **turn to youth** again [160, 135].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Р.Блай ва Л.Левисон:

The breath of the holy musk will drift toward us
On the dawn wind once more; everything will begin to move.
The decrepit **old world** will be **young** once more [164, 19].

- осон намудан-мушкил фитодан:

Антонимҳои таркибии «*осон намудан ва мушкил афтодан*»-ро тарҷумон А.Ҷ. Арберри бисёр моҳирона тарҷума мекунад: «*seemed an easy thing - чизи одӣ намуд, the hard awekining - мушкилиҳо бархостанд, бедор шуданд*».

Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ **осон намуд** аввал, вале **афтод мушкилҳо** [119, 41].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

Ho, saki, haste, the beaker bring,
Fill up, and pass it round the ring;
Love **seemed** at first **an easy thing**-
But ah! **The hard awakening** [153, 83].

- ҳаҷр-васл:

Ҳамин антонимҳоро Артур Ҷон Арберри дар як байт бо ибораҳои зер тарҷума кардааст: «*absence rent - иҷораи ҳиҷрон, union - ваҳдат*». Дар байти дигар бошад, тарҷумаҳо ба таври сурат гирифтаанд: «*nigh - наздик, absent - ҳаҷр, ғоиб, адам, набудан*».

Ҳофиз, шикоят аз ғами ҳиҷрон чӣ мекунӣ,
Дар **ҳаҷр васл** бошаду дар зулмат аст нур [119, 237].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

Why, Hafiz, art thou sorrowing,
Why is thy heart in **absence rent**?
Union of my banishment,
And in the darkness light doth spring [153, 109].

Маро умеди **васл**и ту зинда медорад
В-агарна ҳар дамам аз **ҳачр**и туст бими ҳалок [119, 273].

Тарҷумаи А.Ҷ.Арберри:

This is my hope of life, to hold thee **nigh**
To cherish;
Absent, it is my constant fear that I
Must perish [153, 113].

- заҳр-тарёк:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**тарёк»** чунин маънидод шудааст: «1. Давои зидди заҳр, позаҳр. 2. афюн, чакида, кӯкнор...» [146, 314]. Артур Ҷон Арберри ин антонимҳоро бисёр хуб тарҷума кардааст: «*mortal poison - заҳри қаттол, cure - табобат*».

Агар ту захм занӣ беҳ, ки дигарон марҳам,
В-агар ту **заҳр** диҳӣ беҳ, ки дигарон **тарёк** [119, 274].

Тарҷумаи А.Ҷ. Арберри:

Better than others` balm, thy blade to endure
Doth please me;
Thy **mortal poison**, than another`s **cure**
To ease me [153,113].

- чароғи мурда-шамъи офтоб:

Гертруда Белл ҳамин таркибҳои антонимиро чунин тарҷума мекунад: «*the extinguished lamp - чароғи мурда, sun - Офтоб».*

Зи рӯйи дӯст дили душманон чӣ дарёбад,
Чароғи мурда куҷо**, шамъи офтоб** куҷо? [119, 50].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

His friend`s bright face warms not the enemy
When love is done-
Where is **the extinguished lamp** that made night day,
Where is **the sun**? [160, 110].

3.2. Хусусиятҳои услубии тарҷумаи англисии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ

3.2.1. Истифодаи вожаҳои куҳнашуда дар тарҷума

Яке аз унсурҳои таъсирбахш дар тарҷумаи дилхоҳ асари бадеӣ ва шеър истифодаи вожаҳои поэтикӣ ва архаистӣ мебошад. Ин калима ва ибораҳо ба шеър обуранги алоҳида мебахшанд.

Муҳаққиқи тоҷик К. Усмонов архаизмҳоро таҳлил намуда, чунин тавсиф медиҳад: «Архаизмҳо ба зумраи вожаҳои воломақом дохил мешаванд. Архаизмҳо вожа ё ифодаҳое мебошанд, ки аз истифодаи ҳамарӯза баромадаанд ва ҳангоми аҳён-аҳён истифода шуданашон мафҳумҳои кӯҳнаю аз байн рафтаро номбар мекунанд. Сабаби архаистӣ шудани калима ин аз тарафи муродифаш танг карда баровардани он аст» [114, 19].

Аммо дар бобати забони англисӣ чунин андеша бояд таъкид шавад, ки вожаҳои архаистӣ дар назм то имрӯз мустаъмал аст. Ин як амри воқеъист дар ҳамаи забонҳои олам, чун сухан аз тасвири замони атиқа ё асримиёнагӣ ба миён афтад, табиист ки аз онҳо истеъмол хоҳад шуд.

Забоншиноси британиёӣ Девид Кристал архаизмҳоро чунин шарҳ додааст: «Архаизм хоси ҳолати кӯҳнашудаи забон аст, ки новобаста бо гузашти давраи истеъмолиаш истифода мегардад.ба гурӯҳи элементҳои лексикӣ вожаҳои behold, damsel, ere (before), fain (rather), hither, oft, quoth, smite, unto, wight (person), won (know), yonder, varlet, forsooth, sire, ба гурӯҳи хусусиятҳои грамматикӣ бошад, феъли замони ҳозира бо пасвандҳои (-est,-eth)ва феълҳои нодурусти (wilt, shoudst, etc), шаклҳои ихтисоршудаи (tis, twas, gainst, e‘en (even), ne‘ er, o‘ er), феълҳои замонҳои гузашта (spake, clothed) , ҷонишинҳои thou ва уе шомиланд» [156].

Истифодаи вожаҳои архаистиро зимни тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз ба забони англисӣ баррасӣ менамоем :

Маро дар манзили ҷонон ҷӣ амни айш чун ҳар дам
Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Артур Ҷон Арберри:

Within life’s caravanserai
What brief security have I,
When momently the bell **doth** cry,
«Bind on your loads; the hour is **nigh!**» [153, 83].

Дар тарҷумаи мазкур калимаи куҳнашудаи doth истифода шудааст. **Doth -** шакли куҳнашудаи феъли замони ҳозираи шахси сеюм аст. Дар мисраи боло **doth cry** феъли **doth** феъли ёрирасон буда, вазифаи таъкидро иҷро мекунад.

Вожаи **nigh** вожаи куҳнашуда буда, ба маънои **наздик, қариб** аст. Ҳамзамон ин вожаҳоро вожаҳои поэтикӣ метавон номид, чунки дар назм ва насри адабӣ истифодаи чунин вожаҳо моҳияти офаридаҳои шоир ва нависандаро беҳтар баён мекунанд.

Дар худи байти боло вожаҳои **қариб, наздик** нест, аммо аз мазмуни умумии байт пай бурдан мумкин аст, ки вақти **сафар қариб** ва **таъхир** набояд кард.

Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Артур Ҷон Арберри:

Let wine upon the prayer-mat flow,
And if the taverner bids so;
Whose **wont** is on this road to go
Its ways and manners well **doth know** [153, 83].

Вожаи **wont** – калимаи кӯҳнашуда буда, маънои **одатан**, **чун анъана**, **аз рӯйи одат** тарҷума мешавад. Истифодаи ин вожа низ дар каломи бадеъ дида мешавад.

Doth - феъли замони ҳозираи do бо пасванди th-иҷро кардан. Шакли архаистии феъли **do-doth** дар забони назм бештар истифода мешавад, чунки он ҳамзамон ҷонишини поэтикист. Дар байти тарҷумашудаи боло феъли

таркибии «**doth know**» як навъ таъкид аст ва маънои **дақиқан медонад**, **бешубҳа огоҳ аст**, мебошад.

Ҳама корам зи худкомӣ ба бадномӣ кашид охир,
Ниҳон кай монад он розе, к-аз ӯ созанд маҳфилҳо [119, 41].

Тарҷумаи Артур Ҷон Арберри:

Mark now the mad career of me,
From willfulness to infamy;
Yet how conceal that mystery
Whereof men make festivity? [153, 83].

Whereof – conj. (old use) of what or which [163,1756]. Whereof- калимаи куҳнашуда, ки маънои пешояндҳои чи, кадом, дар бораи (вобаста ба контекст) тарҷума мешавад.

Ҷилва бар ман мафурӯш, эй малакулҳоҷ, ки ту
Хона мебиниву ман хонахудо мебинам [119, 66].

Тарҷумаи Артур Ҷон Арберри:

Boast not, O king of pilgrims,
The privilege of thee:
Thou viewest God‘s own Temple;
God shews Himself to me [153, 117].

Thou-pron. (old use or dialect) a word meaning ‘you‘, used when talking to only one person who is the subject of the verb [163, 1611]. **Thou –** ту, Шумо, шакли куҳнашуда ва ё поэтикист, ки ҳоло ба ҷои он ҷонишини you истифода мешавад.

Thou viewest – you see. Ин ду вожа яке ҷонишини **thou** ва дигаре феъли замони ҳозира view бо охирчаспаки –**est,** ки дар вожаи дуюм асоси феъл калимаи куҳнашуда набуда, балки охирчаспаки –**est**, ки ба шахси дуюми танҳо муроҷиат карда шудааст, онро архаистӣ месозад.

Вожаи дигари аз истифодаи имрӯз берун калимаи **shew** аст, ки шакли қадимаи талаффузи феъли **to show-** нишон додан аст, мебошад.

Хоҳам аз зулфи бутон нофакушоӣ кардан,
Фикри дур аст, ҳамоно ки Хито мебинам [119, 66].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Combed from the fair one‘s tresses
I win sweet musk to-day,
But ah! The distant fancy
That I should gain Cathay [153, 117].

Вожаи **Cathay** шакли қадимаи талаффузии давлати Чин аст. Дар Аврупои асримиёнагӣ Хитойро бо ҳамин вожа «**Cathay**» ном мегирифтанд. Имрӯзҳо ин вожа бо калимаи China иваз шудааст. Дар бобати асли ҳамин байт гуфтанием, ки дар баъзе девонҳо дар мисраи дуюм вожаи «хато» омадааст, яъне «Фикри дур аст, ҳамоно ки хато мебинам» [163, 317]. Ба андешаи мо вожаи **Хито** дуруст аст, чунки дар ин сурат таносуби маънӣ риоят мешавад ва дигар ин ки мушку анбари **Хутан**, ки порае аз **Чин**и имрӯзист, дар адабиёти тоҷику форс шуҳрат дорад.

Бар ҷаҳон такя макун в-ар қадаҳе май дорӣ,
Шодии зуҳраҷабинон хӯру нозукбаданон [119, 342].

Тарҷумаи Артур Арберри:

«Put not thy trust in this world‘s vows;»
But if thou canst a goblet get,
Enjoy the arched and lovely brows,
The bodies soft and delicate!» [153, 121].

Ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳои **thou** ва ҷонишини соҳибии **thy,** мутаносибан **thou-**ту, Шумо ва **thy** *аз они ту*, *аз они Шумо* тарҷума мешавад, ки ҷонишинҳои архаистӣ ё поэтикӣ мебошанд. Феъли **canst (**метавонӣ**)** низ вожаи архаистӣ буда, феъли замони ҳозираи шахси дуюми

шумораи танҳост. Дар забони англисии имрӯза ин феъли модалӣ бидуни пасванди –**st** истифода мешавад.

Вожаи **goblet** низ аз калимаҳои куҳнашуда буда, маънояш ҷомест, ки поя ва сарпӯш дорад.

Ба фарёди хумори муфлисон рас,
Худоро, гар майи дӯшина дорӣ [119, 385].

Тарҷумаи Артур Арберри:

Pour me the wine of yesternight again
To ease the throbbing of a bankrupt‘s brain [153, 126].

Yesternight вожаи архаистӣ буда, *дишаб* тарҷума мешавад ва *имрӯз* дар шакли **last night** истифода мешавад.

Бас ғарқаи ҳоли васл, к-охир
Ҳам бар сари ҳоли ҳайрат омад [119, 172].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

My consciousness is now so drowned within
Our weeting that it‘s like a whelming sea of wonder [158, 53].

Whelm - лаболаб, ғарқа, пуропур.

Ҳофиз, суруди маҷлиси мо зикри хайри туст,
Биштоб, ҳон ки асбу қабо мефиристамат [119, 110].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

«Hafiz, thy praise alone my comrades sing;»
Hasten to us, thou that **art** sorrowing!
A robe of honour and a harnessed **steed**
I send to thee» [160, 98].

Art – шакли куҳнашудаи феъли замони ҳозира. Дар забони англисии имрӯза шакли **are-**ро дорад.

Steed- a horse to ride on [163, 1514]. Шакли адабӣ ва ё ҳаҷвии асп. Дар ҳолати мо шакли пештар дар истифодабудаи калимаи имрӯзаи **Horse** аст.

Номи Ҳофиз рақами нек пазируфт, вале
Пеши риндон рақами суду зиён ин ҳама нест [119, 98].

Тарҷумаи Гертруда Бел:

Thou, Hafiz, art praised for the songs thou **hast wrought,**
But bearing a stained or an honoured name,
The lovers of wine shall make light of thy fame-
All things are nought! [160, 115].

Wrought –is an old form of the past tense of work [163, 1787]. Thy-ҷонишини архаистӣ, ки имрӯзҳо дар шакли **your** истифода мешавад.

Зимни баррасии тарҷумаҳои абёти Ҳофиз ба назар расид, ки вожаҳои архаистӣ хеле мустаъмаланд. Хосатан ҷонишинҳои архаистишудаи thou, thy, thine, феълҳои замони ҳозира бо охирчаспаки –**st.** Аммо ҷойи зикр аст, бигӯем, ки ин мушоҳидаҳо бештар дар тарҷумаҳои тарҷумонони асрҳои пешин А.Ҷ. Арберри ва Гертруда Белл ба назар расид. Дар тарҷумаҳои Дик Дэвис ва Л. Левисон ва Роберт Блай ин гуна вожаҳо вонахӯрданд.

3.2.2 Калимаҳои услуби баланд ва тарҷумаи онҳо

Вожаҳоро вобаста ба муассиру пуробуранг буданашон ба калимаҳои услуби баланд ва паст ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба он ки дар мундариҷаи калима баробари ифодаи маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, мансубиятҳои услубӣ боз то кадом андоза ҷилваҳои баланд ё пасти эҳсосӣ, иродавӣ ва ифоданокӣ таҷассум ёфтаанд, онҳоро мансуби услуби баланд ва ё пасти нигориш ва гуфтор ҳисобидан мумкин аст [73, 157].

Ба андешаи Ҳ. Маҷидов ба ҷумлаи луғати услуби баланд, ки дар онҳо оҳангу ҷилваҳои мусбати эҳсосиву иродавӣ ифода шудаанд, лиризмҳо, поэтизмҳо, архаизмҳо, неологизмҳо, як гурӯҳ экзотизмҳо ва ҳама гуна калимаҳои эвфемистӣ дохил мешаванд.

- булбули боғи ҷаҳон:

Ибораи **булбули боғи ҷаҳон,** ки бисёр малеҳ офаридааст Ҳофизи Шерозӣ, аз ҷониби Дик Дэвис чунин тарҷума шудааст: «*the nightingale whose songs are heard everywhere - булбуле, ки сурудаш ҳама ҷо шунида мешавад».* Мо меандешем, ки тарҷумаи Дик Дэвис бисёр шоирона ва муваффақона тарҷума шудааст.

Эй гулбуни ҷавон, бари давлат бихур, ки ман
Дар сояи ту **булбули боғи ҷаҳон** шудам [119, 289].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Rejoice, young sapling, in your glory,
For in your shadow there
I am **the nightingale whose songs**
Are heard now everywhere [158, 2].

- хандаи ҷоми май:

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» хандаи ҷом киноя аз рахшандагии май аст. Дик Дэвис ҳамин ифодаро *«the laughing cup - хандаи қадах, ҷом» ва Р. Блай ва Л. Левисон «the laughter of the wine - хандаи май»* тарҷума мекунанд, ки ҳарчанд тарҷума таҳтуллафзӣ аст, аммо мувофиқ аст.

Хандаи ҷоми маю зулфи гиреҳгири нигор,
Эй басо тавба, ки чун тавбаи Ҳофиз бишикаст [119, 76].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

So take **the laughing cup**, raise it in your hand,
Caress your lover`s curls, and say Hafez has spoken;
How many vows of abstinence the world has seen
So fervently affirmed, and –like Hafez`s –broken [158, 4].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The laughter of the wine, and the disheveled curls
Of the One We Love….How many nights of repentance-like
Hafez`s- have been broken by moments like this? [164, 8].

- гӯйи тавфиқу каромат:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «**гӯй**» чунин маънидод шудааст: «1. Кулулаи аз ресмон ё чӯб сохташуда, ки бо чавгон бозӣ мекунанд, тӯби чавгон, тӯб. 2.ҳар чизи кулӯла...» [145, 401]. Гертруда Белл ин ифодаро чунин тарҷума кардааст: «*the ball of generosity - тӯби саховат ва каромат».*

Гӯйи тавфиқу каромат дар миён афкандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд [119, 170].

Тарҷумаи Гертруда Белл:

And when did kindness end? What brought
The sweetness of our town to naught?
The ball of generosity
Lies on the field for all to see-
No rider comes to strikeit; where
Is everyone who should be there [160, 7].

- рақсидани сарв:

Мурод аз **рақсидани сарв** ҷунбиши шоху баргҳои сарв аст. Тарҷумон Дик Дэвис ҳамин ифодаро *«a cypress swaying - ҷунбиши сарв, ҷилва»*, Гертруда Белл бошад, *«the joy of the cypress - шодии сарв»* тарҷума кардаанд, ки ҳарду дурустанд.

Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад [119, 164].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

A cypress swaying, and a rose unfolding,
Without a nightingale`s melodious scolding
That isn`t good [158, 5].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

The joy of the cypress her opening bud to greet,
Nor dancing of boughs nor blossoming rose were fair [160, 123].

- дар ғунчаи ҳанӯзу садат андалеб ҳаст:

Мурод аз ин мисраъ он аст, ки ту ҳоло хеле ҷавонӣ, аммо талабгорат зиёд аст. Дик Дэвис ин мисраи бисёр олиҷанобро чунин тарҷума кардааст: «*You`re still a bud and yet a hundred Nightingales entreat you-ту ҳоло ғунчаӣ ва садҳо булбулон туро зорӣ доранд».* Р. Блай ва Л. Левисон бошанд, ин мисраро ба Дик Дэвис наздик тарҷума кардаанд: « *You are a rose still closed, and yet a hundred nightingales have arrived –Ту ҳанӯз гули пӯшидаӣ ва аллакай садҳо булбулон расиданд».*

Рӯйи ту кас надиду ҳазорат рақиб ҳаст,
Дар ғунчаӣ ҳанӯзу садат андалеб ҳаст [119, 89].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

No one has seen your face, and yet
Thousands of rivals seek you;
You`re still a bud and yet a hundred
Nightingales entreat you [158, 12].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Р.Блай ва Л. Левисон:

No one has ever seen your face, and yet a thousand
Doorkeepers have arrived. **You are a rose still closed,**
And yet a hundred nightingales have arrived [164, 11].

- гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком:

Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин ифода бисёр ҷолиб тарҷума кардааст: «*Wine in my glass, and roses in my arms, my lover near me - шароб дар даст ва садбарг дар даст, ёрам дар барам».*

Гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком аст,
Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст [119, 73].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Wine in my glass, and roses in my arms,
my lover near me-

On such a day the world`s great king would be
my slave and fear me [158, 16].

- камоли сидқи муҳаббат бибин:

Мурод аз камоли сидқи муҳаббат дидан, яъне афзалиятҳои ишқро дида тавонистан аст. Дик Дэвис ҳамин ифодаро чунин тарҷума мекунад: «**See love in its totality** - муҳаббатро ба пуррагӣ бин».

Камоли сидқи муҳаббат бибин, на нақси гуноҳ,
Ки ҳар кӣ беҳунар афтад, назар ба айб кунад [119, 184].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Don`t only look at faults and weaknesses,
See love in its totality-
It`s the untalented who always notice
Transgressions and deformity [158, 50].

- ишқи ту ниҳоли ҳайрат омад:

Мурод аз ин ифода ин аст, ки муҳаббати ту мисли як ниҳолест, ки басо зебост ва ҷавон. Дик Дэвис ҳамин ифодаро чунин тарҷума мекунад: «*My love for you is like a youthful tree of wonder - муҳаббати ман бароят мисли дарахти ҷавонест, пур аз ҳайрат».*

Ишқи ту ниҳоли ҳайрат омад,
Васли ту камоли ҳайрат омад [119, 172].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

My love for you is like a youthful tree
Of wonder
And meeting you is all that there can be
Of wonder [158, 53].

- сад мулки дил ба ними назар харидан:

Дар тарҷумаи Дик Дэвис ҳамин мисраъ чунин ифода ёфтааст: « *One glance can buy a hundred different forms Of honor`s name-як нигоҳ метавонад, ки садҳо номи шарафро харид».*

Сад мулки дил ба ними назар метавон харид,
Хубон дар ин муомила тақсир мекунад [119, 194].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

One glance can buy a hundred different forms
Of honor`s name-
And in this business it`s the pretty girls
who are to blame [158, 57].

- **useless coin**: тангаи беқадр: Дик Дэвис ҳамин ифодаро бисёр ҷолиб тарҷума кардааст: «useless coin-тангаи муҳаққар ё тангаи бефоида».

Ҷон **нақди муҳаққар** аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад [119, 164].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The soul`s a **useless coin**, Hafez-not worth
Your casting, as an offering, on the earth that isn`t good [158, 5].

- субҳдам ба бӯйи васли ту ҷон боздод бод:

Мурод аз ин мисраъ ин аст, ки вақте субҳ дамид, ба умеди бӯйи васлат боз ҷон дамид. Ҳамин мисраъро Дик Дэвис чунин тарҷума ққкардааст: «*inhale your scent brought in the dawn upon the wind - нафас кашидани бӯйи ту, ки субҳ бо бод омадааст, хуш аст».*

Аз даст рафта буд вуҷуди заифи ман,
Субҳдам ба бӯйи васли ту ҷон боздод бод [119, 118].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

My frail existence vanishes;
But may my soul rejoice again

And see you, and **inhale your scent**
Brought in the dawn, upon the wind [158, 31].

- **Пайванди умр ба мӯй баста аст,** яъне умр бисёр кӯтоҳ аст ва ҳар лаҳза ришгаи зиндагӣ метавонад канда шавад. Дик Дэвис ҳамин ифодаро айнан тарҷума мекунад ва ин бисёр аҷоиб баромадааст: «life hangs by a hair-ҳаёт ба тори мӯй овезон аст».

Пайванди умр баста ба мӯест, ҳуш дор,
Ғамхори хеш бош, ғами рӯзгор чист? [119, 90].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

And understand, **life hangs here by a hair**;
That what you have to do
Is take care of yourself; since what are Time
And all its griefs to you? [158, 38].

- дар баҳр чу моҳӣ фитодаам:

Дар баҳр фитодаам чу моҳӣ,
То ёр маро ба шаст гирад [119, 153].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

I was a fish, I fell
Into the sea
So that my lover`s hook
Would lodge in me [158, 45].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Р.Блай ва Л. Левисон:

I have fallen like a fish into deep water
In the hope that the Friend will catch me in this net [164, 25].

- ба дасти мардуми чашм аз рухи ту гул чидан:

Р. Блай ва Л. Левисон ин мисраъро чунин тарҷума кардаанд: «let the man inside your eye reach out and take roses from Your face - иҷоза бидеҳ, ки чашмонатро ба даст орам ва аз рӯят гул чинам».

Муроди дил зи тамошои боғи олам чист?
Ба дасти мардуми чашм аз рухи ту гул чидан [119, 345].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

What is our purpose in admiring the garden
Of this world? The answer is: **let the man inside**
Your eye reach out and take roses from Your face [164, 21].

3.2.3. Калимаҳои услуби паст ва тарҷумаи онҳо

Аслан дар ғазалиёти Ҳофиз услуби пасте, ки бисёр дағал бошад, умуман вонахӯрдем. Аммо Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки аз мумтозтарини ғазалсароҳост, баъзе суханҳои дағалгуфторҳоро пӯшида гуфтааст:

- Бирав ба кори худ:

Бо кори худ машғул шав. Дик Дэвис ҳамин ифодаро дар забони англисӣ бисёр дуруст тарҷума кардааст: «*Go, mind your business - бирав, бо кори худ шуғл варз».*

Бирав ба кори худ, эй воиз, ин чӣ фарёд аст?
Маро фитод дил аз раҳ, туро чӣ афтодаст? [119, 65].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

Go, mind your own business, preacher! What`s all
This hullabaloo?
My heart has left the road you travel, but
What`s that to you? [158, 18].

Дар тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон ин байт бисёр тундтар тарҷума шудааст. «*Wine is forbidden - май манъ аст, яъне ин тарҷумаи тарки ишқро дорад. Also I don`t listen to every jaskass - ман ба ҳар хар гӯш намекунам*». Ҳарчанд дар ғазали худи Ҳофиз вожаи «**хар**» нест, дар ғазал вожаи «бародар» аст, аммо Р. Блай ва Л. Левисон онро ба шакли дигар тарҷума кардаанд. Дар тарҷумаи Дик Дэвис ин чунин тарҷума дорад: «*Give up wine -*

шаробро тарк кун, why should I listen to these donkeys braying - чаро ман ба ин гуна харҳо гӯш диҳам».

Носеҳ ба таън гуфт, ки «Рав, тарки ишқ кун»,
Муҳтоҷи ҷанг нест, бародар, намекунам [119, 316].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

The counselor spoke contemptuously to me;
He said, «Wine is forbidden, period». «I agree
With you», I said. «Also I don`t listen to every jaskass» [164, 51].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Дик Дэвис:

The preacher told me, «**Give up wine**»-contempt was
In the saying;
«Sure», I replied. **Why should I listen to these**
donkeys braying?
No, I won`t do it [158, 48].

- ки ҳеҷаш лутф дар гавҳар набошад:

Дар тарҷумаи Дик Дэвис ҳамин ифода чунин тарз тарҷума ёфтааст: «*Must have a brutal soul devoid of charity-бояд қалби ноинсонае дошта бошад, ки кушодадил нест».*

Касе гирад хато бар назми Ҳофиз,
Ки ҳеҷаш лутф дар гавҳар набошад [119, 163].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

The man who`d criticize
Hafez`s poetry
Must have a brutal soul
Devoid of charity [158, 21].

- ҳар чӣ бодо, бод:

Ҳамин ифодаро Дик Дэвис бо идиомаи «**come what may** - ҳар чӣ бодо бод!» тарҷума кардааст, ки бо матни асл мувофиқати пурра мекунад.

Шаробу айши ниҳон чист? Кори бебунёд,
Задем бар сафи риндону **ҳар чӣ бодо, бод!** [119, 126].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

What`s all this hiding happiness and wine away?
I`ve lined up with the libertines now, **come what may** [158, 32].

- сару хишт:

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» сару хишт бар маънии сарро ба хишти девор задан аст, вақте чизеро дарк накардӣ. Дик Дэвис ин ифодаро «to blame-маломат кардан тарҷума мекунад». Гертруда Белл бошад, «brick» тарҷума мекунад.

Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: «**Сару хишт**!» [119, 101].

Тарҷумаи Дик Дэвис:

I bow my head in worship on the bricks
That form the wine-shop`s threshold;
And if that blockhead doesn`t get it, then
It`s him who is **to blame** [158, 34].

Тарҷумаи ҳамин байт аз ҷониби Гертруда Белл:

All you that misconstrue my words` intent,
I lie on **the bricks** of the tavern floor,
And **a brick** shall serve me for argument [160, 116].

- нақш ғалат хондан: нодуруст шарҳ додан.

Р. Блай ва Л. Левисон ин ибораро чунин тарҷума кардаанд: «Don`t take our language seriously - забони моро ҷиддӣ қабул макун, ё ҳарфи моро ҷиддӣ қабул манамо».

Гуфтӣ, ки, Ҳофиз, ин ҳама рангу хаёл чист?
Нақш ғалат махон, ки ҳамон лавҳи содаем [119, 326].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

«Hafez,» you say, «what about all your intriguing colors
And ingenious fantasies?» **Don`t take our language seriously.**
We are a clean slate on which nothing has been written [164, 4].

- бирав:

Р. Блай ва Л. Левисон ҳамин вожаи «**бирав»**-ро чунин тарҷума кардаанд: «Go ahead and be who you are - рафтанро идома бидеҳ ва бо худ бош!». Дар дигар байт тарҷумонони мазкур ин вожаро ин тарз тарҷума кардаанд: «**Go away -** рав!»

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хурда магир,
Ки надоданд ҷуз ин туҳфа ба мо рӯзи аласт [119, 76].

Тарҷумаи Р.Блай ва Л. Левисон:

Whether I am good or bad is not exactly to the point.
Go ahead and be who you are. This world we live in
Is a farm, and each of us reaps our own wheat [164, 33].

Эй муддаӣ, **бирав**, ки маро бо ту кор нест,
Аҳбоб ҳозиранд, ба аъдо чӣ ҳоҷат аст? [119, 64].

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

Go away, you false face, I want nothing
To do with you. Lovers with true hearts
Are with us. Why should we need people like you? [164, 38].

Ман ҳамон дам, ки вузӯ сохтам аз чашмаи ишқ,
Чор такбир задам яксара бар ҳар чӣ, ки ҳаст [119, 75].

- **Чор такбир задан**, яъне ба куллӣ тарк кардани амале ё чизе.

Дар «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз» **чор такбир** чунин маънидод мешавад: «чор такбир - намози майит дорои чаҳор такбир аст ва дар истилоҳ ҳар чизе, ки таркаш ба куллӣ лозим бошад, гӯянд чор такбир задам, яъне аз он

гузаштам» [169, 190]. Р. Блай ва Л. Левисон чунин тарҷума кардаанд: «Four times over the world, as over a corpse - чор маротиба гирди ҷаҳон ва чор маротиба гирди майит».

Тарҷумаи Р. Блай ва Л. Левисон:

> That very moment when I washed myself in the Spring
> Of Love, that very moment I said, «God is great!»
> **Four times over the world, as over a corpse** [164, 43].

Хулосаи боби сеюм

